**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

**National Legislation Center under the President of the Republic of Tajikistan**

# Қонунгузорӣ
# Законодательство
# Legislation

**№2 (30), 2018**
**апрель – июнь**

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 31 майи соли 2018 ба Номгӯи маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд. Дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Базаи маълумотҳои таҳлилии – Шохиси илмии тақризшавандаи Россия ворид карда шудааст.

Нашрияи мазкур дар ҳамкории муштарак бо Барномаи «Мусоидат ба давлатдории ҳуқуқӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ»-и GIZ (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) нашр мешавад.

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ) барномаи мазкурро бо супориши Вазорати федералии ҳамкории иқтисодӣ ва рушди Олмон (BMZ) иҷро менамояд.

Хулосаю ақидаҳо ва шарҳу тафсири дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, бе ягон шарт мавқеи GIZ ё BMZ-ро инъикос наменамоянд.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯши чакана бароварда мешавад.

* * *

Журнал «Законодательство» Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан 31 мая 2018 года включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии (ВАК) при Президенте Республики Таджикистан. Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал включен в Аналитическую базу данных – Российский индекс научного цитирования (РИНЦ).

Данное издание публикуется совместно с Программой GIZ «Содействие правовой государственности в странах Центральной Азии».

Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH (Германское общество по международному сотрудничеству) осуществляет эту программу по заказу Федерального министерства экономического сотрудничества и развития Германии (BMZ).

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию GIZ или BMZ.

В розничную продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

german cooperation
DEUTSCHE ZUSAMMENARBEIT

giz Deutsche Gesellschaft für Internationale Zusammenarbeit (GIZ) GmbH

**Сармуҳаррир**
**Главный редактор**

**Идизода Файзалӣ Фузайлшо** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**Ҳайати таҳририя**
**Редакционная коллегия**
Раҳимзода М.З.,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
узви вобастаи АИ ҶТ
доктор юридических наук, профессор,
член корреспондент АН РТ
Алимов С.Ю.,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
Баҳриддинзода С.Э.,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
(муовини сармуҳаррир)
кандидат юридических наук, доцент
(заместитель главного редактора)
Саидзода И.Ҳ.,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук
Бобоҷонзода И.Ҳ.,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
доктор юридических наук, доцент
Букалерова Л.А.,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
доктор юридических наук
Маҷидзода Ҷ.З.,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
Муртазокулов Ҷ.С.,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
Попондопуло В.Ф.,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
профессор, Арбоби шоистаи илми ФР
доктор юридических наук, профессор
Заслуженный деятель науки РФ
Ғафуров А.Д.,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
Шонасридинов Н.,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
Меликов У.А.,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук

**Шӯрои машваратӣ**
**Редакционный совет**
Раҳмон Озода Эмомалӣ,
Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Руководитель Исполнительного аппарата
Президента РТ,
кандидат юридических наук
Ватанзода Маҳмадалӣ Маҳмадулло,
Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои
ҳуқуқӣ-намояндаи комилҳуқуқи Президенти ҶТ
дар Маҷлиси Олии ҶТ
Помощник Президента РТ по правовой
политике-полномочный представитель
Президента РТ в Маджлиси Оли РТ
Раҳмон Юсуф Аҳмадзод,
Прокурори генералии ҶТ
Генеральный прокурор РТ
Маҳмудзода М.А.,
Раиси Суди конститутсионии ҶТ
профессор, академики АИ ҶТ
Председатель Конституционного суда РТ
профессор, академик АН РТ
Шермуҳаммад Шоҳиён,
Раиси Суди Олии ҶТ
Председатель Верховного суда РТ
Қаландарзода М.С.,
Раиси Суди Олии иқтисодии ҶТ
Председатель Высшего экономического суда РТ
Ализода З.,
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Уполномоченный по правам человека в РТ
доктор юридических наук, доцент
Саидвализода Б.С.,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук
Худоёрзода Б.Т.,
Раиси комиссияи марказии интихобот ва
райъпурсии ҶТ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Председатель Центральной комиссии по
выборам и референдумам РТ
кандидат юридических наук, доцент

Муҳаррирон: Шодиев Ҳ.,
Редакторы: Таиров С.С.

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода намекунад. Масъулият барои интихоб ва дақиқии фактҳо, далелҳо ва иқтибосҳо бар дӯши муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад ва онҳо баргардонида намешаванд.

Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Точки зрения редакционной коллегии и авторов не всегда совпадают. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются.

При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна.

МУНДАРИҶА СОДЕРЖАНИЕ

**НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01)**
**ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ГОСУДАРСТВА И ПРАВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)**

*Бобокалонов Ғоиб Мерганович* Инкишофи қонунгузорӣ оид ба интизоми меҳнат ва таҳкими он дар муносибатҳои меҳнатӣ....................6

**ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (ИХТИСОС: 12.00.02)**
**КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)**

*Ализода Зариф* Зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти қонунгузорӣ» ....................14

**ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛА; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ХУСУСӢ (ИХТИСОС: 12.00.03)**
**ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.03)**

*Абдуджалилов Абдуджабар* Вещные права в Интернете. Возможное в невозможном ....................19
*Бойматова Дилобар Пулотовна* Мировой опыт государственно-правового регулирования экономических отношений....................24
*Исмоилова Мадина* Процесс формирования и совершенствования законодательных актов по защите смежных прав в Республике Таджикистан ....................30
*Назаров Дустмурод* Ҷанбаҳои ҳифзи гражданӣ-ҳуқуқии фолклор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ....................39
*Саидзода Изатулло Ҳабибулло*, *Мирзоева Нозанин Нуриддиновна* Татбиқи падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ....................43
*Табаров Неъмон Амонович* Риск в договоре коммерческой концессии .................... 47

**ҲУҚУҚИ МОЛИЯВӢ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ (ИХТИСОС: 12.00.04)**
**ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.04)**

*Муртазокулов Джамшед Саидалиевич* К вопросу о понятии и значении налогового контроля ....................50

**ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ, ҲУҚУҚИ АГРАРӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ (ИХТИСОС: 12.00.06)**
**ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.06)**

*Соҳибов Муҳаммадҷон Маҳмадалиевич* Мафҳум ва моҳияти баҳсҳо оид ба қитъаи замин дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон....................55

*Ҳамдамзода Сироҷиддин Бахтиёр* Доир ба масоили идоракунии муштараки ҷангал тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ..........................................62

**ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08)**
**УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ;**
**УГОЛОВНО–ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)**

*Бахриддинзода Субҳиддин Эсо* Зарурияти модернизатсияи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ..........................................................................68
*Мирзоахмедов Фирдавс Ахмадович* К вопросу об определении непосредственного объекта терроризма (террористического акта) по уголовному законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации ..........................................................................73
*Раҷабов Равшан* Самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм ..........................................................................79

**ҲУҚУҚИ БАЙНАЛХАЛҚӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ (ИХТИСОС: 12.00.10)**
**МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО**
**(СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)**

*Раҷабов Маҳмадёр Носирович* Нақши шартномаи байналмилалӣ дар танзими ҳуқуқии истифодабарии обҳои фаромарзӣ ..........................................................................85
*Маҳмадшоев Фарҳод Абдураҳмонович, Олифтаев Имомдод Ғуломэсуфович* Механизмҳои тафтишоти дуҷониба роҷеъ ба вайронкунии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ ..........................................................................94

**ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ПРОКУРОРӢ; ФАЪОЛИЯТИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ВА ФАЪОЛИЯТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ (ИХТИСОС: 12.00.11)**
**СУДЕБНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРОКУРОРСКАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ПРАВОЗАЩИТНАЯ И ПРАВООХРАНИТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.11)**

*Муродзода Ардашер Алишер* Основные институциональные характеристики судебной власти Республики Таджикистан ..........................................................................100

**ТАҶРИБАИ ХОРИҶӢ ЗАРУБЕЖНАЯ ПРАКТИКА**

*Мадалиев Рустам Каримович* Совершенствование контроля за органами государственного управления в новом законе Об административных процедурах Кыргызской Республики..........................................................................105

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ**

*Носиров Дилшод* Коррупсия: хавфҳо ва омилҳои бавуҷудоварандаи он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ..........................................................................111
*Ҳамидзод Манучеҳр Бобоҷон* Баъзе аз паҳлӯҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ дар даврони Истиқлолият ..........................................................................116
*Зоҳидова Дилором Абдураҳимовна* Конститутсия ва рушди қонунгузории молия ....121

**ГУНОГУН** **РАЗНОЕ**

***Ризоева Ситора Кишваровна*** «Иқтисоди сабз» - сарчашмаи Паём ........................126
***Давлатов Азаматҷон Неъматуллоевич*** Таҳсилоти фосилавӣ ҳамчун низоми муосири таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ..............................................................130
***Нуров Ҳофиз Пирмаҳмадович, Ромиз Ҷабборӣ , Ёров Абдулваҳҳоб Абдулвоҳидович, Анушервони Исрофил*** Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории соҳаи нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории нафақаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ..............................................................135

***Раҳимзода Маҳмад Забир*** Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ (Русско-таджикский словарь юридических терминов) ...................................................148

**ТАФСИР** **КОММЕНТАРИЙ**

Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» ..........................152

**ТАҶРИБАИ СУДӢ** **СУДЕБНАЯ ПРАКТИКА**

Ҷамъбасти амалияи судии баррасии парвандаҳои оилавӣ дар бораи эътироф намудани аъзои оила ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, ки аз тарафи судҳои шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ва нимсолаи аввали соли 2017 баррасӣ гардидаанд......................................................................158

**ТАҚРИЗ** **РЕЦЕНЗИЯ**

***Идизода Файзалӣ Фузайлшо*** Тақриз ба монографияи С.А. Раҷабов ва Ф.Н. Ҷабборов «Масоили актуалиии ҳуқуқи байналмилалии об». – Душанбе: 2018. – 270 с. ..........163

**ИТТИЛООТ** **ИНФОРМАЦИЯ**

Хӯшхабар.......................................................................................................................166
Мизи мудаввар дар мавзӯи «Пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».............................................................................................................166
Мизи мудаввар дар мавзӯи «Нақши Ваҳдати миллӣ дар пешрафти давлатдорӣ ва инкишофи қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»...............................................168

# НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ДАВЛАТ ВА ҲУҚУҚ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ (ИХТИСОС: 12.00.01)
# ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ГОСУДАРСТВА И ПРАВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.01)



**Бобокалонов Ғоиб Мерганович,**
*сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.ҳ., досенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ*

## ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА ИНТИЗОМИ МЕҲНАТ ВА ТАҲКИМИ ОН ДАР МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузорӣ оид ба меҳнат, Кодекси қонунҳо оид ба меҳнат, интизоми меҳнат, шартномаи меҳнатӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

***Ключевые слова:*** *трудовое законодательство, Кодекс законов о труде, трудовая дисциплина, трудовой договор, трудовые отношения, Постановление Правительства Республики Таджикистан.*

***Keywords:*** *labor legislation, Labor Code, labor discipline, labor contract, labor relations, Decree of the Government of the Republic of Tajikistan.*

Дар баробари дигаргун ва мураккаб гаштани муносибатҳои ҷамъиятии ҷомеа, нуфуз ва нақши қонунгузорӣ оид ба меҳнат меафзояд ва барои ба танзим даровардани онҳо зарурати таҷдиди назар намудани қонунгузорӣ ба миён меояд.

Дар давраи пасошӯравӣ (пас аз солҳои 1990) дар иртибот бо дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, ислоҳоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, дар ташаккулу инкишофи қонунгузорӣ оид ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нав оғоз гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ дар соҳаи меҳнат санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногунро қабул намудааст, ки онҳо метавонистанд ва имрӯз метавонанд дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ нақши назаррасро бозанд.

Яке аз масъалаҳои мубрам дар он давра тақвият бахшидан ба интизоми меҳнат маҳсуб меёфт.

Дар аксарияти соҳаҳо дағалона вайрон намудани интизоми меҳнат баръало дида мешуд. Аз ин рӯ, зарурати андешидани чораҳои интизомӣ нисбати баъзе гурӯҳи кормандон, ки ҳамчун вайронкунандаи интизоми меҳнат маҳсуб меёфтанд, ба миён омад.

Бо мақсади такмил додани қонунгузорӣ оид ба интизоми меҳнат ва ҷиҳати таҳким бахшидан ба он, инчунин барои фароҳам овардани шароит зимни гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ ва устувории иқтисодиёт, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои мустаҳкам намудани интизоми меҳнат»[1] аз 3 январи соли 1992, № 481 қабул ва мавриди амал қарор дода шуда буд.

Қисми 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои мустаҳкам намудани интизоми меҳнат» барои дар ҳолати бе сабабҳои узрнок ба кор ҳозир нашудан дар давоми рӯзи корӣ, дар ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда ҳозир шудан ба кор, ба корфармо ҳуқуқи ба кори дигари муздаш паст ё ба мансаби паст гузаронидани кормандро ба муҳлати аз шаш моҳ то як сол пешбинӣ намуда буд. Инчунин, дар он бо чунин кормандон манъ будани бекор намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси онҳо муқаррар шуда буд.

Дар сархати 2 қисми 1 Қонуни мазкур сухан дар бораи кам кардани рӯзҳои рухсатии меҳнатии корманд ва хизматчие, ки дар давоми рӯзи корӣ бе сабабҳои узрнок ба кор ҳузур надошт, мерафт.

Дар сархати 3 қисми 1 Қонуни мазкур бошад сухан дар бораи корманд ва хизматчие мерафт, ки дар сурати мунтазам вайрон намудани интизоми меҳнат аз кор озод карда шуданаш, прогул намудан бе сабабҳои узрнок, барои гирифтани мукофотпулӣ дар ҷойи нави корӣ дар давоми сол, дар ҳаҷми танҳо 50 фоиз иҷозат дода мешуд.

Зарари дар сурати прогул расонидашуда, зарари воқеӣ маҳсуб меёфт ва аз ҷониби корманд ё хизматчӣ бо пуррагӣ барқарор карда мешуд.

Тибқи қисми 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои мустаҳкам намудани интизоми меҳнат» нисбати роҳбарони корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва дигар шахсони мансабдоре, ки ба пинҳон намудани фактҳои прогул кардан ва вайрон намудани дигар намудҳои интизоми меҳнат, инчунин иҷозат додан оид ба пардохти музди меҳнати кормандоне, ки дар рӯзҳои корӣ дар ҷойи кор нестанд роҳ медоданд, муҷозоти зерини интизомӣ татбиқ карда мешуданд: ба мансаби паст гузаронидан ба муҳлати аз се моҳ то як сол, ё дар сурати чунин кирдор зарари моддӣ расонида шудааст, ҷавобгарии моддӣ дар ҳаҷми зарари расонидашуда, на зиёда аз музди меҳнати думоҳа татбиқ мешуд. Меъёри мазкур бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997, № 417 аз эътибор соқит дониста шуд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои мустаҳкам намудани интизоми меҳнат» тайи 32 сол мавриди амал қарор дошт ва 25 марти соли 2011, № 685 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба аз эътибор соқит донистани он қабул карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки риоя накардани қоидаҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур, вайрон кардани меъёрҳои муқаррарнамудаи он, яъне вайрон намудани қоидаҳои тартиботи дохилӣ-интизоми меҳнат, на танҳо асоси бо ташаббуси корфармо бекор намудани шартномаи меҳнатӣ ё татбиқи дигар намуди ҷавобгарии интизомӣ нисбати корманд ё хизматчӣ маҳсуб меёфт, балки ҳамчун асос барои пешгирӣ ва рафъ намудани заминаи пойдоиш ва нуфуз пайдо кардани ҳолатҳои қонунвайронкуниро дар муносибатҳои меҳнатӣ, алалхусус дар қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ба шумор мерафт.

Дар Тоҷикистони Шӯравӣ пас аз Инқилоби сотсиалистии октябрӣ, аввалин маротиба 1 январи соли 1940 бо номи Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон, дар асоси Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Узбекистон нашр мешавад, ки яке аз манбаъҳои кодификатсияшудаи ҳуқуқи меҳнат маҳсуб шуда, асосҳои сиёсати Тоҷикистони мустақилро дар бахши меҳнат муайян намуда, кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро муқаррар менамуд ва ба таъмини риояи манфиатҳои қонунии кормандон, корфармоён ва давлат нигаронида шуда буд, ки ба тамоми субъектони муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар соҳаҳои РСС Тоҷикистон зиёда аз 30 сол хизмат намудааст.

Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон соли 1940 аз лиҳози сохт, ҳаҷм ва мазмун ба талаботи замони худ ҷавобгӯ буда, 17 боб ва бо тартиби рақамгузорӣ 192 моддаро дарбар мегирифт, аммо дар асл аз 215 модда иборат буд, чунки дар ҳошияҳои моддаҳои мухталифи он тавзеҳҳоти ба онҳо алоқаманд оварда шуда буданд.

Маҳз тавассути омӯзиш ва пажӯҳиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои зикршуда, бобҳои

Кодекси қонунҳо оид ба меҳнат РСС Тоҷикистон соли 1940 бо тартиби рақамгузории римӣ муқаррар шуда буданд, моддаҳои он бошанд, на ҳамчун модда, балки ҳамчун бандҳо бо тартиби рақамгузории арабӣ муқаррар шуда буданд. Ибораи модда дар кодекси мазкур инъикос нагардида буданд. Ҳамчунин, дар бобҳои алоҳидаи Кодекси мазкур, 9 Замима аз дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оварда шуда буданд.

Ҳолатҳои асосие, ки боиси татбиқи ҷазои интизомӣ мешуданд, дар боби 3 «Дар бораи тартиботи меҳнатӣ ва татбиқи ҷазои интизомӣ нисбати шаҳрвандони РСС Тоҷикистон*[1], ҷой дода шуда буданд.

Агар ба мафҳуми қонунгузорӣ оид ба меҳнати солҳои 1970-1980 аҳамият диҳем, он ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқии муқаррарнамуда ва кафолатдодаи давлати сотсиалистӣ тавсиф мешуд, ки то пош хӯрдани давлати шӯравӣ амал карда, заминаи инкишофи қонунгузориҳои нав оид ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Кодекси қонунҳо оид ба меҳнат РСС Тоҷикистон 16 июни соли 1972 дар Сессияи сеюми Совети Олии РСС Тоҷикистон даъвати ҳаштум қабул карда шуд[2].

Ҳаминро зикр намудан лозим меояд, ки то қабули кодекси мазкур, Кодекси қонунҳо оид ба меҳнат РСС Тоҷикистон соли 1940 амал мекард, ки рӯйи коғаз оварда нашуда буд.

Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон соли 1972 яке аз манбаъҳои кодификатсияшудаи қонунҳои советӣ оид ба меҳнат маҳсуб шуда, муносибатҳои меҳнатии ҳамаи коргарон*[2] ва хизматчиёнро ба тартиб даровარда, афзоиши маҳсулнокии меҳнат, самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва дар ҳамин асос баланд бардоштани дараҷаи моддӣ ва мадании ҳаёти меҳнаткашон, мустаҳкам шудани интизоми меҳнатӣ ва тадриҷан ба нафъи ҷамъият, ба талаботи аввалини ҳаётии ҳар як шахси қобилӣ меҳнат табдил ёфтани меҳнат мадад расонида, дараҷаи баланди шароити меҳнат, муҳофизати ҳаматарафаи ҳуқуқҳои меҳнатии коргарон ва хизматчиёнро муқаррар менамуд, ки зиёда аз 24 сол хизмат намудааст.

Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон соли 1972 аз лиҳози сохт, ҳаҷм ва мазмун ба талаботи замони шӯравӣ ҷавобгӯй буд ва 19 боб ва бо тартиби рақамгузорӣ 255 моддаро дарбар мегирифт. Яке аз институтҳои Кодеки мазкур боби 10 "Интизоми меҳнат"[5] маҳсуб меёфт, ки моддаҳои 128-142-ро дарбар мегирифт.

Дар давраи мавриди амал қарор доштани Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон соли 1972, ба он тағйироту иловаҳо ворид шуда буданд, аз ҷумла: бо Указҳои Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 31.10.1973, аз 29.05.1975, аз 29.01.1976, аз 31.03.1977, аз 17.03.1978, аз 28.05.1981, аз 28.08.1982, аз 26.07.1984, аз 13.06.1986, аз 09.11.1987, аз 31.03.1988 ва бо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992, № 10, моддаи 141; соли 1994, № 9-12, моддаи 184; № 15-16, моддаи 270; № 19 - 20, моддаи 415; № 23-24, моддаи 466 (Ахбори Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон)[6].

Масалан, ба моддаи 137 "Мӯҳлат ва тартиби додани ҷазои интизомӣ", тағйироту иловаҳо бо таҳрири мафҳуми, ба ҷазои интизомӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун эътироз кардан мумкин аст, илова гардид[7]. Инчунин, ба моддаи 36 "Бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси маъмурият"*[3] чунин тағйироту иловаҳо ворид шуда буд, аз ҷумла дар таҳрири банди

*[1]Эзоҳ: Боби 3 аз 4 модда иборат буд (моддаҳои 11-14).

*[2]Эзоҳ: То қабули Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистони соли 1997, хусусан дар Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон соли 1972 ибораҳои "коргар-коргарон", "коркун-коркунон" истифода бурда мешуд, дар бобу моддаҳои Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистони соли 1997, мафҳум ва ибораҳои "корманд-кормандон", мавриди истифода қарор гирифт, ки он дар Кодекси амалкунанда низ истифода мешавад.

*[3] Эзоҳ, дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистони соли 1997 (моддаи 46) бекор намудани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо,ва Кодекси амалкунанда (моддаи 42) бекор намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо, номгузорӣ шудааст.

4 моддаи 36 КҚоМ мафҳуми прогули бе сабабҳои узрнок (аз ҷумла ба кор дар ҳолати мастӣ омадан) муқаррар шуда буд. Бо Указа Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон 26 июли соли 1984 зери мафҳуми прогули бе сабабҳои узрнок (аз ҷумла дар давоми рӯзи корӣ зиёда аз се соат набудан) муқаррар шуд. Инчунин, дар моддаи мазкур бо Указа Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон 31 июли соли 1988, бандҳои нав, банди 7 дар ҳолати мастӣ, дар ҳолати сархушӣ аз нашъа ва ё моддаи заҳрнок ба кор омадан ва бо Указа Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон 13 июни соли 1986 ва банди 8 зери мафҳуми дар ҷои кор содир кардани дуздии (аз ҷумла дуздии майдаи) молу мулки давлатӣ ё ҷамъиятӣ, ки бо ҳукми ба қувваи қонунӣ даромадаи суд ё қарори органе, ки додани ҷазои маъмурӣ ё татбиқи чораҳои таъсиррасонии ҷамъиятӣ ба ваколати он дохил мешаванд, муқаррар карда шудааст, илова гардид.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистони соли 1997 яке аз манбаъҳои кодификатсияшудаи ҳуқуқи меҳнат махсуб меёфт, ки мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои сиёсати давлатиро дар бахши меҳнат муайян намуда, кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро муқаррар менамуд ва ба таъмини риояи манфиатҳои қонунии кормандон, корфармоён ва давлат нигаронида шуда буд, ки он аз 18 боб 228 модда иборат буд ва қариб 20 сол мавриди истифода қарор дошт.

Дар давраи мавриди амал қарор доштанаш, ба он 10 маротиба тағйироту иловаҳо ворид шудааст, аз ҷумла: соли 1998, №23 – 24, мод. 340; соли 1999, №5, мод. 69; соли 2002, № 4 қ-1, мод. 185; соли 2004, №5, мод. 337; соли 2006, №3, мод.152; №4, мод. 195; соли 2009, № 5, мод.320; соли 2010, №7, мод.545; мод.549; соли 2011, №3, мод. 151; №12, мод. 842; соли 2012, №880; соли 2013, №981.[8].

Дар боби 9 Кодекс сухан аз хусуси интизоми меҳнат мерафт. Ҳамчун ба ҳайси нававарии ба моддаи 123 ин боб ворид намуда, ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки даст кашидан аз татбиқи танбеҳи қатъӣ ва ба кори муздаш камтар ё мансаби пасттар гузаронидани кормандон махсуб мегардид. Меъёри ба ҳайси нававарӣ ворид намуда, ҳол он ки тибқи муқаррароти Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистони соли 1972 татбиқ мешуд. Дар таҳрири нави қисми 1 моддаи 62 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистони соли 2016 ҳамчун муҷозоти интизомӣ барои вайрон намудани интизоми меҳнат қабулшуда, татбиқ мегардад[9].

Масалан, тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 136 Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистони соли 1972 пешбинӣ шуда буд, ки маъмурияти корхона, муассиса, ташкилот барои вайрон кардани интизоми меҳнат ҷазои зерини интизомиро татбиқ менамуд: 1) танбеҳ; 2) выговор; 3) выговори қатъӣ; 4) ба кори каммузд ба муҳлати то се моҳ гузаронидан ё ба ҳамон қадар муҳлат ба вазифаи пасттар фуровардан; 5) аз кор холӣ кардан (бандҳои 3 ва 4 моддаи 36). Кисми 2 моддаи мазкур бошад татбиқи дигар намуди ҷазои интизомиро барои категорияҳои алоҳидаи коргарон ва хизматчиён бо қонунҳои оид ба ҷавобгарии интизомӣ ва бо уставҳои оид ба интизом татбиқ намуданро пешбинӣ намуда буд.

Моддаи 123 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистони соли 1997 бошад, барои вайрон намудани интизоми меҳнат, яъне бо гуноҳи корманд иҷро нашудан ё ба таври лозима иҷро нашудани уҳдадориҳояш муҷозоти зерини интизомиро муқаррар намуда буд: 1) сарзаниш; 2) танбеҳ; 3) аз вазифа озод намудан (бандҳои 3, 4, 6, 7, 10, 11 қисми якуми моддаи 46-уми Кодекси мазкур). Дар меъёри мазкур татбиқи танбеҳи қатъӣ пешбинӣ нашуда буд.

Ба ҳайси нававарии дигар ба моддаи 123 ворид намуда ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки дар қисми 3 моддаи мазкур бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистони аз 26 декабри соли 2011, №778 чунин илова дароварда шуд «Истифодаи чораҳои таъсиррасонии интизомие, ки бо санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, оинномаи интизом пешбинӣ нашудаанд, манъ аст»[10]

Кодекси меҳнати феълан амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 июли соли 2016 қабул ва 28 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст. Кодекси мазкур аз

лиҳози сохт, ҳаҷм ва мазмун аз Кодекси қаблӣ тафовути назаррас дорад. Он аз 6 фасл, 41 боб ва 366 модда иборат аст.

Яке аз нуктаҳои муҳими муносибатҳо оид ба меҳнат ба танзим даровардани интизоми меҳнат маҳсуб меёбад, ки дар боби 5 КМ ҶТ муқаррар шудааст ва сухан дар бораи тартиботи меҳнатӣ ва интизоми меҳнат рафта, моддаҳои 59-65-ро дарбар мегирад.

Тибқи муқарраротиқисми 1 моддаи 62 КМ ҶТ, ки сухан дар он дар бораи ҷазои интизомӣ меравад, барои аз ҷониби корманд вайрон кардани интизоми меҳнат, корфармо ҳуқуқ дорад чунин намудҳои ҷазои интизомиро татбиқ намояд: 1)сарзаниш; 2)танбеҳ; 3)танбеҳи қатъӣ; 4)қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМ ҶТ ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Яъне, дар таҳрири нави қисми 1 моддаи 62 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистони соли 2016 ҳамчун муҷозоти интизомӣ танбеҳи қатъӣ барои вайрон намудани интизоми меҳнат қабул шуда, татбиқ мегардад.

Танзими муносибатҳои дар бахши интизоми меҳнат на танҳо тавассути кодексу қонунҳо, инчунин тавассути санадҳои зерқонунӣ сурат мегирад.

Вабаста ба ин талаботи махсус нисбат ба интизоми меҳнат дар мақомоти гуногуни давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, ки фаъолияти ин ё он мақомот ё соҳаро ба танзим медароранд, оварда шудаанд.

Қарори Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон аз 25 январи соли 1990 "Дар бораи тасдиқи Низомномаи ҷавобгарии интизомии судяҳо, даъват ва шартан пеш аз муҳлат озод намудани судяҳо ва машваратчиёни халқии судҳои РСС Тоҷикистон»[11] қабул шуда ва бо Қонуни РСС Тоҷикистон аз 24 апрелии соли 1990, тасдиқ карда шудааст[12], ки он то қабули Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистони «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи Ҷавобгарии интизомии судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистони» аз 14 декабри соли 1996, № 347 амал мекард.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 1997, № 452 Дар бораи «Оинномаи интизомии мақомоти политсияи андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки моҳияти интизомро дар мақомоти корҳои дохилӣ, намудҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазоҳои интизомӣ, ҳуқуқи сардорон ҷиҳати татбиқи онҳо, инчунин тартиби арзу шикоятро муайян менамуд.

Бо мақсади такмил додани қонунгузорӣ оид ба интизоми меҳнат ва таҳким бахшидани он дар муносибатҳои меҳнатӣ дар соҳаҳо, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2006 № 74«Дар бораи Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд», қабул карда мешавад.

Низомнома тартиби ҳавасмандкуниро барои муваффақиятҳои хизматии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти прокуратура, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд, инчунин тартиби ба ҷавобгарии интизомӣ кашиданро дар ҳолатҳои ба таври бояду шояд иҷро накардани вазифаҳои хизматӣ, вайрон кардани интизоми меҳнатӣ ва содир кардани кирдори бадномкунанда муқаррар менамояд.

Низомномаи мазкур танҳо ба кормандони мақомоти прокуратура, ки таҳсилоти олии ҳуқуқӣ ва рутбаҳои дараҷавӣ доранд, татбиқ мешавад.

Прокурорҳо ва муфаттишони ҳарбӣ, мувофиқи талаботи Оинномаи интизомии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ин Низомнома ҳавасманд ва ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешаванд.

Тибқи муқаррароти Низомнома, ҳуқуқи ҳавасманд кардан ва ҷазо додани прокурорҳо ва муфаттишони прокуратураи ҳарбиро Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд.

Мутобиқи муқаррароти Низомнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти интизомии прокурорҳо, муфаттишон ва дигар кормандони мақомоти прокуратураи

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рутбаҳои дараҷавӣ доранд, барои ба таври намунавӣ иҷро кардани вазифаи хизматӣ, ташаббусу фаъолиятнокӣ зоҳир намудан ва дигар хизматҳои шоёне, ки ба пурзӯр гардидани назората прокурорӣ, ошкор ва пешгирии ҷиноятҳо, таҳкими қонуният мусоидат мекунанд, кормандони прокурории рутбаҳои дараҷавӣ дошта, ҳавасманд ва мукофотонида мешаванд.

Ба намудҳои ҳавасмандгардонӣ ва мукофотдиҳӣ – раҳматнома, мукофотпулӣ, тухфа, тухфаи қимматбаҳо, баланд бардоштани рутбаи дараҷавӣ, бо Ифтихорномаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикисгон сарфароз гардонидан, ҷой додани сурати корманд дар "Лавҳаи фахрӣ", нишони сарисинагии "Корманди фахрии прокуратура" махсуб меёбанд.

Ба намудҳои ҷазои интизомӣ – сарзаниш, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ, паст кардани рутбаи дараҷавӣ, ба вазифаи пасттар гузаронидан, аз "Лавҳаи фахрӣ" гирифтани сурати корманд, маҳрум кардан аз нишони сарисинагии "Корманди фахрии прокуратура", аз кор озод кардан, аз мақомот хориҷ намудан ва аз кор озод кардан бо маҳрум сохтан аз рутбаи дараҷавӣ дохил мешаванд.

Ба сифати мисоли санадҳои зериқонунӣ, якчанд санадҳоро овардан мумкин аст, аз ҷумла:

-Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 сентябри соли 2008, № 532 бо тағйироту иловаҳо аз 14.01.2012, № 1222 «Дар бораи Оинномаи интизомии кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки моҳияти интизоми хизматиро дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки намудҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазоҳои интизомӣ, ҳуқуқи сардорон ҷиҳати татбиқи онҳо, инчунин тартиби арзу шикоят овардан ба ҷазоҳои интизомиро муайян мекунад;

-Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 1997, № 452 Дар бораи «Оинномаи интизомии мақомоти политсияи андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки моҳияти интизомро дар мақомоти корҳои дохилӣ, намудҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазоҳои интизомӣ, ҳуқуқи сардорон ҷиҳати татбиқи онҳо, инчунин тартиби арзу шикоятро муайян менамояд;

-Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006, № 424 Дар бораи «Оинномаи интизомии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки моҳияти интизомро дар мақомоти корҳои дохилӣ, намудҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазоҳои интизомӣ, ҳуқуқи сардорон ҷиҳати татбиқи онҳо, инчунин тартиби арзу шикоятро муайян менамуд амал мекард ва он аз 10 январи соли 2007 № 453 аз эътибор соқит дониста шуд;

-Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2011, № 507 Дар бораи «Оинномаи интизомии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон », ки моҳияти интизомро дар системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, намудҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазоҳои интизомӣ, ҳуқуқҳои сардорон ҷиҳати татбиқи онҳо, инчунин тартиби шикоят карданро нисбати онҳо муайян месозад;

-Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2014, № 692 бо тағйиру иловаҳо аз 01.04.2017, № 176 «Дар бораи Оинномаи интизомии мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки тартиби ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани кормандони мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон-ро, ки дорои рутбаи махсус мебошанд, барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби вазифаҳои хизматӣ ва вайрон намудани интизоми меҳнатӣ муқаррар менамояд.

Интизоми хизматӣ дар мақомоти гумрук - ин аз тарафи кормандони мақомоти гумрук ҳангоми иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда ва татбиқи ваколатҳояшон риоя намудани тартибот ва қоидаҳое мебошанд, ки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, савганд, қарордоди меҳнатӣ, дастурамали вазифавӣ, фармоишҳои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин фармоишҳои сардорони мустақим ва

бевоситаи мақомоти гумрук муқаррар намудаанд. Корманд ҳама гуна супориши хизматиро аз сардори бевоситаи худ мегирад ва ҳангоми аз сардори болоӣ гирифтани супориш вазифадор аст бо огоҳ намудани сардори бевоситаи худ онро иҷро намояд.

Инчунин, дар танзими муносибатҳои интизоми меҳнат санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) бағоят назаррас мебошад.

Санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ) санадҳои меъёрие мебошанд, ки аз тарафи мақомоти дахлдори идоракунии ташкилот бо розигии мақомоти намояндагии кормандон қабул гардида, муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқамандро танзим намуда, дар ҳудуди ташкилот амал мекунанд, ба монанди оинномаи ташкилот, созишномаҳо, шартномаҳои коллективӣ, шартномаи меҳнатӣ ва ғайра.

Дар фарҷом бояд ҳаминро тазаккур дод, ки ҳадаф аз ташаккул ва инкишофи қонунгузорӣ оид ба интизоми меҳнат ва таҳкими он дар муносибатҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани сатҳи донишу фаҳмиши қоида ва дастурҳо оид ба интизоми меҳнат буда, он ба таври инфиродӣ ё ба гурӯҳи кормандони касбҳои гуногундошта, пешбинишуда, маҳсуб меёбад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1992, №2, мод. 12.
2. Ведомостҳои Совети Олии РСС Тоҷикистон, соли 1972, № 12, моддаи 90.
3. Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон, аз 16 июни соли 1972. – Душанбе: Ирфон, 1982. - с.119-130.
4. Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон, аз 16 июни соли 1972. – Душанбе: Ирфон, 1982. Матн бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ.
5. Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон, аз 16 июни соли 1972 – Мод. 128-142. –Душанбе: Ирфон, 1982- с.63-67.
6. Бобокалонов Ғ.М. Бархе аз ташаккул ва инкишофи қонунгузорӣ оид ба меҳнати солҳои 1970-1980 дар Тоҷикистон. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва саёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (18-уми майи соли 2018)”. Душанбе: 2018 -с.53-55.
7. Кодекси қонунҳо оид ба меҳнати РСС Тоҷикистон, аз 16 июни соли 1972. – Душанбе: Ирфон, 1982. -с.66.
8. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 9, мод.112, 113; соли 1998, №23 – 24, мод. 340; соли 1999, №5, мод. 69; соли 2002, № 4 қ-1, мод. 185; соли 2004, №5, мод. 337; соли 2006, №3, мод.152; №4, мод. 195; соли 2009, № 5, мод.320; с. 2010, №7, мод.545; мод.549; с 2011, №3, мод. 151; №12, мод. 842; Қонуни ҶТ аз 01.08.2012с., №880; ҚҶТ аз 22.07.2013с.№981.
9. Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри якум. // Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. с. 203-206.
10. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, № 9, мод.112, 113; соли 1998, №23 – 24, мод. 340; соли 1999, №5, мод. 69; соли 2002, № 4 қ-1, мод. 185; соли 2004, №5, мод. 337; соли 2006, №3, мод.152; №4, мод. 195; соли 2009, № 5, мод.320; с. 2010, №7, мод.545; мод.549; с 2011, №3, мод. 151; №12, мод. 842; Қонуни ҶТ аз 01.08.2012с., №880; ҚҶТ аз 22.07.2013 с.№981
11. Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР, 1990 г., № 4, ст. 31.
12. Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР, 1990 г., № 9, ст. 158

**Аннотатсия**

Дар мақола масоили инкишофи қонунгузорӣ оид ба интизоми меҳнат мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф дар натиҷаи омӯзиш ва муқоисаи қонунгузорӣ оид ба интизоми меҳнат, инчунин таҳкими интизоми меҳнат ва хусусан тадбирҳои ташаккулу инкишофи қонунгузорӣ марбут ба татбиқи ҷазои интизомии давраи шӯравӣ ва баъди шӯравии Тоҷикистонро муайян намудааст.

**Аннотация**

В статье рассматриваются вопросы развития законодательства о трудовой дисциплине. В результате исследования автор при сравнительном анализе законодательства о трудовой дисциплине, также определяет трудовую дисциплину, в частности, меры по формированию и развитию законодательства, связанного с осуществлением дисциплинарного наказания советского и постсоветского Таджикистана.

**Annotation**

The article examines the issues of improving the legislation of labor discipline. As a result of the research, the author proceeds from the comparative legislation on labor discipline, and also defines labor discipline, in particular, measures of formation and development legislation related to disciplinary punishment of the Soviet and post-Soviet Tajikistan.

# ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ; МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (ИХТИСОС: 12.00.02)
# КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ СУДЕБНЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.02)



**Ализода Зариф,**
*Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ*
***E-mail:*** *z.a.ombudsman.tj@mail.ru*

## ЗАРУРАТИ ҚАБУЛИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ ҚОНУНГУЗОРӢ»

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия; фаъолияти қонунгузорӣ; парламент; субъектони ташаббуси қонунгузорӣ; тақсими ҳокимият; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.*

***Ключевые слова:*** *Конституция; законодательная деятельность; парламент; субъекты законодательной инициативы; разделение властей; нормативные правовые акты.*

***Keywords:*** *Constitution; legislative activity; parliament; subjects of legislative initiative; separation of powers; normative legal acts.*

Фаъолияти қонунгузорӣ яке аз фаъолиятҳои муҳими давлатӣ арзёбӣ мегардад. Хусусан дар давраи имрӯзаи хаёти ҷомеаи Тоҷикистон, ки он ба марҳилаи рушди устувор ворид гардидааст, басо муҳим мебошад. Зеро, аз як тараф, муносибатҳои ҷамъиятӣ устувор гардиданд, чунки асосҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа фароҳам оварда шуданд. Аз дигар тараф, муносибатҳои ҷамъиятӣ устуворӣ, кафалатнокӣ ва ҳифзи ҳамаҷонибаи худро тақозо менамоянд.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо зарур аст, ки қонунҳои саривақтӣ, мукаммал, ҷавобгӯи талаботи ҷомеа, илман ва амалан асоснок қабул карда шаванд. Дар мамлакат барои амалӣ шудани ин ҳадафҳо заминаҳои дахлдор муҳайё мебошад. Аз ҷумла, парлумони дуиаҷлиса, ки маҷлиси поёнии он ба таври доимӣ ва касбӣ фаъолият мекунад ва қариб бист сол мешавад, ки таҷрибаи қонунгузориро дорад. Дар ин муддат, корҳое зиёде аз ҷониби ин мақомоти олӣ амалӣ карда шуданд ва дар ҷомеаи навини Тоҷикистон заминаи мустаҳками қонунгузорӣ барпо шудааст.

Барои такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва таъмини рушди басуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба андешаи мо, зарур аст, ки тадбирҳои зерин дар ин самт амалӣ карда шаванд.

Якум. Ҳарчи бештар, ҳамаҷониба ва муфассал аз тариқи қонунҳо танзим намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ. Ин амал имкон медиҳад, ки муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ дар сатҳи қонунҳо танзим карда шаванд. Ин тарзи фаъолият ба он мусоидат мекунад, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия камтар ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ машғул шуда, бештар ба амалӣ намудани вазифаи асосии худ, яъне дар ташкил ва таъмини иҷрои қонунҳо кушиш ба харҷ диҳанд [2, м.73].

Дуюм. Механизми амалишавии қонунҳо ҳамаҷониба омӯхта шуда, саривақт норасоиҳои онҳо бартараф карда шаванд. Дар ин ҷода вакилони парлумон, инчунин субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ,

муассисаҳои илмӣ, мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми босазои худро гузошта метавонанд. Ҳамчунон, ҳангоми зарурат мумкин аст, ки баъзе қонунҳо ба тариқи озмоиши (пилотӣ) дар як ҳудуди алоҳида татбиқ карда шаванд ва баъдан бо дарёфти норасоиҳо ва бартараф кардани онҳо қонун дар тамоми ҷумҳурӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Сеюм. Фаъол гардонидани мақомоти татбиқи ҳуқуқ дар такмили қонунҳо. Мутассифона, фаъолияти мақомоти номбурда дар ин самт беҳбудиро тақозо менамояд, зеро онҳо бисёр ҳам кам барои такмили қонунҳо пешниҳодҳо ирсол менамоянд. Хусусан нақши мақомоти судӣ дар ин ҷода бояд хеле муассир бошад.

Чорум. Мувофиқи мақсад ва зарур аст, ки танзими ҳуқуқии фаъолияти қонунгузорӣ мукаммал гардонида шавад, то ин ки мақомоти номбурда, хусусан субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ фаъолияти худро босамар, мақсаднок, босуръат ва бе монеа анҷом диҳанд.

Барои ба ин ноил гаштан, ба андешаи мо, зарур аст, ки Конститутсия ва қонунгузорӣ таҳким ва такмил дода шаванд. Қобил ба зикр аст, ки дар баъзе конститутсияҳои давлатҳои ИДМ чунин амалия мавҷуд мебошад. Масалан, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Молдова ва Қирғизистон боби алоҳида ба ин масъала бахшида шудааст [3, с. 152-153; 4, с. 103-104].

Ба андешаи мо, чунин тарзи танзими конститутсионӣ дуруст ва ба мақсад мувофиқ аст. Зеро, он аз омилҳои зерин вобаста мебошад. Якум, ин соҳаи фаъолият на танҳо парлумонро фаро мегирад, дар ин ҷараён ҳамаи субъетҳое, ки дорои ташаббуси қонунгузорианд, иштирок менамоянд. Муқаррар кардани асосҳои роҳбарикунандаи (принсипҳои) ин соҳаи фаъолият танҳо дар қонун (ё қонунҳо) мумкин аст, ки ба манфиати ҷонибе (масалан, парлумон) сурат гирад, ки ин ҳолат ба тарафкашӣ, баҳсу мунозираҳои зиёди нолозим ва ниҳоят ба муқобилияти шоҳаҳои ҳокимияти давлатӣ биёрад.

Дуюм, асосҳои муҳими фаъолияти қонунгузорӣ бисёр масъалаҳои мубрам ва калидиро дарбар мегиранд, ки онҳо барои рушди минбаъдаи давлат, мақомоти давлатӣ ва умуман рушди минбаъдаи фаъолияти қонунгузорӣ бисёр ҳам муҳим мебошанд.

Сеюм, муносибатҳои асосие, ки дар ин боби Конститутсия мавриди танзим қарор дода мешаванд, ба асли (принсипи) таҷзияи ҳокимияти давлатӣ асос мeёбанд ва муносибатҳои байниҳамдигарии ин рукнҳои давлатро аз нигоҳи ин асл, яъне нигоҳдорӣ ва муқовимати байни онҳо танзим мекунанд, ки барои фаъолияти муътадил, устувор, самаранок ва босуръати давлатӣ ва рукнҳои он мусоидат менамояд.

Чорум, масъалаҳои танзими фаъолияти қонунгузорӣ, ки дар якчанд қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо (дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) ва санадҳои зериқонунӣ (дастурҳои палатаҳои парлумон) дарҷ гардиданд, ба мақсад мувофиқ нест. Ба зимми ин, танзими ин масъала дар дастурҳои маҷлисҳои парлумон мумкин аст ба тарафкашию муқобилияти байниҳамдигарии шоҳаҳои ҳокимияти давлатӣ ва субъектони ташаббуси қонунгузорӣ биёрад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ба андешаи мо, мувофиқи мақсад мебошад, ки принсипҳои (аслҳои) фаъолияти қонунгузорӣ дар боби алоҳидаи Конститутсия ва дар заминаи ин аслҳо масъалаҳои ба ин алоқаманди қонунгузорӣ дар қонуни алоҳида "Дар бораи фаъолияти қонунгузорӣ" танзим карда шаванд.

Дар боби алоҳидаи Конститутсия мумкин аст масъалаҳои зерин танзим карда шаванд: 1. муайян намудани субъектони ташаббуси қонунгузорӣ; 2. пешниҳоди лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – палатаи поёнии парламент; 3. муқаррар намудани мавзӯи (доираи) масъалаҳое, ки ба воситаи қонунҳо танзим карда мешаванд; 4. муқаррар намудани қонунҳо (қонунҳои конститутсионӣ ва ҷорӣ); 5. шакли овоздиҳӣ оид ба қабули қонунҳо дар Маҷлиси намояндагон ва ҷонибдории онҳо дар Маҷлиси миллӣ; 6. баргардонидани қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ба Маҷлиси намояндагон; 7. тартиби (механизми) ба

созиш омадан ва бартараф намудани норозигии (ветои) Маҷлиси миллӣ; 8. пешниҳоди қонун барои имзо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 9. аз ҷониби Президент баргардонидани қонун, тартиби баррасӣ ва бартараф намудани ветои Президент дар парлумон; 10. мавриди амал қарор додани қонун; 11. аз ҷониби Президент имзо гузоштан ба қонун ва интишори он.

Танзими масъалаҳои номбурда дар боби алоҳидаи Конститутсия имкон медиҳад, ки Конститутсия мукаммал гардад, фаъолияти қонунгузорӣ самаранок амалӣ карда шуда, мустақилият ва ҳамкориҳои судманди рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ва дигар субъетҳои ташаббуси қонунгузорӣ таъмин гардад.

Бояд ёдовар шуд, ки қисми зиёди масъалаҳое, ки бояд дар боби алоҳидаи Конститутсия ҷойгир карда шаванд, дар боби парлумон, яъне дар боби сеюми Конститутсия, дар моддаҳои 58-62 дарҷ гардидаанд [5, с. 24-27]. Ба андешаи мо, бо мақсад мувофиқ аст, ки онҳо дар боби алоҳидаи Конститутсия бо ҳамроҳ намудани дигар масъалаҳои муҳими ба онҳо алоқаманд (аз ҷумла, мавриди амал қарор гирифтани қонунҳо, интишори расмии қонунҳо, таклифҳои қонунгузорӣ, таъсиси комиссияҳои созиш барои ҳалли ветои маҷлиси миллӣ ва Президент ба қонунҳо ва дигарҳо) танзим карда шаванд. Бо ҳам алоқамандии масъалаҳои зикргардида тақозо менамояд, ки онҳо дар боби алоҳидаи Конститутсия танзим карда шаванд.

Меъёрҳои номбурдаи конститутсионӣ асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти қонунгузорӣ" мегарданд. Қонуни зикршуда асосҳои конститутсионии фаъолияти қонунгузориро инкишоф дода, самтҳои мухталифи ин соҳаро танзим менамояд, ки онҳо дар маҷмуъ барои дар доираи талаботи Конститутсия ва қонуни мазкур амалӣ намудани фаъолияти қонунгузорӣ мусоидат менамоянд.

Бояд зикр кард, ки баъзе масъалаҳои фаъолияти қонунгузорӣ дар Қонуни конститутсионӣ "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" танзим шудаанд.

Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" боби алоҳида – боби панҷум ба фаъолияти қонунгузорӣ бахшида шудааст [6, мод. 108]. Ин боб аз нуҳ модда иборат буда, дар он масъалаҳои субъектони ташаббуси қонунгузорӣ; аз ҷониби ин субъектҳо пешниҳод шудани лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагон ва ҷонибдории он аз тарафи Маҷлиси миллӣ; баргардонидани қонун аз ҷониби Маҷлиси миллӣ; тартиби баррасӣ ва бартараф кардани ветои Маҷлиси миллӣ; тартиби қабули қонуни конститутсионӣ; баргардонидани он аз ҷониби Маҷлиси миллӣ; тартиби баррасӣ ва бартараф кардани ветои Маҷлиси миллӣ аз ҷониби Маҷлиси намояндагон; барои имзо ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани қонун; тартиби баррасӣ ва қабули такрории қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонида шудаанд, танзим гардидаанд.

Қобил ба зикр аст, ки танзими ҳамаҷонибаи фаъолияти қонунгузорӣ дар Қонуни конститутсионӣ "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ба андешаи мо, ба мақсад мувофиқ нест. Якум, фаъолияти қонунгузорӣ ба якчанд субъекти ташаббуси қонунгузорӣ, ба ғайр аз парлумон, дахл дорад. Дуюм, дар ин қонун танзим намудани фаъолияти дигар субъектҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла дигар шоҳаҳои ҳокимияти давлатӣ, мумкин аст боиси ихтилоф ва тарафкашии миёни онҳо гардад. Сеюм, фаъолияти қонунгузорӣ ва иштирок дар ин ҷараён, фаъолияти истисноии парлумон нест, дар он дигар субъектҳои ташаббуси қонунгузорӣ ва дар муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо мумкин аст доираи васеи сохтору мақомот, ҷомеаи шаҳрвандӣ, шахсони алоҳида ва гурӯҳи шахсон ширкат варзанд. Бинобар гуфтаҳои боло, танзими фаъолияти қонунгузорӣ дар Қонуни конститутсионӣ "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ба ақидаи мо, мувофиқи мақсад нест.

Зарур ба таъкид аст, ки баъзе масъалаҳои фаъолияти қонунгузорӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" [6] низ танзим шудааст. Маврид ба зикр аст, ки қонуни номбурда хусусияти умумӣ дошта, ба ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳо низ дахл дорад. Дар ин қонун мафҳумҳои асосӣ, принсипҳо ва субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ; низои санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ; техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ; интишор ва мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; тарзҳои бартараф кардани мухолифати байни санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ; баҳисобгирӣ ва бақайдгирии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода шудаанд [6]. Масъалаҳои дар қонуни мазкур зикргардида барои қабули Қонун дар бораи фаъолияти қонунгузорӣ монеа намешаванд. Баръакс, онҳо барои қабули қонун дар бораи фаъолияти қонунгузорӣ ҳамчун замина хизмат карда, ин қонунҳо дар ҳамбастагӣ барои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла қонунэҷодкунӣ мусоидат менамоянд.

Қисме аз масъалаҳои фаъолияти қонунгузорӣ, аз ҷумла тартиби пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо, баррасӣ ва қабули онҳо дар дастурҳои маҷлисҳои (палатаҳои) парламент низ танзим шудааст [7, с. 61-87; 8, мод. 501]. Албатта, дар дастурҳои маҷлисҳои парламент тартиби муҳокима, овоздиҳӣ ва қабули қонунҳо бояд дарҷ карда шаванд. Танзими ин меъёрҳо дар дастурҳо бояд масъалаҳои тартибии (протседурии) онҳо, яъне тартиби баррасӣ (муҳокима), овоздиҳӣ ва ба мисли инҳо ифода карда шаванд. Дигар масъалаҳои қонунгузорӣ бояд дар Қонун "Дар бораи фаъолияти қонунгузорӣ" мавриди танзим қарор дода шаванд.

Дар Қонун "Дар бораи фаъолияти қонунгузорӣ" мумкин аст, ба андешаи мо, масъалаҳои зерин дарҷ карда шаванд:

2. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 1999. – №12. – Ст.323; 2002. – №4. ч.1. – Ст.170; 2006. – №4. – Ст.193; 2009. – №12. – Ст.821; 2010. – №7. – Ст.540; 2012. – №7. – Ст.699; 2013. – №7. – Ст.505.

3. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Кн. 1: Общие положения. М., 2001. С.751.

4. Витрук Н.В. Общая теория юридической ответственности. М. 2009. С.312.

5. Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. Душанбе, 2014. С.292.

6. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. Душанбе. 1998. С.159.

7. Рахимов М.З. Предпринимательский риск // Коммерческое законодательство Республик Таджикистан: становление и

развитие: материалы междунар. науч.-теоретич. конф., посвященной памяти В.А. Ойгензихта Душанбе. 2004. С.104.

8. Горячкина Д.А. К вопросу о категории «риск» в теории гражданского права // Вестник Пермского университета. 2011. № 3(13). С.91; Коновалов А.С. Экономический риск как экономическая категория // Вестник ВГУ. Серия: экономика и управления. 2011. № 1. С.15; Рождественская Т.Э. Понятие правового риска // Государство и право. 2012. № 3. С.113; Ойгензихт В.А. Проблема риска в гражданском праве. Душанбе: Ирфон, 1972. С.77; Братусь С.Н. Спорные вопросы теории юридической ответственности // Сов. государство и право. 1973. № 4. С.34; Красавчиков О.А. Юридические факты в советском гражданском праве // Категории науки и гражданского права: Избр. Тр. Т. 2. М.: Статут, 2005 С. 415; Арямов А.А. Общая теория риска: юридический, экономический и психологический анализ. М.: РАП; Волтерс Клувер, 2010. С.25.

9. Горячкина Д.А. Указ. раб. С.91; Коновалов А.С. Указ. раб. С.14; Архипов Д.А. Опыт теории риска в договорном обязательстве // Актуальные проблемы гражданского права. М.: Норма, 2005. Вып. 9. С.399; Малеин Н.С. Гражданско-правовое положение личности. М.: Наука, 1975. С.184; Ревина С.Н. К вопросу о риске в сфере правового регулирования рыночных отношений // Правовая политика и правовая жизнь. 2009. № 4. С.94.

10.Горячкина Д.А. Указ. раб. С.93; Коновалов А.С. Указ. раб. С.15; Рождественская Т.Э. Указ. раб. С.113; Альгин А.П. Новаторство, инициатива, риск. Л.: Лениздат, 1987. С.34-35.

11.Горячкина Д.А. Указ. раб. С.93; Альгин А.П. Перестройка и хозяйственный риск: социально-правовые аспекты / А.П. Альгин, М.Ф. Озрих // Правоведение. 1989. № 5. С.20; Беляев С.О. Риск как политико-правовой институт (теоретико-методологический анализ) / под ред. П.П. Баранова. Ростов н/Д.: Изд-во ЮФУ, 2007. С.27-28.

**Аннотатсия**

**Таваккал дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ**

Дар мақола сухан оид ба таваккал меравад. Муаллиф консепсияҳои гуногуни таваккалро баррасӣ намуда, ҳисоб мекунад, ки андешаронии тарафдорони консепсияи субъективии таваккал аз ҳама бештар дуруст мебошад, зеро таваккал бо фаҳмиш ва иродаи шахс, яъне субъект зич алоқаманд аст, оқибатҳои манфиро пешбинӣ менамояд ва ба он роҳ медиҳад. Маҳз чунин таваккал дар он ҳолате дар назар дошта мешавад, ки вақте сухан дар бораи таваккали субъекте меравад, ки ҳангоми амал намудани он расонидани зарар имконпазир аст.

**Аннотация**

**Риск в договоре коммерческой концессии**

В статье речь идет о риске. Рассматривая различные концепции риска, автор считает, что суждение сторонников субъективной концепции риска является более правильным, так как риск тесно связан с сознанием и волей лица, т.е. субъекта, который предвидит и допускает отрицательные последствия. Именно такой риск имеется в виду в том случае, когда говорится о риске субъекта, действующего в условиях, при которых возможно причинение или нанесение ущерба.

**Annotation**

**Risk in the contract of commercial concession**

The article is about risk. Considering the different concepts of risk, the author believes that the judgment of the supporters of the subjective risk concept is more correct, since the risk is closely related to the consciousness and will of the person, i.e. the subject, who foresees and allows negative consequences. It is this risk that is meant in the case when it is spoken about the risk of the subject acting in conditions under which can be caused or damaged.

# ҲУҚУҚИ МОЛИЯВӢ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ
(ИХТИСОС: 12.00.04)
# ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО
(СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.04)



**Муртазакулов Джамшед Саидалиевич,**
*профессор кафедры гражданского права юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук.*

## К ВОПРОСУ О ПОНЯТИИ И ЗНАЧЕНИИ НАЛОГОВОГО КОНТРОЛЯ

***Калидвожаҳо:*** *андоз; Палатаи ҳисоб; назорати молиявӣ; назорати андозӣ; буҷети давлатӣ; мақомоти фискалӣ.*

***Ключевые слова:*** *налог; Счётная палата; финансовый контроль; налоговый контроль; государственный бюджет; фискальные органы.*

***Kaywords:*** *tax; Accounts chamber; financial control; tax control; state budget; fiscal bodies.*

Налоговый контроль является составной частью финансового контроля и одним из видов государственного контроля. В ст.1 Закона Республики Таджикистан «О Счётной палате Республики Таджикистан» от 28 июня 2011 г. говорится, что Счётная палата Республики Таджикистан является высшим органом финансового контроля Республики Таджикистан, проводящим независимый внешний аудит по оценке исполнения государственного бюджета и готовит предложения по ее усовершенствованию [1].

Контроль необходимо рассматривать в качестве одной из форм управленческой деятельности, т.е. как самостоятельную функцию управления, имеющую целевую направленность, определенное содержание и способы его осуществления. Налоговый контроль служит формой реализации контрольной функции налогов и с позиций налогового права призван в первую очередь, охранять и обеспечивать имущественные права государства и местных органов государственной власти.

В целях объективной оценки роли и сущности налогового контроля его понятие следует рассматривать в двух аспектах: узком и широком.

В широком аспекте налоговый контроль - это совокупность мер государственного регулирования, обеспечивающих в целях осуществления эффективной государственной финансовой политики экономическую безопасность Таджикистана и соблюдение государственных и местных фискальных интересов.

В узком аспекте налоговый контроль - это контроль государства в лице компетентных органов за законностью и целесообразностью действий в процессе введения, уплаты или взимания налогов и сборов.

Налоговый контроль, как и контроль вообще, представляет собой специальный способ обеспечения законности в налоговом праве и осуществляется на всех стадиях финансово-хозяйственной деятельности фискально-обязанных лиц. Поскольку налоговый контроль является разновидностью государственного контроля, он несет в себе все существенные черты последнего. В то же время налоговый контроль имеет некоторые специфические черты, отличающие его от иных направлений контрольной деятельности и

заключающиеся в особенностях его объекта и предмета, состава субъектов контроля и подконтрольных лиц, целей и задач, а также форм и методов. Специфика налогового контроля зависит от сфер финансово-хозяйственной деятельности налогоплательщиков, видов налогов, правового статуса налогоплательщика и т.д.

Значимостью налогов и других обязательных платежей как источников доходов республиканского и местных бюджетов предопределена необходимостью обеспечения законности и дисциплины деятельности всех участников налоговых правоотношений, в том числе с помощью таких правовых способов, как налоговый контроль.

В течение многих веков вырабатывались и апробировались различные формы и способы сбора налогов, контроля за их уплатой и за соблюдением налогового законодательства.

Формы организации сбора налогов различаются [2, с. 394-395]:

- по принадлежности к системе государственных органов: сбор налогов в разное время и в разных странах поручался государственным органам и чиновникам, негосударственным институтам и даже частным лицам;
- по степени централизации: этим занимались как централизованные на уровне целого государства учреждения, так и уполномоченные на местах;
- по специализации: налоги взимались как специализированными организациями, так и органами, имеющими широкую компетенцию.

Помимо налоговых органов, контрольные мероприятия в сфере налогообложения могут проводить таможенные органы (контроль за уплатой НДС, акцизов, таможенных пошлин и таможенных сборов с товаров, ввозимых на таможенную территорию), финансовые органы (контроль за своевременным и в полном объеме исполнением обязанности банков и иных кредитных учреждений по перечислению налоговых платежей в бюджетную систему РТ), органы государственного финансового контроля (проверки государственных учреждений в связи с использованием ими государственных средств и имущества и т.д.). Однако только налоговые органы проводят контрольные мероприятия в соответствии с порядком, установленным Налоговым кодексом Республики Таджикистан (далее НК РТ) [3, с. 113-114].

Следовательно, только мероприятия, организуемые в соответствии с НК РТ и проводимые налоговыми органами по контролю за соблюдением налогового законодательства, могут называться налоговым контролем в том смысле, в каком это понятие используется в налоговом законодательстве.

Налоговый контроль представляет собой, во-первых, осуществляемую в соответствии с НК РТ деятельность налоговых органов по контролю за соблюдением налогоплательщиками и налоговыми агентами налогового законодательства. Во-вторых, он является одним из основных институтов налогового права, объединяющим правовые нормы, с помощью которых регулируется деятельность налоговых органов по контролю за соблюдением и исполнением налогового законодательства.

В литературе предлагаются различные определения этого понятия [4, с. 158-159]. Так, А.В.Брызгалин определяет налоговый контроль как установленную законодательством совокупность приемов и способов деятельности компетентных органов, обеспечивающих соблюдение налогового законодательства и правильность исчисления, полноту и своевременность внесения налога в бюджет или внебюджетный фонд. По мнению О.А.Макаровой, под налоговым контролем следует понимать деятельность должностных лиц налоговых органов в пределах своей компетенции в формах, предусмотренных налоговым кодексом, с целью проверки правильности исчисления и уплаты налогов и сборов, а также выявления и устранения налоговых правонарушений и причин, их порождающих, соблюдения законодательства о налогах и сборах. М.В.Карасева отмечает, что налоговый контроль в узком смысле - это регламентированная налоговым законодательством и подзаконными актами в области налогообложения деятельность налоговых органов, обеспечивающая соблюдение всеми

участниками налоговых правоотношений норм налогового законодательства.

С учетом этого налоговый контроль может быть также определен как регламентированная нормами налогового права деятельность компетентных органов, обеспечивающих соблюдение налогового законодательства и правильность исчисления, полноту и своевременность внесения налогов и других обязательных платежей в бюджет или внебюджетный фонд в предусмотренных законодательством формах [5, с. 95].

В соответствие со ст.22 НК РТ ***налоговый контроль*** представляет собой форму осуществляемого налоговыми органами государственного контроля исполнения норм налогового законодательства РТ и иных законов РТ, контроль исполнения которых возложен на налоговые органы.

НК РТ устанавливает, что налоговые органы несут ***полную и исключительную ответственность*** за осуществление налогового контроля над физическими и юридическими лицами, проверку правильности исчисления и своевременности уплаты налогов, а также за все другие аспекты налогообложения, за исключением случаев, в которых НК РТ такая ответственность возложена на другие органы.

Уполномоченный орган по вопросам таможенного дела и его территориальные органы осуществляют налоговый контроль в пределах своей компетенции в связи с перемещением товаров и транспортных средств через таможенную границу РТ в соответствии с НК РТ и таможенным законодательством РТ.

Определение налогового контроля как деятельности, осуществляемой налоговыми органами в соответствии с НК РТ, позволяет отличать налоговый контроль от так называемого внутреннего налогового контроля (проводимого его специализированными подразделениями при исчислении и уплате налогов), а также от мероприятий по внешнему аудиту, в том числе налоговому аудиту.

Налоговый контроль является одним из важнейших направлений государственного финансового контроля. От других направлений государственного финансового контроля налоговый контроль отличается по своему объекту (предмету), содержанию, целям и задачам, формам и методам, составу контролирующих органов и контролируемых лиц (субъектам налогового контроля).

Что касается ***объекта налогового контроля***, то принимая во внимание содержание ст.1 и ст.7 НК РТ о налоговых отношениях и понятие налога, объект налогового контроля следует определять как разновидность денежных отношений публичного характера, возникающих в процессе взимания налогов (других обязательных платежей) и привлечения нарушителей налогового законодательства к ответственности.

***Предметы налогового контроля*** образуют, прежде всего, своевременность и полнота исполнения налогоплательщиками (налоговыми агентами) своих налоговых обязанностей по отношению к государству. Однако, при этом следует учитывать, что наряду с уплатой налогов к числу основных обязанностей налогоплательщиков в соответствии со ст.19 НК РТ относятся также ведение в установленном порядке учета своих доходов (расходов) и объектов налогообложения, своевременное и полное представление налоговым органам налоговой отчетности и иных сведений, необходимых для исчисления и уплаты налогов. Этим перечень предметов налогового контроля еще не исчерпывается. В качестве таковых, например, следует признать также постановку в установленном порядке на налоговый учет, правильность применения контрольно-кассовых машин и т.д.

Состав ***субъектов налогового контроля*** определяется ст.17 НК РТ, в соответствии с которой к ним относятся государственный уполномоченный орган и подведомственные ему налоговые органы, иные уполномоченные органы.

Понятие налогового контроля напрямую связано с целью его проведения. Налоговый контроль осуществляется для установления законности поведения налогоплательщиков и налоговых агентов, но никак не определения эффективности или целесообразности их экономического или налогового поведения, их экономической стабильности и устойчивости и т.д. Вопросы осуществления контроля за

уплатой налогов имеют существенное значение для наполнения государственной казны.

Поэтому налоговый контроль напрямую связан с охранительной функцией налогового права, поскольку налоговый контроль является необходимым условием любой налоговой системы. Он нацелен на исправление любого нарушения законности в налоговой сфере. Налоговый контроль выявляет налоговые правонарушения, которые, в свою очередь, становятся основанием для привлечения правонарушителей к налоговой ответственности.

При этом, помимо реализации охранительной функции, предусматривающей применение к налогоплательщику и налоговому агенту мер убеждения и мер принуждения, налоговый контроль осуществляет также превентивную (профилактическую) функцию и тем самым содействует укреплению налоговой дисциплины, а также развитию налоговой культуры в обществе.

Для объективной оценки роли и сущности налогового контроля Ю.А.Крохина предлагает рассматривать это понятие в двух аспектах: широком и узком [6, с. 316].

В широком аспекте налоговый контроль – это совокупность мер государственного регулирования, обеспечивающих в целях осуществления эффективной государственной финансовой политики экономическую безопасность и соблюдение государственных и фискальных интересов.

В узком аспекте налоговый контроль – это контроль государства в лице компетентных органов за законностью и целесообразностью действий в процессе введения, уплаты или взимания налогов и других обязательных платежей.

В структуре правоотношений, возникающих при осуществлении налогового контроля, выделяют [3, с. 116]:

а) участников правоотношений – контролирующий орган и подконтрольное (проверяемое) лицо (субъектный состав правоотношений по налоговому контролю);

б) объект налогового контроля – финансово-хозяйственная деятельность подконтрольных лиц, связанная с налогообложением;

в) предметы налогового контроля – различного рода денежные и банковские документы, бухгалтерская отчетность, трудовые и гражданские договоры, сметы, отдельные объекты имущества налогоплательщика и т. д.;

г) содержание правоотношений – объем прав и обязанностей участников правоотношений по налоговому контролю.

Анализ налогового законодательства позволяет классифицировать налоговый контроль на следующие виды [7, с. 95-96].

В зависимости от сроков его проведения различают оперативный и периодический контроль, в зависимости от источников налоговый контроль подразделяется на документальный и фактический.

***Оперативный контроль*** представляет собой проверку, осуществляемую в течение отчетного периода после завершения контролируемой операции.

***Периодический контроль*** представляет собой проверку за определенный отчетный период.

***Документальный контроль*** - это проверка данных, содержащихся в финансовых документах.

***Фактический контроль*** – это проверка, проводимая путем осмотра, обмера, обследования материальных ценностей.

Приведенная классификация основана в первую очередь на налоговой проверке как основной, но не всеобъемлющей, форме налогового контроля, которая далеко не полностью охватывает деятельность налоговых, таможенных и иных уполномоченных органов, осуществляющих контроль налогового законодательства.

Особенностью налогового контроля является то, что он охватывает весь период деятельности субъектов налоговых правоотношений. Следовательно, стадия налогового контроля протекает параллельно всем стадиям налогового процесса: исчисления налога, корректировки налоговой обязанности, принудительного взыскания налога, привлечения к ответственности за налоговые правонарушения [8, с. 221].

**Список литературы:**

1. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2011 г., №6, ст. 460.
2. Налоговое право: Учебник для вузов / Под. ред. С. Г. Пепеляева: М.: Альпина Паблишер. 2015. ст. 394-395.
3. Козырин А.Н. Введение в российское налоговое право. – М.: Институт публично-правовых исследований, 2014. ст. 113-114.
4. Землин А.И. Налоговое право: Учебник. – М.: ФОРУМ: ИНФРА-М, 2005. ст. 158-159.
5. Грачева Е.Ю., Ивлиева М.Ф., Соколова Э.Д. Налоговое право: Учебник. – М.: Юристъ, 2005. ст. 95.
6. Крохина Ю.А. Налоговое право России. – М.: Норма, 2007. ст. 316.
7. Грачева Е.Ю., Ивлиева М.Ф., Соколова Э.Д. Налоговое право: Учебник. – М.: Юристъ, 2005. ст. 95-96.
8. Миляков Н.В. Налоговое право: Учебник. – М.: ИНФРА-М, 2008. ст. 221.

**Аннотатсия**

**Оид ба масъалаи мафҳум ва моҳияти назорати андозӣ**

Дар мақолаи мазкур сухан оид ба масъалаи мафҳум ва моҳияти назорати андозӣ меравад. Дар он мафҳуми назорати андозӣ аз нуқтаи назари илмӣ ва амалӣ кушода шуда мешавад. Инчунин, дар мақола моддаҳои Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тафсир карда шуда, дар муқоиса аз таҷрибаи Федератсияи Россия мисол оварда шудааст. Дар фарҷоми мақола хулосаи муаллиф оварда шудааст.

**Аннотация**

**К вопросу о понятии и значении налогового контроля**

В статье речь идёт о понятии и значении налогового контроля. В статье рассматривается и раскрывается понятие налогового контроля с научной и практической точки зрения, комментируются статьи Налогового кодекса РТ, приводится практика Российской Федерации, раскрывается значение налогового контроля и делается заключение автора.

**Annotation**

**On the issue of the concept and significance of tax control**

The article devotes to the tax control definition and meaning. Tax control definition from scientific and practical point of view is considered and revealed; articles of Tax Code of the Republic of Tajikistan are commented in the article. Practice of the Russian Federation is brought as an example, meaning of tax control is revealed in this article and at the end the author makes his conclusion.

# ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ, ҲУҚУҚИ АГРАРӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ (ИХТИСОС: 12.00.06)
# ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.06)



**Соҳибов Муҳаммадҷон Маҳмадалиевич,** *ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
***E-mail:*** *sohibov_m.1990@mail.ru*

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ БАҲСҲО ОИД БА ҚИТЪАИ ЗАМИН ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории замин, муноқиша, баҳсҳо, асосҳои қатъгардидан, заминистифодабаранда, замин, қитъаи замин, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, баҳсҳо оид ба қитъаи замин, баҳсҳои замин дар суд.*

***Ключевые слова:*** *земельное законодательство, конфликт, споры, основания прекращения, землепользователь, земля, земельный участок, право пользования земельным участком, земельные споры, земельные споры в судах.*

***Keywords:*** *land legislation, conflictus, grounds for termination, land user, land, land plot, right to use the land plot.*

Яке аз охирин равандҳои илми ҳуқуқшиносии муосир, ин омӯзиши баҳсҳои ҳалшаванда оид ба қитъаи замин дар ҶТ мебошанд. Илми муосир ва қонунҳои амалкунанда кушоду равшан масъалаҳои баҳснокро оид ба қитъаи замин матраҳ намуда, ҳалли баҳсҳоро оид ба қитъаи замин як қисми ҷудонашаванда оид ба муносибатҳои замин меҳисобад. Дар сатҳи нав баромадани вазъияти кунунӣ оид ба замин дар ҶТ пеш аз ҳама, ба гузаронидани дигаргуниҳои куллии сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҷомеа вобаста мебошад [1, с. 285]. Ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳамчун объекти муомилоти гаражданӣ гардида чун воситаи истеҳсолот қимати баланди иқтисодиро, касб мекунад (2[2] КЗ ҶТ). Муносибатҳои заминистифодабарӣ дар асоси иҷроиши баробарҳуқуқӣ ва озодии ҳуқуқҳои субъективиашон, то ҳамон сатҳе, ки он ба ҳуқуқҳои қонунии дигар шахсон ва муҳити зист зарар нарасонад, ташкил карда мешавад. Кодекси нави замин ба ҳалли баҳсҳо оид ба масъалаҳои замин тибқи тартиби судӣ мусоидат намуда (м. 47 КЗ ҶТ), таъсиси механизми ҳакамиро ҳамчун усули алтернативӣ бо мақсади ҳалли муноқишаҳо вобаста ба замин таъмин наменамояд [2].

Ҷомеаи инсонӣ аз шахсони алоҳида, гурӯҳи онҳо ва дигар гурӯҳҳои калони ҷамъиятӣ (табақаҳо, синфҳо, халқиятҳо ва дигарҳо) иборат аст ва бо ҳамбастагии якдигар (дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ, яъне муносибатҳои ҷамъияти қарор доранд) кору фаъолият ва зиндагӣ менамоянд. Ин муносибатҳо гуногун буда, ба соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва фаъолияти одамон (муносибатҳои соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, муносибатҳои оилавӣ, дӯстӣ, меҳнатӣ, заминистифодабарӣ, табиатистифодабарӣ, обистифодабарӣ ва ба мисли онҳо) иртибот дошта, вобаста ба онҳо пайдо мешаванд, тағйир меёбанд ва қатъ мегарданд [3, с. 7-9].

Дар ҷараёни инкишофи ин муносибатҳо байни шахсони алоҳида, гурӯҳи онҳо, ташкилоту муассиса ва ҳатто давлатҳо

ихтилофу зиддиятҳое пайдо мешаванд, ки онҳо бояд мавриди муҳокима қарор гирифта, ҳалли дурусту одилона ва қонунии худро пайдо намоянд. Дар соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ қонунгузор (м. 47 КЗ ҶТ, КМГ ҶТ, КГ ҶТ, ва ғайра) истилоҳи баҳсро истифода мебарад. Истифодаи ин вожа дар ин соҳаҳо бештар мувофиқ аст, зеро соҳаи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва гражданӣ асосан моҳияти хусусӣ дошта, оғозу ҷараёни минъбадаи онҳо аз хоҳишу иродаи тарафҳо вобаста аст. Истилоҳи баҳс дар забони тоҷикӣ гуфтугузорро (мубоҳисаро) дар атрофии чизе ё масъалае ифода менамояд. Албатта ин гуфтугузор оддӣ ва танҳо барои гуфтугӯ нест. Ин гуфтугузор оид ба чизе ё масъалае пайдо мешавад, ки нисбати онҳо байни тарафҳо ихтилоф мавҷуд аст, яъне тарафҳо оид ба ин чиз ё масъала андешаю ақидаи аз ҳамдигар фарқкунанда доранд ва зарур аст, ки ин ихтилоф аз байн бурда шуда, масъала ҳалли дурусту одилона ва қонунии худро пайдо намояд.

Муносибатҳои заминистифодабарӣ гуногунҷабҳа ва серсоҳа буда, тарафҳои мухталифи ҳаёти одамон, гурӯҳи онҳо ва ташкилоту созмонҳои онҳоро дарбар мегиранд. Аз ҷумла, муносибатҳо оид ба моликият (доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдории молу мулк, ба иҷора додан, фурӯхтан ё ҳадяи молу мулк), муносибтҳо оид ба масҳсулотсупорӣ, пудрат, қарз ва дигарҳо. Ҳамон тавре, ки дар боло ишора шуд, дар ҷараёни амалишавии муносибатҳои иқтисодӣ ва гражданӣ баҳсҳое ба вуҷуд меоянд, ки онҳо ҳалли дурусту одилона ва қонунии худро талаб менамоянд. Дар сурати дурусту оқилона ва қонунӣ ҳал шудани баҳсҳои номбурда, муносибатҳои зикргардида устувор гардида, имконияти ҳарчи бештари инкишофу пешрафти онҳо пайдо мешавад. Боварии тарафҳои баҳс ба адолату қонуният меафзояд ва ин масъулияту интизомнокии тарафҳои иштирокчиёни ин муносибатҳоро зиёд мекунад. Аз ин ҷо, таъмини кафолати ҳифзи ҳуқуқии тарафҳои баҳс, саривақт ва одилонаю қонунӣ ҳал кардани онҳо заминаи муҳими пешрафти ин муносибатҳо ва дар маҷмӯъ инкишофи тамоми ҷомеаи мебошад.

Дар кишвари мо муддати тӯлонӣ ақида дар бораи бе ҷанҷолу мунокиша будани ҷомеаи шӯравӣ афзалият дошт. Идеологияи расмӣ муаммои мунокишотро асосан дар ростои танқиди нуқсонҳои капитализм баррасӣ мекард [4, с. 19]. Назарияи мунокиша мамнӯъ буда, фақат каме пеш аз ин (солҳои 90-ум) таҳқиқоти умуминазариявӣ оид ба ин муаммои печида пайдо шуданд [5]. Дар ин миён, мунокишаҳои иҷтимоӣ ҳамеша чун унсури ҷудонопазири воқеияти ҳаррӯза баромад мекарданду дигаргуншавии ниҳодҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ таконе барои боз ҳам тезутунд шудани ҳолатҳои гуногуни мунокиша боис мегардиданд.

Таҳқиқи масъалаҳои мунокишаҳои иҷтимоӣ дар чорчӯбаи илми мунокиша (конфликтология) амалӣ мешавад, ки предметаш омӯзиши табиат, сабаб, механизмҳои мунокишот дар ҷомеаи инсонӣ, ичунин роҳҳои ҳаллу пешгирии онҳо мебошад [6, с. 29]. Қисми таркибии илми мунокишаи умумӣ, ин илми мунокишаи ҳуқуқӣ мебошад, ва он сабабҳо, шакл ва ҷараёни мунокишаҳои ҳуқуқиро меомӯзад, ки дар онҳо субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ - шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ширкат меварзанд, инчунин усулҳои ҳуқуқии ҳалли мунокишаҳо, аз ҷумла расмиёти судӣ ва дигар воситаҳои пешбининамудаи ҳуқуқ таҳия карда мешаванд.

Хусусияти баҳси ҳуқуқӣ дар ин аст, ки он бо иҷроиш (татбиқ) ё вайрон намудани ин ё он меъёрҳои ҳуқуқ, пайдоиш, тағйирёбӣ ва қатъшавии муносибатҳои ҳуқуқӣ байни шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ [7, с. 4], мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ иртибот доранд. Чунин муносибатҳоро соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ - ҳуқуқи ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ, ҳуқуқи меҳнат, ҳуқуқи замин ва ғайраҳо танзим мекунанд. Баҳси ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи замин хусусияти худро дорад, ки он аз хосияти муносибатҳои бо меъёрҳои ҳуқуқ танзимшаванда дар соҳаи истифода ва ҳифзи замин бармеояд.

Бояд гуфт, ки дар қонунгузории амалкунанда таърифи баҳси ҳуқуқӣ, хусусан, баҳсҳо вобаста ба қитъаи замин вуҷуд надорад. Дар м. 47 КЗ ҶТ танҳо як муқаррарот омадааст: баҳсҳои оид ба қитъаи замин тибқи тартиби судӣ баррасӣ карда

мешаванд. Маҳз бинобар ҳамин мафҳуми баҳсҳо оид ба қитъаи замин аҳамияти калони назариявӣ ва ҳам амалӣ дорад. Ҳалли назариявии масъалаи мазкур барои таҳлили доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳангоми вайрон намудани ҳуқуқ ба қитъаи замин ба миён меоянд, имкон медиҳад. Аҳамияти амалии ин масъала бошад, дар ошкор намудани чунин қонуншиканиҳое ифода меёбад, ки танҳо тибқи тартиби ҳалли баҳс барқарор карданашон мумкин аст [8, с. 10]. Ба намуди умумӣ калимаи «муноқиша» (низоъ, «конфликт» (лот. conflictus - бархӯрд)-ро чун бархӯрд, ихтилофи ҷиддӣ, баҳс [9, с. 213], зуҳуроти ихтилофи объективӣ ё субъективӣ шарҳ додан мумкин аст, ки дар муқобилияти тарафҳо зоҳир мешаванд, яъне ин чунон вазъиятест, ки тарафҳо (субъектон)-и муқовимат мақсадҳои мухталиф ё ҳамдигарро истиснокунандаро пайгирӣ менамоянд [10, с. 27]. Ҳамин тариқ, муродифи калимаи муноқиша, калимаҳои «низоъ», «баҳс», «бархӯрд», «ихтилоф», «мубориза», «даргирӣ» меёбад.

Баҳси ҳуқуқӣ, ба фаҳмиши умумии ин калима, даъвои мутақобилаи ду ё якчанд шахсон (тарафҳо) ба ҳамон як объект мебошад, ки бо тариқи мунозира (исботкунии лафзӣ, дифоъ намудани нуқтаи назари худ) дар мурофиаи судӣ ҳал карда мешавад [11, с. 426]. Солҳои охир олимони ҳуқуқшиноси машғул ба масоили ҳуқуқи мурофиавӣ ба хулсае омадаанд, ки мафҳуми баҳсро ба сифати мафҳуми (ибораи) мустақили ҳуқуқӣ баррасӣ бояд кард [12, с. 6]. Бо вуҷуди ин, дар таҳқиқи ин падида то ҳол ҷиҳатҳои баҳснок ва ҳатто иштибоҳомез бисёранд. Масъалаҳои мафҳум ва мазмуни баҳсҳо оид ба қитъаи замин, коркарди қоидаи илман асоснокшудаи баҳсҳо оид ба қитъаи замин, аломатҳои хос ва асосҳои пайдоиши он ҳаллу фасли худро наёфтаанд.

Дар масъалаи мафҳуми баҳси ҳуқуқӣ оид ба қитъаи замин дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқоти назари гуногун баён карда мешаванд, ки ҳамдигарро дар умум такмил дода, барои пурратар фаро гирифтани муаммо имконият медиҳанд. Бояд қайд намоем, ки масъалаҳои назарияи баҳсҳои ҳуқуқӣ мавзӯи таҳқиқоти муҳаққиқони илми ҳуқуқи замин ва ҳам мутахассисони соҳаҳои дигари ҳуқуқ мебошад. Дар ин робита коркардҳои муҳаққиқони илми ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ, ки бозгӯи натиҷаҳои баландтарин дар ин соҳа ҳастанд, ҷолиби диққат мебошанд.

М.А. Гурвич аз аввалин олимонест, ки ба зарурати маънои мафҳуми «баҳсҳо оид ба ҳуқуқи гражданӣ» таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Вай чунин навишта буд: «баҳсҳо оид ба ҳуқуқи гражданӣ ин ба маънои... муқовимат, муқобилият алайҳи татбиқи ҳуқуқҳои гражданӣ мебошад, ки мутобиқи қонун танҳо тавассути суд ҳал карданашон мумкин аст» [13, с. 160]. Зимнан вай пешниҳод мекард, ки мафҳуми баҳс маънои маъмул ва ба маънои техникӣ-ҳуқуқӣ аз ҳамдигар фарқ карда шаванд. Баҳс ба мазмуни маъмулаш маънои хархаша, мунозираи лафзиро дорад, ки дар баҳси даъвоӣ метавонад вуҷуд надошта бошад, зеро тарафи дигар метавонад даъворо пазирад. Баҳси ҳуқуқӣ ба маънои мурофиавӣ то замони дар амал иҷро шудани уҳдадорӣ арзи вуҷуд дорад.

Ба назари Н.Б. Зейдер, баҳсҳо оид ба ҳуқуқ натиҷаи вайронкунӣ ё талоши соҳиб шудан ба ҳуқуқ аст. Баҳсҳо оид ба ҳуқуқ воқеӣ мешавад, «аввалан, агар лоақал яке аз ширкаткунандагони баҳс дар бораи мавҷудияти муносибати ҳуқуқии муайян дар байни субъектони мубоҳис изҳор кунад, ва сонияи, агар ширкаткунандаи баҳс гӯяд, ки субъекти дигари баҳс ҳуқуқи субъективии ӯро вайрон карда ё зери суол бурдааст [14, с. 10].

Мафҳуми баҳсҳо оид ба ҳуқуқро, ки Н.Б. Зейдер пешниҳод кардааст, бисёре аз олимон ҷонибдорӣ кардаанд. Ба фикри Д.М. Чечот, баҳс ин ихтилофи назари субъектон бар сари ҳуқуқ уҳдадориҳояшон мебошад [15, с. 47-48]. Н.А. Чечина баҳсро муқобилият бо ҳуқуқ, ҳолати моддии муносибати ҳуқуқӣ медонад, ки зимни он яке аз субъектони ин муносибат тавони татбиқи ҳуқуқи худро надошта, чунин меҳисобад, ки ҳуқуқаш вайрон ё баҳснок шудааст ва аз суд хоҳиши ҳимоя дар шакли қатъи ҳуқуқвайронкуниро дорад [16, с. 50]. М.Д. Матиевский чунин мепиндошт, ки ихтилофи назари субъектон ба шарте ба дараҷаи баҳсҳо оид ба ҳуқуқ мерасанд, ки бо тартиби пешбининамудаи қонун арз шуда бошанд. М.Д. Матиевский мегӯяд, ки тартиби пешбининамудаи қонун

аз ҳалли баҳс бо тариқи даъво ва тобеияти ҳуқуқӣ иборат аст. То ин замон ихтилофи тарафҳо «аҳамияти сирф воқеӣ дошта, сабаби арз намудани баҳс мебошад» [17, с. 13].

Намояндагони илми ҳуқуқи замин мафҳуми баҳсҳо оид ба ҳуқуқро дар чорчӯбаи муносибатҳои вобаста ба замин мушаххастар мекунанд. Зимнан, ба монанди мутахассисони ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ, онҳо моҳияти ҳуқуқии моддии баҳсро таъкид мекунанд ва ё баҳсро чун навъи махсуси муносибати мурофиавӣ арзёбӣ менамоянд. Дар ин робита нуқтаи назари И.А. Иконитская қобили дастгирист, ки фарқ намудани мазмуни ҳуқуқии моддии баҳсро аз шакли мурофиавии он пешниҳод мекунад [18, с.10]. Мазмуни ҳуқуқии моддӣ муносибатҳои вобаста ба замин мебошанд, ки оид ба онҳо баҳс ба миён омадааст, яъне ин моҳияти баҳс аст. Шакли мурофиавӣ асоси оғоз ва тартиби ҳалкунии баҳсҳо оид ба қитъаи замин мебошад.

Аз ин нуқтаи назар мафҳуми баҳсҳо оид ба қитъаи замини Н.Д. Казантсевро мафҳуми «ҳуқуқии моддӣ» номидан мумкин аст: «баҳсҳои оид ба замин баҳсҳо дар байни ширкаткунандагони муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба замин дар робита бо вайронкунии воқеӣ ё эҳтимолии ҳуқуқу манфиатҳои худ вобаста ба замин мебошанд». Як қатор муаллифон [19, с. 127] хосияти мунокиша-омези баҳс оид ба заминро қайд намуда, мегӯянд, ки» баҳсҳо оид ба замин ин даъвои ҳуқуқест, ки объекташ ҳуқуқи субъективӣ ба қитъаи замини мушаххас мебошад [20, с. 262-263], ё худ, «баҳсҳо оид ба замин ихтилоф, мунокишаест, ки дар байни ширкаткунандагони муносибатҳои вобаста ба замин дар мавзӯи татбиқи ҳуқуқи субъективии онҳо ва (ё) иҷрои уҳдадориҳои дахлдор ба миён меояд» [21, с. 215]. Бо ҷонибдорӣ аз мафҳуми ҳуқуқии моддии баҳсҳо оид ба қитъаи замин ҳаминро илова бояд кард, ки баҳсҳо оид ба қитъаи замин на танҳо мунокиша, даъвои мутақобилаи ду ё якчанд шахс ба ҳамон як объекти замин, балки иддаои пайдошуда барои қонеъ нашудан, ҷуброн нагардидани манфиатҳои молу мулкӣ ва шахсиест, ки аз муносибатҳои вобаста ба замин бармеоянд [22, с. 75].

Мафҳумҳои В. Романов ва Г.В. Чубуков дар хусуси баҳсҳо оид ба қитъаи замин, мазмунан ба мавқеи ҳуқуқи моддӣ наздиканд. Чунончи, В. Романов қайд мекунад, ки ба баҳсҳо оид ба замин ҳама гуна баҳсҳо дар мавриди замин мансубанд, ки бо қабулнамоии санадҳои ҳуқуқии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти намояндагӣ ё иҷроияи ҳокимият (маъмурияти маҳаллӣ) дар соҳаи татбиқи вазифаҳои давлатӣ оид ба ихтиёрдории замин, қатъ ё маҳдуд кардани ҳуқуқи субъективии моликият, соҳибият ё истифодаи замин ё радди чунин ҳуқуқ, инчунин бо баҳсҳои байниҳамдигарии шахсону шаҳрвандон вобаста ба вайрон шудани ҳуқуқашон иртибот доранд [23, с. 23]. Зимнан В. Романов низ баҳсҳои молу мулкии вобаста ба қитъаи заминро аз баҳсҳои молу мулкие, ки аз муносибатҳои вобаста ба замин ба миён меоянд, ҷудо мекунад ва онҳоро тавсиф медиҳад.

Ба фикри Г.В. Чубуков зери мафҳуми баҳсҳо оид ба замин мунокишаҳоеро фаҳмидан лозим аст, ки дар мавриди вайрон гардидани қонунгузорӣ оид ба замин пайдо мешаванд [24, с. 269]. Ҳамзамон, вай аз ақидаи Б.В. Ерофеев ҷонибдорӣ мекунад, ки баҳсҳо оид ба замин, ин муҳокима ва исботнамоии ҳуқуқ ба замин бо риояи расмиёти мурофиавӣ ва баробарҳуқуқии ширкаткунандагони муносибатҳои вобаста ба замин мебошад [25, с. 427]. Дар ҳолати мазкур мафҳуми «мурофиавӣ»-и баҳсҳо оид ба замин дода шудааст. Н.Н. Осокин баҳсҳо оид ба заминро чун баҳс дар мавриди ҳуқуқи субъективии шахсе, ки ба он ҳуқуқи мазкур бо тартиби муқарраргнамудаи қонун дода шудааст, ба қитъаи замини мушаххас маънидод мекунад [26, с. 11].

Р.К. Гусев баҳсҳо оид ба заминро ба маънои мурофиавӣ чун исботкунӣ дар асоси муқобилгузории ҳуқуқи молу мулкӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқу манфиатҳои дигаре, ки аз муносибатҳои вобаста ба замин бармеоянд, дар заминаи принсипҳои муқарраргнамудаи қонунгузории замин, гражданӣ ва мурофиавии гражданӣ баррасӣ менамояд [27, с. 11]. Олимони дигар (И.А. Иконитская, В.М. Дикусар) баҳсҳо оид ба заминро чун муносибати махсуси ҳуқуқӣ шарҳ медиҳанд. Баҳсҳо оид ба замин

муносибати ҳуқуқии байни ду ва зиёда аз ин тарафҳои баробарҳуқуқ дар мавриди даъвояшон ба ҳуқуқу уҳдадориҳои вобаста ба замин аст, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқи замин, гражданӣ, мурофиаи гражданӣ ва мурофиаи иқтисодӣ танзим ёфта, бо усулҳои иҷозатдодаи қонун ҳаллу фасл карда мешавад [28, с. 53].

Ба андешаи мо, ҳамин нуқтаи назари охирин аз ҳама писандидатар аст, баҳсҳо оид ба ҳуқуқ ҳақиқатан муносибати ҷамъиятӣ мебошад. Азбаски чунин муносибат дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ ба миён омада, предметаш ҳуқуқи субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ мебошанд, бо тамоми асосҳо онро чун муносибати ҳуқуқӣ баррасӣ намудан мумкин аст. Он асоси пайдоиши худро дар шакли воқеаҳои (фактҳои) ҳуқуқӣ дорад. Дар сурати мавҷуд будани чунин воқеаҳо ихтилофот аҳамияти моҷаро дар сари ҳуқуқро касб намуда, боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегарданд (аз як тараф, барои ҷабрдида худсарона татбиқ намудани ҳуқуқи вайроншуда ё мавриди баҳс қарор гирифтааш манъ ва аз тарафи дигар - ба вай имкони муроҷиат ба мақоми босалоҳият барои ҳалли баҳс дода шудааст). Баръакс, дар сурати набудани чунин воқеаҳо ихтилофот на аҳамияти ҳуқуқӣ, балки танҳо аҳамияти воқеӣ доранду ягон оқибати аз лиҳози ҳуқуқӣ муҳимро ба бор намеоранд [29, с.31].

Баъзан дар амалияи судӣ мафҳумҳои «шикоят» ва «баҳс»-ро ба ҳам омехта мекунанд. Истилоҳи «шикоят» нисбат ба ҳолатҳои пешниҳоди даъво ба мақомоти ҳокимият истифода бурда мешавад. Агар иддао ба суд равад ва судя парвандаи баҳсро баррасӣ намояд, истилоҳи «шикоят» ин ҷо мувофиқ намеояд, чунки он на баробарии тарафҳоро дар назди суд, балки мавқеи тобеи даъвогарро нисбат ба ҷавобгар ифода мекунад. Ҳангоми баррасии судии парвандаҳои оид ба қитъаи замин, чи тавре ки В.М. Дикусар қайд менамояд, аз истилоҳи «шикоят» даст кашида, онро бо мафҳуми «талаби даъвоӣ» иваз намудан беҳтар аст. Аммо зимни баррасии қазияҳо оид ба қитъаи замин дар зинаҳои маъмурӣ истифодаи истилоҳи «шикоят» комилан асоснок мебошад [30, с. 20].

Сохтор, ҷараён, хусусият ва хосиятҳои дигари баҳсҳо оид ба қитъаи заминро ҷамъбаст намуда, назару андешаҳои гуногуни намояндагони илми ҳуқукро дар масъалаи ташаккули мафҳуми баҳсҳо оид ба қитъаи замин ба низом дароварда, мафҳуми зерини баҳсҳо оид ба қитъаи заминро пешниҳод намудан мумкин аст.

Баҳсҳо оид ба қитъаи замин муносибати махсуси ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи замин, мурофиаи замин, ҳуқуқи гражданӣ, мурофиаи гражданӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, мурофиаи маъмурӣ ва ҳуқуқи мурофиаи иқтисодӣ танзимшаванда ва бо усулҳои иҷозатдодаи қонун ҳалшавандаест, ки дар байни шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ вобаста ба вайрон (поймол) шудан ё зери баҳс қарор гирифтани ҳуқуқи субъективии онҳо ба қитъаи замин ва ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, манфиат ё уҳдадроиҳои онҳо ба миён меояд ва мазмунаш аз даъвои мутақобилаи тарафҳо нисбат ба ин ҳуқуқҳои субъективӣ, манфиат ё уҳдадориҳо иборат аст.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, Андалеб-Р. 2015. – 396 с.
2. Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, № 658.
3. Ализода З., Зоиров Ш., Малаев М., Шеров С. Судҳои ҳакамӣ. – Душанбе, 2011. – с. 7-9.
4. Конфликтология: учебник / под ред. А.С. Кармина. СПб., 2000. - с. 19.
5. Юридическая конфликтология / под ред. В.Н. Кудрявцева. - М., 1995; Здравомыслов А.Г. Социология конфликта: Россия на пути преодоления кризиса: учебное пособие. - М., 1995; Андреев В.Н. Конфликтология: искусство спора, ведения переговоров, разрешения конфликтов. - М., 1995; Анцупов А.Я., Шипилов А.И. Конфликтология: теория, история, библиография. - М., 1996; Белкин А.С. и др. Конфликтология: наука о гармонии. Екатеринбург, 1995; Дмитриев А.В. Конфликтология: учебное пособие. - М., 2000 и др.

6. Хаманеева Н.Ю. Теоретические проблемы административно-правового спора // Государство и право. 1998. Х» 12. - ст. 29.

7. Юридическая конфликтология / под ред. В.Н. Кудрявцева. - М., 1995. - ст. 4.

8. Иконицкая И.А. Разрешение земельных споров. - М., 1973. - ст. 10.

9. Конфликт // Юридическая энциклопедия / под ред. М.Ю.Тихомирова. - М., 1999. - ст. 213.

10. Социальные конфликты: экспертиза, прогнозирование, технология разрешения. - М., 1991. - № 1. - ст. 27.

11. Земельное право: учебник для вузов / под ред. Б.В. Ерофеева. - М., 2003. - ст. 426.

12. Побирченко И.Г. Хозяйственная юрисдикция (общее учение). Киев, 1973. - ст. 11; Зайцев И.М. Хозяйственный спор и арбитражный процесс. Вопросы теории. Саратов, 1982. - ст. 6.

13. Гурвич М.А. Лекции по советскому гражданскому процессу. - М., 1960. - ст. 160.

14. Зейдер Н.Б. Судебное решение по гражданскому делу. - М., 1966. - ст. 5-6, 10.

15. Чечот Д.М. Судебная защита субъективных прав и интересов // Советское государство и право. 1967. - № 8. - ст. 47- 48.

16. Чечина Н.А. Основные направления развития науки гражданского процессуального права. Ленинград, 1987. - ст. 50.

17. Матиевский М.Д. Спор о праве в советском гражданском процессе: Автореф. дис. ... канд. юрид. наук. - М., 1978. - ст. 13.

18. Иконицкая И.А. Разрешение земельных споров. - М., 1973. - ст. 10.

19. Земельное право: учебник / под ред. Казанцева Н.Д., Павлова И.В. - М., 1971. - ст. 127.

20. Земельное право: учебник / под ред. В.В. Петрова. - М., 1998. - С. 119; Земельное право России: учебник / под ред. В.Х. Улюкаева. - М., 2003. - С. 215; Земельное право: учебник / под ред. С.А. Боголюбова. - М., 2002. - ст. 262-263.

21. Земельное право: учебник / под ред. В.х. Улюкаева. - М., 2003. - ст. 215.

22. Земельное право: учебное пособие / под ред. Р.К. Гусева. - М., 2001. - ст. 75.

23. Романов В. Споры, возникающие из земельных отношений // Российская юстиция. 1994. - № 8. - ст. 23.

24. Земельное право России: учебник / под ред. Г.В. Чубукова. - М., 2002. - ст. 269.

25. Земельное право: учебник для вузов / под ред. Б.В. Ерофеева. - М., 2003. - ст. 427.

26. Осокин Н.Н. Земельные споры в судах // Советская юстиция. 1992. - № 9-10. - ст. 11.

27. Земельное право: учебное пособие / под ред. Р.К. Гусева. - М., 2001. - ст. 75.

28. Дикусар В.М. Земельные суды в России? // Российская Юстиция. 2000. - № 11. - ст. 53.

29. Елисейкин П.Ф. Основания спора о праве гражданском // Вопросы теории и практики гражданского процесса. Гражданское судопроизводство и арбитраж: Межвузовский научный сборник. Саратов, 1984. - ст. 31.

30. Дикусар В.М. Правовое регулирование разрешения земельных споров в Российской Федерации: Автореф: дис. ... канд. юрид. наук. - М., 1997. - ст. 20.

**Аннотатсия**

**Мафҳум ва моҳияти баҳсҳо оид ба қитъаи замин дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур масъалаи мафҳум ва моҳияти баҳсҳо оид ба қитъаи замин дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудааст. Ҳангоми баррасии масъала ошкор гардид, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи ягона оид ба мафҳум ва моҳияти баҳсҳо оид ба қитъаи замин мавҷуд набуда, дар қонунгузорӣ мухолифатҳо ва номукаммалиҳо ҷой доранд. Муаллиф баъзе аз хусусиятҳо, моҳият, мафҳуми баҳсҳо оид ба қитъаи заминро муайян намуда, пешниҳодҳои илмӣ ва амалиро барои дуруст татбиқ кардани меъёрҳои қонунгузории замин ва пешниҳод намудани мафҳуми мукаммали баҳсҳо оид ба қитъаи замин манзур намудааст.

**Аннотация**

**Понятие и сущность споров о земельных участках в современных условиях Республики Таджикистан**

В данной статье исследованы понятие и сущность споров о земельных участках в современных условиях Республики Таджикистан. Во время проведения исследования данной проблемы было выявлено, что в юридической литературе нет единого мнения о понятии и сущности споров о земельных участках, а также в законодательстве встречаются противоречия и неясности. Автор определил некоторые особенности, сущность, понятия споров о земельных участках и сделал научные и практические предложения для правильного разрешения применения норм земельного законодательства, а также предложил конкретные понятия споров о земельных участках.

**Annotaton**

**The concept and essence of disputes about land plots in the current condition of the Republic of Tajikistan**

In this article concept and essence of disputes about land plots in the current condition of Tajikistan is explored. During the research this problem was shown that in the legal literature there is no common opinion about the concept and nature of disputes over land plots, and also in the legislation there are contradiction and ambiguity.The author defined certain features, essence, concepts of disputes about land plots and made scientific and practical suggestions for the correct resolution of the application of the land law norms, and also proposed a specific concept of disputes over land plots.



**Ҳамдамзода Сироҷиддин Бахтиёр,**
*сармутахассиси шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ДОИР БА МАСОИЛИ ИДОРАКУНИИ МУШТАРАКИ ҶАНГАЛ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Калидвожаҳо:** *ҷангал;. идоракунии муштараки ҷангал; шартномаи идоракунии муштараки ҷангал; нақшаҳои идоракунӣ хоҷагии ҷангал.*

**Ключевые слова:** *лес; совместное управление лесами, договор совместного управления лесами; лесохозяйственный план управления лесами.*

**Keywords:** *forest; joint forest management; joint forest management agreement; forestry management plan.*

Бояд гуфт, ки идоракунии муштараки ҷангал – ин усули идоракунии ҷангал мебошад, ки аҳолии маҳаллӣ – шахсони алоҳида ва ё гурӯҳҳоро барои идоракунии ҷангал ҷалб менамояд ва барои барқароршавии ҷангалҳои табиии дар заминҳои фонди давлатии ҷангал қарор дошта, ки дар натиҷаи истифодаи дурудароз таназзул ёфтаанд, кӯмак мерасонад. Идоракунии муштараки ҷангал, яке аз масъалаҳои муҳим дар рушди соҳаи ҷангал ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии фаъолияти идоракунии муштараки ҷангал, ин ҳавасманд кардан ба истифода ва назорати муштараки ҷангалзорҳо аз ҷониби ҷомеаи маҳаллӣ ва сохтори давлатӣ мебошад.

Идоракунии муштараки ҷангал ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳои ҷангал, ба монанди ҷӯб, ҳезум, меваҷот, растаниҳои ғизоӣ, гиёҳҳои шифобахш ва дигар маҳсулоти олами набототи ҷангал, мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин, идоракунии муштараки ҷангал барои беҳтар намудани ҳолати ҷангал, нигоҳдории майдонҳои ҷангалдор ва таъмини ҳифзи ҷангал аз биёбоншавӣ равона гардида, барои зисти олами ҳайвонот шароити мусоидро фароҳам меорад. Дар баробари ин дар доираи идоракунии муштараки ҷангал истифодабарандагони ҷангал барои истифодаи ҳиссаи худ дар рушд ва ҳифзи фонди ҷангал ҳавасманд карда мешаванд.

Идоракунии муштараки ҷангал дар асоси шартнома амалӣ мегардад, шартномаи муштараки идоракунии ҷангал байни ташкилоти хоҷагии ҷангал ва истифодабарандагони ҷангал ба муҳлати муайян баста мешавад.

Дар баробари шартнома ҳамчунин идоракунии муштараки ҷангал дар асоси нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал амалӣ карда мешаванд. Бояд махсусан қайд намуд, ки нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал яке аз унсурҳои ҳатмии идоракунии муштараки ҷангал ба ҳисоб меравад. Дар асоси нақшаҳои идоракунии хоҷагии ҷангал барои истифодаи самаранок ҳудудҳои муайяни ҷангалҳои давлатӣ дода мешаванд. Дар доираи идоракунии муштараки ҷангал ба ҳайси истифодабарандагони ҷангал шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ баромад карда метавонанд. Ҳамзамон, бояд ёдовар шуд, ки барои истифодабарандагон нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал ба ҳайси ҳуҷҷати асосӣ барои истифода намудани ҷангал ба ҳисоб меравад.

Лозим ба ёдоварист, ки яке аз ваколатҳои Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат

намудан дар таҳияи нақшаҳои идоракунии хоҷагии ҷангал ба ҳисоб меравад (сархати 26 зербанди «в» банди 5 Низомномаи Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон [1]).

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби додан ва муҳлати истифодаи қитъаҳои ҷангалро дар доираи идоракунии муштараки ҷангал муайян менамояд.

Мақсадҳои идоракунии муштараки ҷангал инҳоянд: 1) истифодабарии устувори захираҳои ҷангал ҳамчун воситаи барқароркунӣ, беҳтар кардани ҳолат ва нигоҳдории ҷангал дар асоси шартномаи идоракунии муштараки ҷангал; 2) фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини шаҳрвандон бо манбаи даромад; 3) ҷалби шаҳрвандон ба чорабиниҳои зидди биёбоншавӣ ва идоракунии муҳити атроф; 4) андешидани тадбирҳои иловагӣ барои нигоҳдории майдонҳои ҷангалдор ва таъмини ҳифзи ҷангал; 5) васеъ намудани масоҳати ҷангалҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зисти олами ҳайвонот.

Маврид ба зикр аст, ки истифодабарии устувори ҷангал гуфта, истифодабарии захираҳои ҷангалро меноманд, ки талаботи наслҳои ҳозира ва минбаъдаро ба захираҳо ва хосиятҳои фоиданоки ҷангал таъмин мекунад (сархати 12 моддаи 1 Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон [2]).

Бояд гуфт, ки масоҳати умумии заминҳои фонди давлатии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1760 ҳазор гектар баробар буда, танҳо 506 ҳазор гектараш ҷангалпӯш мебошад, ки 3 фоизи масоҳати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Яке аз сабабҳое, ки ба рушди хоҷагии ҷангал таъсири манфӣ мерасонад, ин вобаста будани заминҳои фонди давлатии ҷангал ба хоҷагиҳои кишоварзӣ барои истифодаи чарогоҳ мебошад. Аз ин лиҳоз бо дарназардошти он ки ҷангал ба парвариш, нигоҳубин, азнавбарқароркунӣ ва муҳофизат эҳтиёҷ дорад, зарурият ба барқарор намудани ҷангалзорҳо, ҷалби шаҳрвандон ба чорабиниҳои зидди биёбоншавӣ, андешидани тадбирҳои иловагӣ барои нигоҳдории майдонҳои ҷангалдор ва таъмини ҳифзи ҷангал, васеъ намудани масоҳати ҷангалҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зисти олами ҳайвонот ба миён омадааст. Бояд гуфт, ки андешидани чораҳои зикргардида бояд дар якҷоягӣ бо чораҳои зарурие, ки барои фароҳам овардани шароити мусоид ба шаҳрвандон ҷиҳати таъмин намудан онҳо бо манбаи даромади иловагӣ равона гардидаанд, амалӣ карда шаванд.

Чи тавре дар боло қайд гардид, идоракунии муштараки ҷангал усули идоракуние мебошад, ки аҳолии маҳалӣ – шахсони алоҳида ва ё гурӯҳҳоро барои идоракунии ҷангал ҷалб менамояд ва барои барқароршавии ҷангалҳои табиии дар заминҳои фонди давлатии ҷангал қарордошта, ки дар натиҷаи истифодаи дурудароз таназзул ёфтаанд, кӯмак мерасонад. Ҳамин тариқ, мақсади асосии фаъолияти идоракунии муштараки ҷангал ин ҳавасманд намудани шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ барои истифодабарии устувори захираҳои ҷангал бо мақсади барқароркунӣ, беҳтар кардани ҳолат ва нигоҳдории ҷангал мебошад, ки баҳри қонеъ намудани талаботи наслҳои ҳозира ва минбаъда бо захираҳо ва хосиятҳои фоиданоки ҷангал нигаронида шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки мақсади асосии идоракунии муштараки ҷангал на ба таъсиси боғҳо ва киштзорҳои ҷангал, балки ба муҳофизат, рушд ва маҳсулнокии ҷангалҳои табиӣ равона карда шудааст.

Ҳамин тариқ, қонунгузор ҳуҷҷатҳои зеринро ҳамчун унсурҳои ҳатмии идоракунии муштараки ҷангал муқаррар намуд: 1) шартнома; 2) нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал.

Пас, идоракунии муштараки ҷангал дар асоси шартномаи идоракунии муштараки ҷангал ва нақшаҳои идоракунии хоҷагии ҷангал амалӣ карда мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки тибқи қисми 1 моддаи 452 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] шартнома созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадорӣ мебошад. Яъне, шартнома гуфта, созиши ду ва зиёда субъектони ҳуқуқро меноманд, ки дар

натиҷаи он ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо пайдо мешаванд, тағйир меёбанд ё қатъ мегарданд. Дар натиҷаи бастани шартномаи идоракунии муштараки ҷангал истифодабарандагони ҷангал ҳуқуқи истифодабарии ҷангалро соҳиб мешаванд. Дар баробари ин дар натиҷаи бастани шартномаи идоракунии муштараки ҷангал барои истифодабарандагони ҷангал уҳдадориҳои дар қисми 2 моддаи 51 Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида метавонанд ба вуҷуд меоянд. Ба монанди: 1) роҳ надодан ба расонидани зарар ба муҳити зист ва саломатии аҳолӣ; 2) анҷом додани корҳои пешгирии эрозияи замин, ки ба ҳолат ва барқароркунии ҷангал таъсири манфӣ мерасонад; 3) дар қитъаҳои фонди давлатии ҷангали ҷудогардида риоя намудани қоидаҳои бехатарии сӯхтор; 4) дар қитъаҳои фонди давлатии ҷангал мусоидат намудан ба пешгирии дарахтбурии ғайриқонунӣ, худсарона ҷамъоварӣ намудани захираҳои табиии ҷангал; 5) сари вақт пардохт намудани маблағи истифодаи ҷангал тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; 6) риоя намудани талаботи беҳтар кардани ҳолати санитарии ҷангал; 7) ба ҷангалдорони давлатӣ хабар додан оид ба пайдо шудани ҳашароту зараррасонандагон ва касалиҳои дарахту буттаҳо дар ҳудудҳои ҷангалзорҳои ба онҳо вобастабуда ва андешидани чораҳои зарурӣ; маҳдуд накардани ҳуқуқи дигар истифодабарандагони ҷангал.

Шартномаи идоракунии муштараки ҷангал бо мақсади истифодаи самараноки захираҳои ҷангал баста мешавад. Дар баробари ин шартномаи идоракунии муштараки ҷангал ҳудудҳоеро, ки дар онҳо истифодабарии захираҳои ҷангал дар доираи идоракунии муштарак иҷозат дода мешавад, муайян менамояд.

Ба ҳайси субъектони шартнома оид ба идоракунии муштараки ҷангал инҳо баромад карда метавонанд: 1) ташкилоти хоҷагии ҷангал, яъне сохтори ҳудудии давлатии хоҷагии ҷангал, ки шахси ҳуқуқӣ мебошад; 2) истифодабарандаи ҷангал, яъне шахси воқеӣ ё шахси ҳуқуқие, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи истифодабарии захираҳои фонди давлатии ҷангалро дорад.

Ҳамзамон, шартномаи идоракунии муштараки ҷангал, ки байни истифодабарандагони ҷангал ва ташкилотҳои хоҷагии ҷангал баста шудааст, ба истифодабарандагони ҷангал идораи мустақилонаи ҷангалро иҷозат дода, дар навбати худ ташкилотҳои хоҷагии ҷангалро уҳдадор менамояд, ки истифодабарандагони ҷангалро дастгирӣ намуда, истифода ва муҳофизати қитъаи ҷангали ба онҳо вобастабударо таъмин намоянд.

Шартнома оид ба идоракунии муштараки ҷангал масъалаҳои зеринро дарбар мегирад: а) андоза ва ҷойгиршавии аниқи қитъаи ҷангал, чуноне ки дар харита нишон дода шудааст; б) номи минтақаи ҷангалпарварӣ ва ё шуъбаи идоракунандаи ташкилоти хоҷагии ҷангал ва шахси масъули назораткунандаи кори истифодабарандагони ҷангал; в) мақсадҳои идоракунии муштараки ҷангал; г) тартиби таҳия ва таркиби нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал; ғ) тартиби тақсимоти ҳосили ба даст мада; д) ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ташкилоти хоҷагии ҷангал ва истифодабарандагони ҷангал; е) мӯҳлати шартнома ва тартиби тамдиди он; ё) ҷавобгарӣ барои вайрон намудани шартҳои шартнома; ж) тартиби бекоркунии шартнома ва даровардани тағйирот ба он.

Дар баробари шартномаи идоракунии муштараки ҷангал ба ҳайси унсури ҳатмии идоракунии муштараки ҷангал инчунин нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал баромад менамояд. Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки қисми дуюми моддаи тафсиршаванда, нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал ва нақшаи солонаи чорабиниҳои хоҷагии ҷангалро ҳамчун ҳуҷҷатҳои асосӣ ҷиҳати мустақилона истифода намудани фонди ҷангал аз ҷониби истифодабарандагони ҷангал дар доираи фаъолияти идоракунии муштарак муайян менамояд.

Ба ҳайси яке аз принсипҳои соҳаи хоҷагии ҷангал принсипи идоракунии устувори ҷангал ба ҳисоб меравад, ки дар асоси банақшагирии хоҷагии ҷангал муқаррар карда шудааст. Банақшагирӣ бо мақсади рушди захираҳои ҷангал ва

истифодаи устувори онҳо ба роҳ монда мешавад. Ҳамин тариқ, нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал ва нақшаи солонаи чорабиниҳои хоҷагии ҷангал ҳамчун воситаи муҳими идоракунии муштараки ҷангал, мониторинги фаъолияти идоракунии муштараки ҷангал ва муайян намудани натиҷаи он хизмат мекунанд. Яъне, нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал ва нақшаи солонаи чорабиниҳои хоҷагии ҷангал ба мушоҳидаи мунтазами ҳолати ҷангал ва арзёбии он, инчунин ҷиҳати таҳияи тавсияҳо оид ба пешгирию бартараф кардани оқибатҳои манфӣ дар ҳифзу ҳимоя, барқароркунӣ ва истифодаи захираҳои ҷангал мусоидат менамояд.

Гузашта аз ин, нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал ва нақшаи солонаи чорабиниҳои хоҷагии ҷангал имконият медиҳад, ки дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии ҷангал истифодаи самараноки захираҳои ҷангал, хусусан тайёр кардани чӯб (ҳезум) ба меъёри имконпазир дар як сол ва эҳтимолияти ҳосили маҳсулотҳои ғайричӯбӣ, ба роҳ монда шавад.

Нақшаҳои идоракунии хоҷагии ҷангал аз рӯи принсипҳои идоракунии устувори ҷангал таҳия мешаванд, ки онҳо баҳисобгирии захираҳои ҷангал, арзёбии ҳолат ва хоҷагидории чангал дар давраи санҷиш ва банақшагирии мақсадҳои тараққиёт, барқароркунӣ ва истифодабарии захираҳои ҷангалро дар мавзеъҳои муайяншуда (хоҷагиҳои ҷангал, ҷангалбонҳо ва қитъаҳои идоракунии муштараки ҷангал) дарбар мегиранд.

Нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал ва нақшаи солонаи чорабиниҳои хоҷагии ҷангал аз тарафи истифодабарандагони ҷангал ва ташкилотҳои хоҷагии ҷангал дар якҷоягӣ барои ҳар як қитъаи муайяни ҷангал таҳия карда мешаванд. Ҳамзамон, нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал ба муҳлати аз 5 то 10 сол таҳия гардида, ва дар навбати худ нақшаи солонаи чорабиниҳои хоҷагии ҷангал ба муҳлати то 1 сол таҳия карда мешавад. Нақшаи идоракунии хоҷагиҳои ҷангал аз ҷониби Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, мақоми ваколатдори давлатии соҳаи хоҷагии ҷангал назорати иҷрои нақшаи идоракунии хоҷагиҳои ҷангалро ба амал мебарорад. Дар навбати худ нақшаҳои идоракунии минтақаи ҷангал ва қитъаҳои идоракунии муштараки ҷангал аз тарафи ташкилотҳои ҳудудии хоҷагии ҷангал тасдиқ карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки нақшаи солонаи чорабиниҳои хоҷагии ҷангал дар асоси нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал омода мегарданд. Дар нақшаи солонаи чорабиниҳои хоҷагии ҷангал аслан намуд ва ҳаҷми маҳсулоти ҷангал, ки аз ҳисоби заминҳои истифодабарандагони ҷангал ҷамъоварӣ карда мешаванд, дарҷ мегарданд.

Мақсади асосии тақсимоти ҳиссаи маҳсулоти солона муайян карда шудааст, ки ин ҳавасманд намудани истифодабарандаи ҷангал ҷиҳати истифода бурдани ҳиссаи худ дар рушд ва ҳифзи фонди ҷангал мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки ҳосили аз қитъаи ҷангал дар доираи асосии фаъолияти идоракунии муштараки ҷангал ба дастомада байни ташкилоти ҳоҷагии ҷангал ва истифодабарандагони ҷангал тақсим карда мешавад. Истифодабарандагони ҷангал ва ташкилоти ҳоҷагии ҷангал тақсимоти маҳсулоти ҷангалро тибқи муқаррароти шартномаи идоракунии муштараки ҷангал ба роҳ мемонанд. Маврид ба зикр аст, ки муайян намудани саҳм аз ҳосил бисёр мушкил мебошад ва гузашта аз ин, дар қонунгузорӣ низ механизми муайян намудани ҳиссаи маҳсулоти солонаи дар доираи фаъолияти идоракунии муштараки ҷангал ба танзим дароварда нашудааст.

Чи тавре қайд гардида буд, дар асоси шартномаи идоракунии муштараки ҷангал ҳудудҳое, ки дар онҳо истифодабарии захираҳои ҷангал дар доираи идоракунии муштарак иҷозат дода мешавад, муайян мегарданд.

Бояд гуфт, ҳудудҳое, ки дар онҳо тибқи шартномаи идоракунии муштараки ҷангал истифодабарии захираҳои ҷангал иҷозат дода мешавад, манъ аст: 1) аз тарафи шахсони сеюм истифодабарии захираҳои ҷангал. Зери мафҳуми шахсоне сеюм шахсоне фаҳмида мешаванд, ки ба ҳайси тарафи шартномаи идоракунии муштараки ҷангал баромад намекунанд; 2) берун аз нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал ва

накшаи солонаи чорабиниҳои хоҷагии ҷангал истифода намудани захираҳои ҷангал. Аз муқаррароти моддаи тафсиршаванда бармеояд, ки шартномаи идоракунии муштараки ҷангал бояд ҳатман дар асоси нақшаи идоракунии хоҷагии ҷангал ва нақшаи солонаи чорабиниҳои хоҷагии ҷангал таҳия карда шавад ва дар заминаи нақшаҳои мазкур истифодабарии муштараки захираҳои ҷангал ба роҳ монда шавад.

Қонунгузор ягон муҳлати аниқ ва мушаххасро барои шартномаи муштараки идоракунии ҷангал муқаррар накардааст. Ҳамин тариқ, тарафҳои шартномаи муштараки идоракунии ҷангалро ҳангоми муайян намудани муҳлати амали шартнома бояд талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя намоняд. Дар баробари ин бояд дар назар дошт, ки яке аз мақсадҳои асосии фаъолияти идоракунии муштараки ҷангал, ин истифодабарии устувори захираҳои ҷангал ҷиҳати барқароркунӣ, беҳтар кардани ҳолат ва нигоҳдории ҷангал дар асоси шартномаи идоракунии муштараки ҷангал мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки барқароркунии ҷангал аз як қатор амалҳо иборат мебошад. Ба монанди, шинонидани ниҳоли навъҳои пурарзиши дарахту буттаҳои барои хоҷагидорӣ фоидаовар дар заминҳои фонди ҷангал бо дарназардошти шароитҳои сабзиши ҷангал ва нигоҳдории фонди генетикӣ ва гуногунии биологии ҷангалҳо. Аз ин лиҳоз муҳлати амали шартномаи муштараки идоракунии ҷангал бояд ба таври кофӣ дароз бошад, то ин ки ба истифодабарандагони ҷангал ҷиҳати барқарорсозии ҷангал муҳлати кофӣ дода шавад.

Қонунгузор дар кадом ҳолат дароз намудани муҳлати амали шартномаи муштараки идоракунии ҷангалро муайян менамояд. Ҳамин тариқ, дар ҳолати аз ҷониби истифодабарандагони ҷангал риоя гардидани шартҳои шартномаи муштараки идоракунии ҷангал дароз намудани муҳлати амали шартнома кафолат дода мешавад. Яъне, қонунгузор дар қисми 2 моддаи 49 Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати аз ҷониби истифодабарандагони ҷангал риоя гардидани шартҳои шартномаи муштараки идоракунии ҷангал дароз намудани муҳлати амали шартномаро танҳо кафолат медиҳад. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳангоми риоя гардидани шартҳои шартномаи муштараки идоракунии ҷангал мумкин аст, ки муҳлати шартнома тамдид карда нашавад.

Дар охир бояд ёдовар шуд, ки қонунугузор инчунин оқибатҳои ҳуқуқии вайрон кардани шартҳои шартномаи муштараки идоракунии ҷангалро муқаррар намудааст. Хусусан, ҳангоми вайрон кардани шартҳои шартномаи муштараки идоракунии ҷангал оқибатҳои ҳуқуқии зерин ба вуҷуд меоянд: 1) барои тамдиди муҳлати амали шартномаи муштараки идоракунии ҷангал розигӣ дода намешавад ва ё; 2) муҳлати амали шартномаи муштараки идоракунии ҷангал қатъ гардонида мешавад.

**Руйхати адабиёт:**

1. Низомномаи Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2014, таҳти № 132 тасдиқ шудааст. Маҳзани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Адлия. Версияи 7.00.

2. Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2011. №7-8, мод. 615).

3. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум) аз 30 июни соли 1999. Маҳзани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Адлия. Версияи 7.00.

**Аннотатсия**

**Доир ба масоили идоракунии муштараки ҷангал тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола доир ба масоили идоракунии муштараки ҷангал тадқиқот гузаронида шудааст. Дар робита ба ин муаллиф хусусиятҳои хоси идоракунии муштараки ҷангал, шартномаи идоракунии муштараки ҷангал ва нақшаҳои идоракунии хоҷагии ҷангалро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тадқиқоти илмӣ қарор додааст.

**Аннотация**

**О проблемах совместного управления лесами по законодательству Республики Таджиктстан**

В статье исследуется проблема совместного управления лесами. В связи с этим автор подвергает научному осмыслению особенности совместного управления лесами, договор совместного управления лесами и лесохозяйственный план управления лесами в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

**Annotation**

**On the common joint forest management under the legislation of the Republic of Tajikistan**

In the article is investigated the problem of joint forest management. In this regard, the author exposes the scientific understanding of the peculiarities of joint forest management, a joint forest management agreement and a forest management plan in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

## ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТӢ (ИХТИСОС: 12.00.08)
## УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО (СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.08)



**Бахриддинзода Субҳиддин Эсо,**
*муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент*
***E-mail:*** *Subhiddin_mail.ru*

# ЗАРУРАТИ МОДЕРНИЗАТСИЯИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории ҷиноятӣ; сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ; консепсия; ҷиноят.*

***Ключевые слова:*** *уголовное законодательство; уголовно-правовая политика; концепция; преступление.*

***Keywords:*** *criminal legislation; criminal-legal politics; concepton; crime.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи ҷашни даҳсолаи сеюми Истиқлолияти давлатии худ қарор дорад. Эълони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои бо он вобастабуда дар доираҳои илмӣ дар кишвар мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз ҷумла, Зариф Ализода вобаста ба масъалаҳои заминаҳои эълони Истиқлолияти давлатии кишвар қайд кардааст, ки «истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз рӯйдодҳои муҳим дар таърихи навини Тоҷикистон мебошад. … Бояд қайд кард, ки эълони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба ҳодисоту воқеоти дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ пайвастагии ногусастанӣ дорад…» [1, с. 28].

Оғози давраи Истиқлолияти давлатӣ ба гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла ба дигаргунсозӣ дар самти қонунгузории ҷиноятӣ замина гузошта буд. Қайд кардан бамаврид аст, ки оғози ин давра ба ҳодисаҳои дар боло номбаршуда ва давраи ҷанги шаҳрвандӣ, мавҷудияти бухрони иқтисодӣ ва дигар ҳодисаҳои муҳими солҳои 1992-1997 барои кишвар, қабули Конститутсияи нав, қабули Кодекси ҷиноятии моделии давлатҳои аъзои ИДМ (соли 1996) ва қабули Кодекси ҷиноятии нави Федератсияи Россия (соли 1996) рост омада буд. Таъсири ин омилҳо дар ниҳоят сабаби қабул намудани Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1998 (минбаъд «КҶ ҶТ») гардид [2]. Татбиқи ин Кодекс дар амал дар солҳои оянда нишон дод, ки он ба дигаргунсозӣ ниёз дорад.

Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013, №492 тасдиқ карда шудааст) [3] - ҳамчун барномаи мушаххаси дастаҷамъонаи яклухт ғояҳои асосӣ, вазифаҳо, принсипҳо ва қоидаҳои муҳимтарин дарбаргиранда қабул карда шуд, ки яке аз заминаҳои модернизатсияи қонунгузории ҷиноятии кишвар гардид.

Дар баробари ин, мутобиқгардонии қонунгузории ҷории ҷиноятӣ ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, зарурияти таҳияи лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири навро ба миён гузошт.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола вазъи қонунгузории кишвар зери таҳлил қарор гирифта, тадбирҳои дигаргусозии он пешниҳод мегарданд. Чунончи, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» аз 22 декабри соли 2017 қайд карда шуд, ки «… фароҳам овардани фазои ҳуқуқӣ дар ҷомеа вазифаи аввалиндараҷаи давлати ҳуқуқбунёд мебошад. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф, пеш аз ҳама, ҳифзи амният ва тартиботи ҳуқуқӣ зарур аст. Зеро, амният ва субот заминаи асосии рушди давлат ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки ҳоло таъмини амният дар ҷомеаи ҷаҳонӣ дар сархати масъалаҳои мубрами рӯз қарор дорад.»[4].

Аз ин ҷо, мусаллам аст, ки Паёмҳои ҳамасолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба сифати яке аз заминаҳои модернизатсияи қонунгузории ҷиноятии кишвар маҳсуб гардидаанд.

Модернизатсияи қонунгузории ҷиноятӣ дар кишвар, пеш аз ҳама, ба гумманизатсия намудани он равона карда шудааст. Барои расидан ба ин мақсад бартараф намудани якчанд ҳадафҳо зарур аст. Аз ҷумла:

- ҳуқуқи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифта, адолати судӣ ва кофтукови ҷиноятӣ дар марзи худ, мувофиқан дар асоси санадҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавии хеш ба амал баровarда шавад;

- вазифаҳо ва принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба мавқеи онҳо дар ҳаёти шаҳрвандӣ аз нав муайян карда шаванд;

- таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, тартибот ва бехатарии ҷамъият, ки шарти бевоситаи вазифаи давлати демократии ҳуқуқбунёд аст, амалӣ карда шавад;

- пай дар пай дар ҳаёт дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ арзишҳои дар низоми ҳуқуқ эътироф гардида ҷорӣ карда шаванд.

Бартараф намудани ин ҳадафҳо ба мақомоти қонунгузор имконият медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятии нави кишварро ба талаботи замона ҷавобгӯй намояд.

Ҳамзамон, риоя намудани як қатор шартҳо ҳангоми мураттаб сохтани қонуни ҷиноятии нав ба мақсад мувофиқ аст, ба мисли:

- омӯзиши ҳаматарафа ва истифода аз илму фан ва таҷрибаи қонунгузории ҷиноятии ватанию хориҷӣ;

- алоқаи бевосита ва муттақобила бо илм дар шакли ташхиси (экспертизаи) мустақил, тартиб додани лоиҳаҳои алтернативӣ, ба назар гирифтани маслиҳатҳои илмӣ, муҳокима дар Парлумони кишвар ва ғайра;

- дар як вақт, дар алоқа бо дигар соҳаҳои қонунгузорӣ, мураттабсозии қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиавӣ, сохтори судӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъмини асоснокии криминологии ҳамаи ҳолатҳои қонунгузории ҷиноятӣ бо дарназардошти на танҳо пешбинии тамоюли ҷинояткорӣ ва шаклҳои нави ҷиноят, инчунин таҳдиди имконпазири мураккабшавии вазъи криминологӣ ва таъсири манфии он ба афкори ҷамъиятӣ;

- бештар истифода бурдан аз диспозитсияҳои тасвирӣ ва тавсиф намудани институтҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ;

- возеҳ ифода кардани шаклҳои гуноҳ;

- то ҳадди охирин маҳдуд намудани аломатҳои баҳодиҳанда дар қонунгузории ҷиноятӣ ва монанди инҳо [5, с. 116].

Ҳангоми таҳияи Кодекси ҷиноятии нав зарурияти дифференсиатсия ва индивидуализатсияи катъии ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ карда шуда, бояд асоси ягонаи ҷавобгарии ҷиноятӣ дар кирдори шахс мавҷуд будани таркиби ҷиноят, кодекси чораи ҷазои сахтро нисбати шахсоне, ки ҷиноятҳои вазнинтар содир кардаанд, пешбинӣ намуда, дигар чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятиро нисбат ба шахсоне, ки ҷинояти на чандон вазнинро содир кардаанд, бо дарназардошти хислатҳои шахсият, ангеза, мақсад, дараҷаи гуноҳ раво дида, татбиқи ҷазои ҷиноятиро пешбинӣ намояд. Дар баробари ин

дар кодекси ҷиноятӣ мебоист пай дар пай принсипҳои «ҷой надоштани таркиби ҷиноят ва ҷазо бе нишондоди онҳо дар қонун», «роҳ надодан барои такроран ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои содир кардани як таркиби ҷиноят» ва дигар принсипҳои демократии қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам ва ба амал бароварда шаванд.

Ҷолиби диққат аст, ки дар таҳия намудани лоиҳаи Кодекси нави ҷиноятӣ ба сохтори Кодекси ҷиноятии амалкунандаи кишвар такя карда, бо дарназардошти талаботи замон вобаста ба муқовимат ба терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои характери коррупсионидошта, ҷиноятҳои бо моддаҳои нашъадор алоқаманд-буда ва монанди инҳо ба мақсад мувофиқ аст.

Дар ин ҷода низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба талаботи аз ҳақиқати вазъияти криминологӣ ба миён омада, ҷавобгуӣ ва ҳар як криминализатсияи кирдор асоснокии криминологии худро дошта бошад.

Ҷолиби диққат аст, ки такони ҷиддӣ баҳри амалӣ гардонидани консепсияи модернизатсияи қонунгузории ҷиноятӣ талаботи замон аст. Зеро, КҶ ҶТ соли 1998 мисли дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ догма набуда, ҳамеша дар инкишофу такомул аст ва бо дарки ҳифзи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ бояд омода бошад. Вобаста ба ин қонунгузории ҷиноятӣ давра ба давра мавриди таҳлил қарор гирифта, ба он тағйиру иловаҳо ворид сохта мешавад. Ворид намудани тағйироту иловаҳоро ба қонунгузории ҷиноятӣ омилҳои зерин тақозо менамоянд:

а) ҳолатҳои воқеъӣ (айнӣ), бахусус тағйиротҳое, ки аз шароити зиндагонӣ ва ҷараёноти суръатбахши иҷтимоӣ - иқтисодӣ ба миён меоянд;

б) тағйироти шуморавӣ ва сифатии ҷинояткорӣ чун падидаи иҷтимоӣ дар ҷомеаи навини кишвар [6, с. 68];

в) тағйироти мусбии қонунгузории омехта, ки доимо дар такомуланд;

г) ногузирии мутобиқсозии қонунгузории ватанӣ бо стандартҳо ва дигар санадҳои байналмилалии қабулшуда баҳри муттаҳид намудани қувва дар роҳи мубориза бар зидди шаклҳои аз ҳама бештар хавфноки кирдорҳои ҷиноятӣ: ҷинояткории муташаккилона, терроризм, хариду фурӯши одам, коррупсия ва ғайра.

Қайд кардан бамаврид аст, ки модернизатсияи қонунгузории ҷиноятӣ норасоиҳои ҷойдоштаро бояд бартараф намояд. Яке аз норасоиҳои ҷиддии қонунгузории ҷиноятии ҷории кишвар, ин нуқсон (пробел) чун натиҷаи вайрон кардани принсипи системавии ҳуқуқ мебошад. Чун қоида нуқсон дар қонун мутлақо (пурра) ва нисбӣ (нопурра, қисман) шуда метавонад.

Нуқсони мутлақ маънои онро дорад, ки ягон намуди масоили мубрами иҷтимоӣ мувофиқан бо ҳуқуқи байналмилалӣ ё талаботи инкишофи миллӣ пайдошудае, ки дар қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон инъикос наёфтааст, тақозо менамояд, то он аз ҷониби меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ба танзим дароварда шавад.

Ноқисии нисбӣ (нопурра, қисман) қонуни ҷиноятӣ маънои онро дорад, ки масъалаи таҳти танзими ҳуқуқи ҷиноятӣ қароргирифта дар меъёрҳои ҳуқуқии он нопурра ё мушаххасан нокифоя ҳалли худро ёфтаанд. Ин гуна ноқисӣ саҳви қонунгузор дониста шудааст.

Ҳамзамон, дар солҳои охир ба назар мерасад, ки сиёсати давлат дар самти мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ хислати яктарафаро молик буд. Зеро, тамоми тағйироту иловаҳо бештар ба криминализатсия ва пенализатсияи кирдор иртибот доранд. Қайд кардан бамаврид аст, ки чунин роҳи пешгирифтаи мақоми қонунгузор сари ҳар як вақт такрор меёбад. Хусусан, тағйиру иловаҳои солҳои охир ба КҶ ҶТ воридшуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки фаъолияти мақоми зикршуда дар ин самт беист буда, дар ҳар як замон воридшавии тағйироту иловаҳои навро интизор шудан мумкин аст. Чунки дар бештар мавридҳо субъектони ташаббуси қонун пешниҳодкунанда мехоҳанд мушкилиҳои садди роҳи фаъолияташоншударо танҳо бо воситаи истифода бурдани чораҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳал намоянд.

Аз ин хотир, батараф намудани ин нуқсонҳо бояд танҳо бо роҳи модернизатсияи қонунгузории ҷиноятии кишвар амалӣ карда шаванд.

Дар ниҳоят, сиёсати ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз баҳри беҳбудӣ ва некӯаҳволии халқ равона карда шудааст [7, с. 18].

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Ализода Зариф. Заминаҳои эълони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ. № 4 (28). С. 28-31.

2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №9, мод. 68, мод. 69, №22, мод. 306; с. 1999, №12, мод. 316; с. 2001, №4, мод. 149, мод. 167; с. 2002, №11, мод. 675, мод. 750; с. 2003, №8, мод. 456, мод. 468; с. 2004, №5, мод. 346, №7, мод. 452, мод. 453; с. 2005, №3, мод. 126, №7, мод. 399, №12, мод. 640; с. 2007, №7, мод. 665; с. 2008, №1, қ. 1, мод. 3, №6, мод. 444, мод. 447, №10, мод. 803, №12, қ. 1, мод. 986, №12, қ. 2, мод. 992; с. 2009, №3, мод. 80, №7-8, мод. 501; с. 2010, №3, мод. 155, №7, мод. 550; с. 2011, №3, мод. 161, №7-8, мод. 605; с. 2012, №4, мод. 258, №7, мод. 694, с. 2013, №6, мод. 403, мод. 404, №11, мод. 785, №12, мод. 881; с. 2014, №3, мод. 141, №7, қ. 1, мод. 385, мод. 386; с. 2015, №3, мод. 198, мод. 199, №11, мод. 949, №12, қ. 1, мод. 1107; с. 2016, №3, мод. 127, №5, мод. 355, мод. 356, №7, мод. 608, мод. 609, №11, мод. 874, мод. 875; с. 2017, №1-2, мод. 2, мод. 3, №7-9, мод. 586; Қонунҳои ҶТ аз 02.01.2018 с., №1472; аз 02.01.2018 с., №1473.

3. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. /http://mmk.tj/Government-programs/concept/jinoyat.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2017, шаҳри Душанбе / /http://www.president.tj/node/16771.

5. Баҳриддинзода С.Э. Татбиқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар ҳуқуқэҷодкунӣ // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва проблемаҳо (Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, 26 майи соли 2016). Душанбе, 2016. С. 110-116.

6. Баҳриддинов С.Э. Доир ба баъзе масъалаҳои назарияи пешгирии ҷиноятқорӣ // Қонуният, 2011. №1. С. 68-72.

7. Баҳриддинзода С.Э. Дигаргунсозии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ // Фишурдаи маърӯзаҳои илмии конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.04.2016). Душанбе, 2016. С. 17-18.

**Аннотатсия**

**Зарурати модернизатсияи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур баъзе аз асосҳои зарурияти модернизатсияи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф заминаҳои модернизатсияи қонунгузории ҷиноятии кишварро бо дарназардошти таҷриба ва талаботи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки дар лоиҳаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав бартарии масъалаҳои гумманизатсия мақсаднок буда, бо дарназардошти бартараф намудани ҳадафҳои ҷойдошта таҳия карда шавад.

**Аннотация**

**Необходимость модернизации уголовного законодательства в Республике Таджикистан**

В настоящей статье исследованы некоторые основы модернизации уголовного законодательства Республики Таджикистан. Автор, анализируя основы модернизации уголовного законодательства в стране с учетом практики и требований Концепции уголовно-правовой политики, пришёл к выводу о том, что в проекте Уголовного кодекса Республики Таджикистан в новой редакции, преимущество проблем гуманизации является целесообразностью реализации его гуманизации с учетом преодоления определенных перегрwelcome.

**Annotation**

**The need to the modernization of criminal legislation in the Republic of Tajikistan**

This article explores some of the foundations for modernizing the criminal legislation of the Republic of Tajikistan. The author, analyzing the bases for the modernization of the criminal legislation in the country, taking into account the practice and requirements of the Concept of Criminal Legal Policy, came to the conclusion that in the draft of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan in a new edition the preference of humanization issues are purposeful and to be prepared with the provision for the presenting purposes.



**Мирзоахмедов Фирдавс Ахмадович,**
*старший преподаватель кафедры уголовного права юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук*

# К ВОПРОСУ ОБ ОПРЕДЕЛЕНИИ НЕПОСРЕДСТВЕННОГО ОБЪЕКТА ТЕРРОРИЗМА (ТЕРРОРИСТИЧЕСКОГО АКТА) ПО УГОЛОВНОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

***Калидвожаҳо:*** *объекти ҷиноят, объекти терроризм, амнияти ҷамъиятӣ, асосҳои амнияти ҷамъиятӣ, таркиби ҷиноят, терроризм, амали террористӣ.*

***Ключевые слова:*** *объект преступления, объект терроризма, общественная безопасность, основы общественной безопасности, состав преступления, терроризм, террористический акт.*

***Key words:*** *object of the crime, object of terrorism, public security, basis of public safety, composition of the crime, terrorism, terrorist act.*

Традиционно, в уголовно-правовой науке объект преступления – это те общественные отношения, которые охраняются уголовным законом от преступных посягательств [26, 4; 8, 168; 9, 5; 28, 105]. Но следует отметить, что в теории уголовного права относительно определения объекта преступления существуют и другие точки зрения. Так, А.В. Наумов под объектом преступления понимает интересы, которые охраняются уголовным законодательством [25, 6]. Г.П. Новоселов под объектом преступления понимает конкретное лицо или группу лиц, в отношении которых совершается преступление, и у которых охраняемые законом ценности подвергаются воздействию со стороны преступников, и в итоге им наносится ущерб или создается угроза нанесения такого ущерба [38, 212-213]. А.И. Сафаров определяет объект преступления как «совокупность общественных отношений, взятых под охрану уголовного закона, против которого направлены преступные посягательства» [30, 93]. Причиной того, что определение объекта преступления в настоящее время является предметом дискуссии, по нашему мнению, является то, что в Уголовном кодексе не закреплено понятие объекта преступления. Легальное закрепление понятия объекта преступления, по нашему мнению, поставило бы точку под понятием объекта преступления, и может быть, это стало бы поводом для устранения разногласий в этом вопросе. В данном контексте, как справедливо отмечает В.В. Колосовский: «Точное определение объекта преступления во многом способствует правильной квалификации уголовно-правового деяния» [17, 40].

Таким образом, на основании обзора мнений ученых можно констатировать, что под объектом преступления должна пониматься совокупность тех общественных отношений (интересов, ценностей), которые охраняются уголовным законом, и которые подвергаются воздействию со стороны преступников. В теории уголовного права принято выделять объект преступления по вертикали и по горизонтали. По вертикали некоторые ученые подразделяют объект преступления на общий, родовой и непосредственный [31, 20-22]. Другие делят объект преступления на общий, родовой, видовой и непосредственный [18, 21-23].

Ввиду того, что Особенная часть уголовного закона подразделена на разделы и главы, вторая точка зрения, то есть деление преступного объекта на общий, родовой, видовой и непосредственный, по нашему мнению, является более приемлемым для характеристики объекта преступления, в общем, и объекта терроризма, в частности, по действующему уголовному законодательству как Республики Таджикистан, так и Российской Федерации.

Под общим объектом преступления авторы понимают совокупность общественных отношений, которые охраняются от преступных посягательств уголовным законом [31, 82; 18, 23-25; 35, 116; 7, 62]. Так, общий объект преступления в УК РТ закреплен в ч. 1 ст. 2 УК РТ [1] (соответственно ст. 2 УК РФ [2]).

Под родовым объектом преступления понимается группа однородных, близких по содержанию общественных отношений и благ (интересов), охраняемых нормами, которые расположены в соответствующем разделе Особенной части УК [37, 44; 36, 93; 39, 143].

Видовой объект преступления представляет собой входящую в родовой объект группу однородных общественных отношений и благ (интересов), охраняемых нормами, расположенных в соответствующей главе Особенной части УК [37, 44].

Следовательно, основываясь на том, что уголовно-правовая норма о терроризме в уголовном законодательстве Республики Таджикистан содержится в главе 21 «Преступления против общественной безопасности», раздела VIII УК Республики Таджикистан «Преступления против общественной безопасности и здоровья населения», можно констатировать, что родовым объектом терроризма считается совокупность общественных отношений, которые обеспечивают общественную безопасность, здоровье населения, а в качестве ее видового объекта выступает совокупность общественных отношений, которые обеспечивают общественную безопасность. Почти аналогичная схожая ситуация наблюдается и в УК Российской Федерации[2].

Под непосредственным объектом преступления понимаются конкретные общественные отношения и блага (интересы), на которые посягает преступник, совершая определенное преступление.

Часто бывает, что преступник посягает одновременно на два и более конкретные общественные отношения. Вследствие этого в теории уголовного права учеными делается классификация непосредственного объекта по горизонтали.

Следует отметить, что по поводу классификации непосредственного объекта по горизонтали у авторов существуют свои точки зрения. Так, А.С. Михлин подразделяет непосредственный объект преступления на два вида: главный (основной) и второстепенный (дополнительный) [23, 14]. А другие ученые делят непосредственный объект на три вида: основной, дополнительный и факультативный [40, 213].

В нашем исследовании мы будем использовать первую точку зрения, как наиболее приемлемую, причем будем рассматривать непосредственный объект терроризма на уровне основного и дополнительного объекта. В данном контексте как справедливо отмечает Д.М. Молчанов: «При наличии двух объектов принципиальным является вопрос: какой из двух объектов следует считать основным, а какой – дополнительным, поскольку от решения этого вопроса зависит сама квалификация» [23, 25]. Чтобы ответить на поставленный вопрос, необходимо как нам представляется, провести всестороннее исследование непосредственного объекта анализируемого преступления, то есть терроризма.

Следует отметить, что среди ученых нет единого мнения об определении непосредственного объекта терроризма. Группа ученых говорят о терроризме как о преступлении, имеющем не один, а несколько объектов [6, 27; 10, 147; 41, 179], а также как о преступлении, которое связано с нарушением общественной безопасности, нормальной деятельности властных органов, и с посягательством на жизнь и здоровье людей [20, 245].

Непосредственным объектом при терроризме, по мнению В.П. Емельянова, могут выступать те общественные отношения, которые обеспечивают предотвращение и устранение опасности насильственного причинения

вреда правоохранительным интересам неопределенной группы участников этих отношений [14, 149-150]. Дополнительным и обязательным объектом данного акта являются отношения, обеспечивающие нормальное функционирование органов государственной власти и других субъектов, как организаций, учреждений, социальных групп. В следующую факультативную группу объектов терроризма он вносит те отношения, которые обеспечивают охрану жизни, здоровья и собственности личности [14, 149-150].

Иная позиция у других авторов, которые утверждают, что в качестве непосредственного объекта терроризма может выступать общественная безопасность, а жизнь и здоровье людей, их собственность, беспрекословная деятельность государственных органов и органов местного самоуправления при наличии отягчающих обстоятельств выступают как дополнительный объект [29, 221]. А другая группа ученых придерживаются иного мнения, а именно, что терроризм посягает исключительно на общественную безопасность, что в нем отсутствует дополнительный объект [34, 222; 19, 12-13]. Похожей точки зрения следует М.П. Киреев, который, понимая под непосредственным объектом терроризма отношения безопасности в самом широком смысле слова, утверждает, что данное преступление связано с нанесением вреда тем отношениям, которые обеспечивают безопасность личности, общества и государства [16, 56]. По мнению же В. Мальцева, основы общественной безопасности - это наиболее удачный вариант определения объекта терроризма [21, 13-15].

Суммируя мнения ученых об определении непосредственного объекта терроризма, отметим, что они под непосредственным объектом терроризма альтернативно понимают:

1) безопасность;

2) общественную безопасность;

3) основы общественной безопасности.

Для более глубокого и всестороннего исследования вопроса об определении непосредственного объекта терроризма (террористического акта), по нашему мнению, следует раскрыть понятия «безопасность», «общественная безопасность» и «основы общественной безопасности».

Ю.Н. Дерюгина определяет безопасность как такое состояние, когда никому и ничему ничто не угрожает, а под опасностью она понимает способность нанесения вреда жизни, здоровью и другим человеческим ценностям [13, 102]. На этом основании понятие «безопасность» она определяет путем ее противоположности, то есть опасности.

В ст. 1 Закона Республики Таджикистан «О безопасности» упоминается о национальной, экономической, продовольственной, общественной, военной, экологической, информационной и о внешней безопасности [3]. Кроме этого, в Республике Таджикистан были приняты законодательные акты и о других видах безопасности [4].

Общественная безопасность в ст. 1 Закона Республик Таджикистан «О безопасности» определяется как «политико-правовая, духовно-нравственная и социальная защищенность жизни, здоровья и благополучия граждан Республики Таджикистан, а также ценностей общества от возможных опасностей и угроз, способных нанести им ущерб» [3].

Необходимо отметить, что по поводу определения общественной безопасности в теории уголовного права существуют различные мнения ученых. Так, П.С. Матышевский связывает общественную безопасность с мерами и условиями, которые будут обеспечивать нормальную деятельность государственных органов и юридических лиц, и покой людей [22, 8].

В такой же степени широкие дефиниции общественной безопасности предлагаются и иными авторами [27, 5], но так как в их определениях общественная безопасность имеет чересчур общую смысловую нагрузку, это обстоятельство препятствует полному и ясному представлению о характерных ее свойствах. Такое толкование понятия «общественной безопасности», по нашему мнению, заставляет нас предполагать, что любое преступление может покушаться на нее.

Другой точки зрения по данному вопросу придерживаются ученые, которые связывают понятие «общественная безопасность» лишь с «источниками повышенной опасности» [11, 4; 15, 5; 33, 21]. Так, общественная безопасность определяется В.И. Антиповым как совокупность однообразных общественных

отношений, в форме применения особенных приспособлений и предметов, а также процессов, направленных на установление и поддержку среди отдельных лиц, коллективов и социума общей безопасности [5, 9]. По нашему мнению, при таком подходе к определению общественной безопасности не учитывается то, что возможность совершения данных деяний также существует и при обстоятельствах, не связанных с нарушениями особых форм использования источников общей опасности. Об этом не раз указывалось авторами [32, 13; 12, 29-33]. Данный подход к определению понятия «общественная безопасность», которого придерживается В.П. Тихий, является весьма целесообразным, и поэтому широко применяется в теории уголовного права.

Следует отметить, что приведенное выше понятие общественной безопасности в узком смысле слова, по нашему мнению, может быть применимо к отдельным видам преступлений, которые закреплены в главе 21 УК РТ (соответственно глава 24 УК РФ). Но при характеристике терроризма (ст. 179 УК РТ (соответственно касательно террористического акта – ст. 205 УК РФ)) и иных преступлений террористического характера, по нашему мнению, необходимо пользоваться широким смысловым значением общественной безопасности, а именно как совокупностью общественных отношений, призванных обеспечивать и поддерживать основные интересы в сфере обеспечения безопасных условий жизни общества.

Рассматриваемую нами общественную безопасность в широком смысле слова, которая впитывает в себя условия жизни самого общества, можно определить как основы общественной безопасности.

Таким образом, основываясь на вышесказанном, понятие «основы общественной безопасности» следует определять как совокупность общественных отношений, обеспечивающих важнейшие условия безопасности общества, личности и государства.

Заключая вопрос об исследовании объекта терроризма, на основе вышеизложенного, поддерживая мнения вышеназванных ученых, а именно мнение В. Мальцева, мы пришли к такому выводу, что основным непосредственным объектом преступления, предусмотренного ст. 179 УК РТ (соответственно террористического акта – ст. 205 УК РФ) – терроризм, выступают общественные отношения, которые обеспечивают основу общественной безопасности, под которой понимается совокупность общественных отношений, обеспечивающих важнейшие условия безопасности жизни общества, личности и государства.

А по поводу дополнительных непосредственных объектов терроризма, которые нарушаются одновременно с основным, мы согласны с позицией Ю.Н. Дерюгиной, которая утверждает, что подобными объектами могут стать «общественные отношения по поводу обеспечения безопасной жизни и здоровья человека, нормальной деятельности органов государственной власти, а также отношений собственности, которые не связаны с порядком распределения материальных благ» [13, 109]. Это значит, что терроризм обладает как основным, так и дополнительными непосредственными объектами.

**Список литературы:**

1. Уголовный Кодекс Республики Таджикистан [Электронный ресурс] // Национальный центр законодательства при Президенте РТ / Режим доступа: URL: http://mmk.tj.

2. Уголовный кодекс Российской федерации от 13 июня 1996 г. // Доступ через СПС {Консультант Плюс}.

3. Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 28 июня 2011 г. [Электронный ресурс] // Национальный центр законодательства при Президенте РТ / Режим доступа: URL: http://mmk.tj.

4. Закон Республики Таджикистан от 20 марта 2008 г. «О пожарной безопасности». [Электронный ресурс] // Национальный центр законодательства при Президенте РТ / Режим доступа: URL: http://mmk.tj.

5. Антипов В.И. Уголовно-правовая борьба с посягательствами на общественную безопасность: учеб. пособие. – Киев : КВШ МВД СССР, 1987.

6. Байрак Г.Ф. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с

терроризмом: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2003.

7. Брагин А.П. Российское уголовное право: учебно-методический комплекс. – М.: ЕАОИ, 2008.

8. Брайнин Я.М. Уголовная ответственность и ее основание в советском уголовном праве. – М.: Госюриздат, 1963.

9. Гаухман Л.Д. Объект преступления. Лекция. – М.: Академия МВД РФ, 1992.

10. Гоибов Р.Д. Уголовное право. Особенная часть: учебное пособие. – Ходжент: Ношир, 2009.

11. Гришанин П.Ф., Владимиров В.А. Преступления против общественной безопасности, общественного порядка и здоровья населения: учеб. пособие. – М.: ВШ МООП РСФСР, 1962.

12. Гущин В.В. Правовые и организационные основы обеспечения общественной безопасности в Российской Федерации при чрезвычайных ситуациях: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 1998.

13. Дерюгина Ю.Н. Терроризм: Уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. … канд. юрид. наук. – М. 2001.

14. Емельянов В.П. Терроризм и преступления террористической направленности. – Харьков: Рубикон, 1997.

15. Ефимов М.А. Борьба с преступлениями против общественного порядка, общественной безопасности и здоровья населения. – Минск: Вышэйшая школа, 1971.

16. Киреев М.П. Уголовно-правовые основы борьбы органов безопасности и органов внутренних дел с террористической деятельностью // Новый Уголовный кодекс Российской Федерации и вопросы совершенствования борьбы с преступностью: Материалы межвузовской научно-практической конференции. 19 декабря 1996 г. – Челябинск : Челябинский ЮИ МВД России, 1997.

17. Колосовский В.В. Квалификационные ошибки. – СПб.: Юридический Центр Пресс, 2006.

18. Коржанский Н.И. Объект посягательства и квалификация преступлений: учебное пособие. – Волгоград: ВСШ МВД СССР, 1976.

19. Комиссаров В.С. Преступления, нарушающие общие правила безопасности (Понятие, система, общая характеристика): автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 1997.

20. Комментарий к Уголовному кодексу РФ. Особенная часть / под общ. ред. Ю.И. Скуратова и В.М. Лебедева. – М.: ИНФРА-М – НОРМА, 1996.

21. Мальцев В.В. Ответственность за терроризм // Российская юстиция. - 1994. - № 11.

22. Матышевский П.С. Ответственность за преступления против общественной безопасности, общественного порядка и здоровья населения. – М.: Юрид. лит., 1964.

23. Михлин А.С. Последствия преступления. – М.: Юрид. лит., 1969.

24. Молчанов Д.М. Актуальные проблемы уголовного права. Общая часть: учебное пособие / отв. ред. А.И. Рарог. – М.: Проспект, 2015.

25. Наумов А.В. Практика преминения Уголовного кодекса российской Федерации: комментарий судебной практики и доктриальное толкование / под ред. Г.М. Резника. – М.: Волтерс Клувер, 2005.

26. Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1960.

27. Преступления против общественной безопасности, общественного порядка и здоровья населения: учеб. пособие. – М.: ВШ МВД СССР, 1970.

28. Российское уголовное право: в 2-х т. Т. 1. Общая часть / под ред. А.И. Рарога. – М.: Профобразование, 2003.

29. Российское уголовное право. Особенная часть: учебник / под ред. М.П. Журавлева и С.И. Никулина. – М.: Спарк, 1998.

30. Сафаров А.И. Уголовная ответственность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным путем. Монография. – Душанбе, 2012.

31. Таций В.Я. Объект и предмет преступления в советском уголовном праве. – Харьков, 1988.

32. Тихий В.П. Проблемы уголовно – правовой охраны общественной безопасности (Понятие и система преступлений, совершенствование законодательства): автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Харьков, 1987.

33. Туманов Г.А., Фризко В.И. Общественная безопасность и ее обеспечение в экстремальных условиях // Советское государство и право. - 1989. - № 8.

34. Уголовное право. Особенная часть: учебник / под ред. А.И. Рарога. – М.: Триада, Лтд, 1996.

35. Уголовное право России. Общая часть: учебник / отв. ред. Б.В. Здравомыслов. – М.: Юристъ, 1996.

36. Уголовное право. Часть Общая. Часть Особенная: учебник / под общ. ред. Л.Д. Гаухмана, Л.М. Колодкина и С.В. Максимова. – М.: Юриспруденция, 1999.

37. Уголовное право Российской Федерации. Общая часть: Конспек лекций / под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай. – М.: ИНФРА-М, 2002.

38. Уголовное право. Общая часть: учебник для вузов / под ред. И.Я. Козаченко. – М.: Норма, 2008.

39. Уголовное право России. Часть Общая и Особенная: учебник / под ред. А.В. Бриллиантова. – М.: Проспект, 2010.

40. Фролов Е.А. Спорные вопросы общего учения об объекте преступления // Сборник ученых трудов Свердловского юридического института. – Свердловск, 1969. - Вып. 10.

41. Филонов Г.А. Терроризм и уголовная ответственность // Территория науки. - 2015. - № 3.

**Аннотатсия**

**Масоили муайян намудани объекти бевоситаи терроризм (акти террористӣ) мувофиқи конунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия**

Дар мақола зери омӯзиш масоили муайян намудани объекти бевоситаи терроризм (акти террористӣ) мувофиқи конунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, қарор дода шудаанд. Дар натиҷаи таҳлили ҷуқур ва ҳаматарафаи м. 179 КҶ ҶТ ва м. 205 КҶ ФР, аз тарафи муаллиф хулосахои муайян пешбинӣ карда шудаанд, ки онҳо ба такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризм (амали террористӣ), равона шудаанд.

**Аннотация**

**К вопросу об определении непосредственного объекта терроризма (террористического акта) по уголовному законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации**

В статье изучаются вопросы определения непосредственного объекта терроризма (террористического акта) по уголовному законодательству Республики Таджикистан и Российской Федерации. В результате всестороннего и глубокого уголовно-правового анализа ст. 179 УК РТ и ст. 205 УК РФ, автором сделаны определенные заключения, которые направлены на совершенствование уголовного законодательства об уголовной ответственности за терроризм (террористический акт).

**Annotation.**

**On the issue of determining the direct object of terrorism (terrorist act) under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan and the Russian Federation.**

The article examines the definition of the direct object of terrorism (terrorist act) under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan and the Russian Federation. As a result of comprehensive and in-depth criminal-legal analysis of Art. 179 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan and Art. 205 of the Criminal Code, the author made certain conclusions, which are aimed at improving criminal legislation on criminal liability for terrorism (terrorist act).



**Раҷабов Равшан,**
*муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*

# САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ДАР МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ

***Калидвожаҳо:*** *экстремизм, терроризм, истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, манфиати геополитикӣ, стратегияи миллӣ, Кодекси ҷиноятӣ.*

***Ключевые слова:*** *экстремизм, терроризм, государственная независимость, Республика Таджикистан, геополитический интерес, национальная стратегия, Уголовный кодекс.*

***Keywords****: extremism, terrorism, state independence, Republic of Tajikistan, geopolitical interest, national strategy, Criminal Code.*

Раванди мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм нишон медиҳад, ки имрӯз ҷилавгирӣ аз ин зуҳуроти номатлуб муттаҳидӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ ва қишрҳои гуногуни ҷомеаро тақозо дорад.

Солҳои охир дар давлатҳои Аврупо, Шарқи Наздик, Африқо, Осиёи Марказӣ ва ИМА содир шудани садҳо ҷинояти дорои хусусияти террористӣ ва экстремистӣ аз хатари глобалӣ доштани терроризм ва экстремизм шаҳодат медиҳад.

Ин зуҳурот ба муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ таъсиргузор гардида, на танҳо ба амнияти давлатҳои алоҳида, балки ба суботи минтақа ва ҷаҳон низ таҳдид менамояд.

Тоҷикистон, ки ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст, аз оқибатҳои фоҷиабори фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ-террористии байналмилалӣ хуб огаҳ аст ва дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ тарафдори муборизаи беамон ва муташаккилонаи зидди экстремизм ва терроризм мебошад.

Чунонки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» зикр намуданд, «Тоҷикистон дар арсаи мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, тундгароӣ ва дигар хатару таҳдидҳои замони муосир, аз қабили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ, ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ ва киберҷиноятҳо шарики табиии ҳамаи давлатҳои дунё ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ мебошад»[1].

Мураккабшавии авзои сиёсии ҷаҳон дар меҳвари манфиатҳои геополитикии баъзе аз кишварҳо боиси боз ҳам вусъат ёфтани фаъолияти ташкилоти байналмилалии экстремистӣ-террористӣ гардидааст. Боиси таассуф аст, ки баъзе аз давлатҳо дар ҳудуди худ бо терроризм ва экстремизм мубориза бурда, дар давлатҳо ва минтақаҳои дигар ба хотири манфиатҳои геополитикиашон ин зуҳуротро ба таври бевосита ва ё бавосита дастгирӣ ва пуштибонӣ менамоянд, ҳатто онҳоро ҳамчун ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва ё ҷунбишҳои сиёсӣ эътироф ва ҳифз мекунанд.

Зикр кардан зарур аст, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлол фаъолияти ташкилотҳои байналмилалии экстремистӣ-террористӣ аз рӯи ангезаҳои динӣ-сиёсӣ аз солҳои 90-уми асри гузашта оғоз гардида, бо

дигаргун сохтани шаклҳои фаъолияти худ то ҳол идома дорад. Омӯзиши таҷрибаи судиву тафтишотӣ нишон медиҳад, ки афкори ифротии ин гуна ташкилотҳо барои мардуми тоҷик бегона буда, асосан аз хориҷи кишвар таҳмил мешаванд.

Аз ҷумла, фаъолияти экстремистӣ-террористии Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (фаъолияташ дар асоси Ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2015 манъ карда шудааст) собит сохт, ки дар тӯли солҳои 1993-2015 роҳбарон ва аъзои фаъоли он бо дастгирӣ ва пуштибонии хоҷагони хориҷии худ даст ба даҳҳо ҷинояти вазнин ва махсусан вазнин зада, ҳадафи асосии онҳо нооором сохтани авзои сиёсӣ ва бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва ғасб намудани ҳокимият буд.

Сарфи назар аз Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни соли 1997) бо супориши роҳбарони ҳизби мазкур куштори ходимони илм ва арбобони сиёсии Тоҷикистон идома ёфта, дар ниҳояти кор командири собиқи ин ҳизб, муовини вазири мудофиаи Тоҷикистон, генерал Назарзода Абдуҳалим 4 сентябри соли 2015 даст ба шӯриши мусаллаҳонаи зиддидавлатӣ зад.

Бояд хотиррасон шуд, ки мувофиқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё аз тариқи зӯрӣ басарнагун кардани сохти конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст[2].

Ҳамчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризм ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худмуборизаро дар ин самт пурзӯр намуда, тавассути парламенти кишвар зина ба зина қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва даҳҳо санади меъёрии ҳуқуқии дигарро қабул намудааст.

Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» дурнамои фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатиро бо назардошти ташаккул ва ҷорӣ намудани меъёрҳо ва механизмҳои пешгирии экстремизм ва терроризм ҷиҳати таъмини рушди босуботи давлат, ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мамлакат муайян намудааст.

Ғайр аз ин, бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои алоҳида вобаста ба фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ ворид карда шуда, баъдан онҳо вобаста ба тағйир ёфтани симои ин намуди ҷиноят боз ҳам такмил дода шуданд[3].

Инчунин, бо мақсади тақвият бахшидани мубориза дар ин самт бо қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 августи соли 2011, №750 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $307^4$ – «Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта» илова гардид.

Зарурати иҷтимоии илова намудани моддаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ аз аввали солҳои 90-уми асри гузашта то инҷониб бо роҳи таълимоти хонагӣ-динӣ тафаккури ҷавононро ифротӣ гардонида истодаанд.

Бо сабаби дар солҳои охир зиёд гардидани иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони Тоҷикистон дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар, бо қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014, №1088 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи $401^1$ – «Ҷалб ва иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

шахсони бешаҳрванд дар воҳиди мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо», илова карда шуд.

Дар эзоҳи моддаи мазкур муайян гардидааст, ки «Шахсе, ки ихтиёран аз иштироки ғайриқонунӣ дар воҳиди мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо то қатъ гардидани фаъолияти воҳиди мусаллаҳ, анҷом ёфтани задухӯрди мусаллаҳона, ё амалиёти ҷангӣ даст мекашад, агар дар кирдори ӯ аломатҳои таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад».

Дар асоси муқаррароти мазкур беш аз 100 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ватан баргардонида шуда, айни замон ҳаёти осоишта доранд.

Ин муқаррароти қонунгузорӣ дар асоси принсипи инсондустӣ роҳандозӣ гардида, нақши муҳими давлатро дар тарбия намудани инсони комил собит месозад.

Бояд тазаккур дод, ки дар солҳои 2014-2017 ва се моҳи соли 2018 дар маҷмӯъ аз тарафи ташкилоти экстремистӣ-террористии «Ал-Қоида», «Бародарони мусалмон», «Гурӯҳи 24», «Давлати исломӣ», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Ҷамъияти Таблиғот», «Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон», «Толибон», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон», «Салафия» ва дигар гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ беш аз 3000 ҷиноят содир карда шудааст.

Дар давраи зикргардида 52,19% ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ-террористидошта аз ҷониби аъзои «Давлати исломӣ» ва «Ҷабҳат-ан-Нусра» содир гардидаанд. Пайравони равияи динии «Салафия» дар 12,17% ҷиноятҳои номбурда даст доранд. Аъзои ташкилотҳои дигари экстремистӣ-террористии номбаршуда дар якҷоягӣ беш аз 35% ҷиноятҳои мазкурро содир кардаанд.

Мо итминони комил дорем, ки амалҳои террористии ба қатлу куштори мардуми осоишта равонабуда дар ҳеҷ як шаклашон аз арзишҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, миллӣ ва динии умумиинсонӣ манша намегиранд.

Дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм истифода бурдани танҳо воситаҳои маҷбурии хусусияти ҳуқуқидошта роҳи ҳалли пурраи ин масъала махсуб наёфта, роҳандозӣ намудани маҷмӯи чораҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иттилоотии муштараки давлатҳои минтақа ва ҷаҳон мувофиқи мақсад мебошад.

Агар давлатҳои пешрафта бо давлатҳои рӯ ба тараққӣ дар таҳия ва амалӣ сохтани барномаҳои миллӣ ва минтақавӣ вобаста ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ, гуруснагӣ, бекорӣ ва баланд бардоштани маърифати динӣ ва дунявии мардум ҳамкориҳои судманд роҳандозӣ насозанд, мо наметавонем аз ин таҳдидҳо эмин бошем. Зеро, проблемаҳои номбурда яке аз омилҳои рушд ёфтани терроризм ва экстремизм маҳсуб меёбанд.

Тибқи таҳлилҳои оморӣ шумораи умумии афроди барои иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар давлатҳои Сурия ва Ироқ ҷалбшударо шахсони аз синни 18 то 35– сола ташкил медиҳанд, ки дар маҷмӯъ 87,22% мебошад.

Таҳлили парвандаҳои ҷиноятии хусусияти террористӣ ва экстремистидошта аз он шаҳодат медиҳад, ки беш аз 80% шомилшудагон ҳангоми муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ҳамчун аъзо ба созмону ташкилоти ифротгаро ва террористӣ ҷалб гардида, танҳо 8% дорои маълумоти олӣ, 12% дорои маълумоти олии нопурра ва миёнаи махсус буда, 78% онҳо маълумоти миёнаи умумӣ ва миёнаи умумии нопурра доранд.

Надоштани донишҳои амиқи дунявӣ ва динӣ табиати ботинии онҳоро осебпазир карда, ҷисми онҳоро ба гирдоби ҳалокат кашидааст. То имрӯз дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар садҳо нафар ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон фавтидаанд.

Муҳаққиқон дар баробари мавҷуд будани проблемаҳои номбурда яке аз сабабҳои асосии моилшавии ҷавонон ба гуруҳҳои ифротиро ба таври мунтазам ба воситаи Интернет тарғибу ташфиқ ёфтани идеологияи экстремистӣ-террористӣ арзёбӣ менамоянд.

**Ҷавонони моилшуда аз телефонҳои мобилии пуриқтидор ва барномаҳои Viber (Вайбер), WhatsApp (Вотсап)** хеле васеъ истифода мебаранд. Ба воситаи ингуна телефонҳо бо нархи арзон анҷом додани гуфтугӯи телефонӣ, равон сохтани ахбороти

матнӣ, видео ва аудио имконпазир мебошад. Моилкунандагон аз соддагӣ ва камтаҷрибагии ҷавонон истифода бурда, онҳоро ба воситаи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ, ба монанди **«Одноклассники», «Mail.ru», «Twitter», «YouTube»** ва мисли онҳо ба таври мунтазам ба гурӯҳҳои ифротӣ ҷалб менамоянд.

Инчунин, экстремистон-идеологҳо ба воситаи **барномаи Zello (телефон-ратсия),** ки дар телефонҳои мобилии пуриқтидор ва компютерҳо насб карда мешавад, ба воситаи Интернет дар як вақт бо 1000 муштарӣ дар режими онлайн ақидаҳои ифротиро талқин намуда, саволу ҷавобҳо баргузор менамоянд.

Сомонаҳои иртиҷоии интернетӣ ва шабакаҳои телевизионии фаромиллӣ дар ташвиқ ва таблиғи андешаҳои ҷараёнҳои такфирӣ ва ифротӣ нақши калидӣ дошта, маркази чанде аз онҳо дар баъзе аз кишварҳои хориҷии Ғарбу Шарқ ҷойгир мебошанд.

Бо усулҳои номбаршуда теъдоди зиёди муҳоҷирони меҳнатии мо аз ҳудуди Федератсияи Россия ба гурӯҳҳои ифротӣ ҷалб гардидаанд, зеро ҳамасола аз Тоҷикистон беш аз 650 ҳазор муҳоҷир дар ҳудуди ин кишвар ба кору фаъолият машғул мешаванд.

Ҳамзамон, дар ҳудуди Федератсияи Россия 15 нафар донишҷӯ, ки дар донишгоҳҳои бонуфузи он таҳсил мекарданд, барои иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар ҷалб гардидаанд. Дар солҳои 2014-2016 аз шаҳри Харкови Украина, шаҳрҳои Алма-Ато, Остона ва Чимкенти Қазоқистон, шаҳрҳои Истамбул, Анталия ва Анқараи Туркия, вилояти Чуйи Қирғизистон, Беларус, Эрон ва дигар давлатҳо низ интиқол ёфтани шаҳрвандони Тоҷикистон ба назар мерасид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз шумораи умумии муайяншудагон, ки дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар иштирок мекунанд, теъдоди муайяне дар мадраса ва мактабҳои давлатҳои мусалмонтабор низ таҳсил кардаанд. Аз ҷумла, дар Эрон – 8 нафар, дар Миср – 5 нафар, дар Покистон – 3 нафар, дар Туркия – 2 нафар ва дар Сурия – 1 нафар. Дар ин радиф бояд қайд намуд, ки 2 нафар толибилми Донишгоҳи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам низ дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар иштирок кардаанд.

Тазаккур додан зарур аст, ки ташкилотҳои экстремистӣ-террористии «Давлати исломӣ» ва «Ҷабҳат-ан-Нусра» дар як қатор кишварҳои ҷаҳон фаъолият дошта, айни замон омили асосии ноороми дар қаламрави кишварҳои Шарқи Наздик ба ҳисоб мераванд. Фаъолияти ин ташкилотҳои террористӣ аз рӯйи оқибатҳои худ аз ҷиддитарин таҳдидҳои ҷаҳони муосир маҳсуб ёфта, амнияти кулли инсониятро зери хатар гузоштааст.

Аз рӯзи таъсисёбии «Давлати исломӣ» ҳазорҳо нафар одамони бегуноҳ ба қатл расонида шудаанд, ки боиси нафрату ғазаби мардуми сайёра гаштааст. «Давлати исломӣ» нуфузи худро дар Осиёи Марказӣ низ паҳн карданист ва намояндагони он дар давлатҳои исломии Покистон ва Афғонистон аллакай фаъолияташонро ба роҳ мондаанд.

Дар ин ҷода намояндагони гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ ҳарчӣ зиёдтар корҳои ташвиқотии худро тавассути сомонаҳои интернетӣ дар байни аҳолӣ пурзӯр карда, аз ҳисоби ҷавонони ба омӯзиши дини ислом майлдошта дар қаламрави ҷумҳурӣ ва берун аз он, бахусус дар қаламрави Федератсияи Россия, номзадҳои навро барои иштирок кардан дар «ҷиҳод» пайдо менамоянд ва онҳоро ба мамлакатҳои хориҷӣ равон мекунанд.

Пешгирии моилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ чораҳои комплексӣ ва бисёрҷонибаро (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ, ҳуқуқӣ, психологӣ ва ғ.) тақозо менамояд, ки дар амалӣ сохтани онҳо бояд тамоми мақомоти давлатӣ ва қишрҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ фаъолона ширкат варзанд.

Аммо, мутаассифона, ҷомеаи ҷаҳонӣ то имрӯз дар самтҳои афзалиятноки мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм, ки ин пешгирӣ намудани сабаб ва омилҳои рушд ёфтани экстремизм ва терроризм мебошанд, барномаҳои фаромилии таъсирбахш таҳия ва мавриди роҳандозӣ қарор надодааст.

Бо вуҷуди ба ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар ин самт, асосан ҳар як давлат проблемаи мубориза ба муқобили

экстремизм ва терроризмро бо қувваи худ ҳал карда истодааст. Аммо фаъолияти бархе аз ин ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ дар ҳудуди як давлат роҳандозӣ ва маблағгузорӣ гардида, дар давлатҳои дигар таълимоти террористӣ-диверсионӣ гирифта, сипас дар ҳудуди давлатҳои сеюм амалҳои террористӣ анҷом дода мешаванд.

Аз ин лиҳоз, ҳамоҳангии фаъолияти тамоми давлатҳои минтақа ва ҷаҳон дар ин самт омӯзиши амиқ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратии давлатҳоро тақозо менамояд.

Бинобар он, ки имрӯзҳо зери ақидаи таҳрифшудаи динӣ-сиёсӣ ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ ба монанди «Давлати исломӣ», «Ҷабҳат-ан-Нусра» ва даҳҳо ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ба номи неки дини мубини Ислом доғ овардаанд, тақвият ва такмил бахшидани фаъолияти Созмони Ҳамкориии Исломӣ тақозои замон ва амри зарурист.

Дар доираи ин ташкилоти бонуфуз мавриди гуфтушунид қарор додан ва бартараф сохтани мухолифатҳои сиёсӣ ва мафкуравӣ байни бархе аз давлатҳои исломӣ, ки боиси вусъат ёфтани хушунатҳои диниву мазҳабии минтақавӣ гардидаанд, яке аз роҳҳои асосии паст кардани омилҳои ин зуҳуроти номатлуб мебошад.

Мардуми мусалмон бояд аз талаботи зерини ояти Қуръони маҷид баҳраманд бошанд: **«Мусалмонҳо бо ҳам бародаранд. Оштӣ андозед бародарони худро ва битарсед аз Худо, шояд шумо бахшида мешавед»**[4].

Гуфтан ҷоиз аст, ки китоби муқаддаси мусалмонон – Қуръони маҷид бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума ва чоп гардида, ба таври ройгон ба аҳли зиё ва мардуми Тоҷикистон тақдим гардид. Соли 2009 дар Тоҷикистон соли бузургдошти Имоми Аъзам (Абуҳанифа) - асосгузори яке аз мазҳабҳои муқтадиртарини дини мубини Ислом эълон шуд, ки бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил гардид. Айни замон дар пойтахти ватанамон сохтмони яке аз масҷидҳои калонтарин дар Осиёи Марказӣ, ки барои зиёда аз 100 ҳазор нафар ибодаткунанда пешбинӣ шудааст, идома дорад. Дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ беш аз 4000 масҷидҳо расман ба қайд гирифта шуда, фаъолият доранд. Ҳар сол аз тарафи мақомоти салоҳиятдори давлатӣ садҳо чорабиниҳои фарҳангӣ ва таблиғотӣ дар самти пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ баргузор карда мешаванд.

Кӯшишҳои Ҳукумати Тоҷикистон танҳо ба манфиати мусалмонон, ақидаи бунёдкоронаи дини ислом ва ҷиҳати мубориза бо идеологияи таҳрифшудаи динии ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ мебошанд, зеро ин зуҳуроти номатлуб ба амнияти мардуми шарифи Тоҷикистон низ хатари ҷиддӣ эҷод кардааст.

Вақтҳои охир дар ҷаҳон раванди бартариҷӯӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, пайдоиши нишонаҳои марҳалаи нави «ҷанги сард» боиси нигаронӣ гардидааст.

Соли ҷорӣ низ дар гӯшаҳои гуногуни олам ноороmиву низоъҳо идома ёфта, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун айёми душвору пуртазод эътироф мешавад.

Дар соли 2017 зиёда аз сад давлати дунё мавриди ҳамлаҳои ғайриинсонии террористон ва ифротгароён қарор гирифт.

Ҷаҳони имрӯза ба муносибатҳои нави геополитикӣ дар асоси эҳтиром ва риояи меъёрҳои байналмилалӣ ниёз дорад. Мардуми сайёра бояд дар руҳияи фарҳанги сулҳпарварӣ, инсондӯстӣ ва эҳтиром ба муносибатҳои байналмилалӣ тарбия ёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шартномаҳо ва конвенсияҳои байналмилалӣ ва минтақавиро дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм ба имзо расонида, уҳдадориҳои худро дар ин самт бо таври устувор иҷро менамояд.

Аз ҷумла, дар қатори 150 кишвари ҷаҳон Тоҷикистон Конвенсияи СММ оид ба мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллиро ба тасвиб расонда, бо ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ба монанди Интерпол, Сохтори минтақавии зиддитеррористии Ташкилоти ҳамкории Шанхай (ШОС), Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъии давлатҳои аъзои ИДМ (ОДКБ СНГ), Маркази зиддитеррористии ИДМ (АТЦ СНГ),

Қувваҳои муштараки зудамалкунанда (КСОР), Бюро оид ба ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккил (БКБОП) ва ғайра ҳамкорӣ дорад. Дар асоси шартномаҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Покистон, Туркия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Аморoти Муттаҳидаи Араб ва кишварҳои дигари минтақа ва ҷаҳон низ ҳамкориро дар ин самт ба роҳ мондааст. Шартномаҳои тарафайн байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратии кишварҳои минтақа баста шуда, мавриди амал қарор доранд.

Дар марҳалаи ҳозира кишвари мо бо мақсади вокуниши саривақтӣ ба таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ дар раванди ташаккули иқтидори муносиби дохилӣ ва хориҷӣ тадбирҳои муассир меандешад.

Дар ин раванд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамгироии бештар бо ҷомеаи ҷаҳон ва минтақа, сохторҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин ба роҳ мондани ҳамкориҳои фарогир муҳим мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори низоми ҷаҳонии одилона, бидуни ҷангу низоъ, густариши ҳамкориву шарикии баробар ва судманди ҳамаи кишварҳои олам, таъмини амнияти минтақавию ҷаҳонӣ бо роҳи созишу муколамаи созанда мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» 04.05.2018, шаҳри Душанбе.
2. Моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Матни расмӣ (бо тағйиру иловаҳо аз солҳои 1999 ва 2003) // Реестри ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – № 1. – С. 5–21.
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 271.
4. Қуръони Маҷид, сураи Ҳуҷурот, ояти 49:10



**Аннотатсия**

**Самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм**

Дар мақолаи мазкур асосан сухан дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла парламенти мамлакат дар мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм, инчунин пешниҳоди мушаххас оид ба мубориза бар зидди ин зуҳуроти номатлуб меравад.

**Аннотация**

**Основные направления деятельности государственных органов против экстремизма и терроризма**

В данной статье речь идет о деятельности государственных органов, в том числе парламента страны в борьбе с экстремизмом и терроризмом, а также даны конкретные предложения в борьбе против этого негативного явления.

**Annotation**

**The main directions of the activity of state bodies against extremism and terrorism**

In this article we are talking about the activities of state bodies, including the country's parliament in the fight against extremism and terrorism, as well as concrete proposals are given in the fight against this negative phenomenon.

# ҲУҚУҚИ БАЙНАЛХАЛҚӢ; ҲУҚУҚИ АВРУПОӢ
(ИХТИСОС: 12.00.10)
# МЕЖДУНАРОДНОЕ ПРАВО; ЕВРОПЕЙСКОЕ ПРАВО
(СПЕЦИАЛЬНОСТЬ: 12.00.10)



**Раҷабов Маҳмадёр Носирович,**
*мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқ, дотсент*

## НАҚШИ ШАРТНОМАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАБАРИИ ОБҲОИ ФАРОМАРЗӢ

***Калидвожаҳо:*** *обҳои фаромарзӣ; шартномаи байналмилалӣ; танзими ҳуқуқии истифодабарӣ.*

***Ключевые слова:*** *трансграничные воды; международный договор; правовое регулирование использования.*

***Keywords:*** *transboundary waters; international agreements; legal regulation of using.*

Дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ оид ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии обӣ назарҳо мухталиф аст. Чунончи, С.Д. Маҳкамбоев ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии обӣ - шартномаи байналмилалӣ, одатҳои байналмилалӣ, қарорҳои созмонҳои байналмилалӣ, муассисаҳои судҳои байналмилалӣ ва созмонҳои байналмилалии ғайриҳукуматиро шомил кардааст [1, с. 113]. А.М. Мирзоев ба низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии обӣ бо дарназардошти талаботи моддаи 38-и Статути Суди байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид таваҷҷуҳ намудааст [2, с. 16-18]. П. Казанский ба сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии обӣ асосан шартномаи байналмилалӣ ва одати байналмилалиро шомил кардааст [3, с. 14-23]. Воқеан, дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии об шартномаи байналмилалӣ ва одати байналмилалӣ нақши марказиро ишғол менамояд. Шартномаҳои байналмилалӣ новобаста аз ном дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии об мақоми асосиро ишғол менамоянд ва дар амалия вобаста ба маҳакҳо ба намудҳои гуногун таснифот мешаванд.

С.Д. Маҳкамбоев дар таснифоти шартномаҳои байналмилалӣ оид ба истифодаи обҳои фаромарзӣ ду унсур – ҳайати иштирокчиёни шартнома ва предмети созишномаро асос медонад. Тибқи унсури аввал шартномаҳои байналмилалӣ оид ба истифодаи обҳои фаромарзӣ ба бисёртарафа ва дутарафа тақсим мешаванд. Ба феҳристи шартномаҳои аввал, Конвенсия оид ба реҷаи киштигардӣ дар дарёи Дунай аз соли 1948, Конвенсия оид ба киштигардӣ дар дарёи Рейн аз соли 1868, Шартнома оид ба ҳамкорӣ дар ҳавзаи дарёи Амазонка аз соли 1978 шомил аст. Ба феҳристи шартномаҳои дуюм, шартномаҳои байналмилалие, ки реҷаи истифодаи дарёҳои фаромарзиро ё дарёҳое, ки аз ҳудуди ду кишвар мегузоранд, муқаррар менамояд. Чунончи, Созишнома байни Вазорати нақлиёти Федератсияи Руссия ва Вазорати коммуникатсияи Ҷумҳурии Халқии Чин оид ба ташкили интиқоли борҳои тиҷорати беруна бо киштиҳои Русия ва Чин тавасути дарёи Амур ва Сунгар аз 16 январи соли 1992. Бо дарназардошти унсури предмети созишнома, шартномаҳо ба чор гурӯҳ тақсим карда шудааст:

1) шартнома оид ба истифодаи обҳои фаромарзӣ бо мақсади киштигардӣ; 2) шартнома оид ба истифодаи обҳои фаромарзӣ бо мақсадҳои ғайрикиштигардӣ; 3) шартнома оид ба ҳифз ва идоракунии обҳои фаромарзӣ; 4) шартнома оид ба реҷаи обҳои сарҳадӣ [1, с. 113-114]. Бо чунин унсурҳо ба таснифоти шартномаҳои байналмилалӣ оид ба истифодаи обҳои фаромарзӣ А.М. Мирзоев таваҷҷуҳ кардааст.

Чунончи, А.М. Мирзоев вобаста ба предмет ва доираи амал шартномаҳои байналмилалиро оид ба танзими обҳои фаромарзӣ ба намудҳо ҷудо кардааст. Аз нигоҳи предмет, шартномаҳои байналмилалиро оид ба танзими обҳои фаромарзӣ ба чор гурӯҳ ҷудо намудааст:

1) Шартномаҳои байналмилалӣ оид ба истифодабарии обҳои байналмилалӣ бо мақсадҳои киштигардӣ;

2) Шартномаҳои байналмилалӣ оид ба истифодабарии обҳои байналмилалӣ бо мақсадҳои ғайрикиштигардӣ;

3) Шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳифзи обҳои байналмилалӣ ва идоракунии онҳо;

4) Шартномаҳои байналмилалӣ оид ба муқаррарнамоии реҷаи ҳуқуқии обҳои байналмилалӣ.

Вобаста ба доираи амал А.М. Мирзоев шартномаҳои байналмилалиро оид ба танзими обҳои фаромарзӣ ба се гурӯҳ ҷудо кардааст:

1) Шартномаҳои байналмилалие, ки дар сатҳи универсалӣ татбиқ карда мешаванд;

2) Шартномаҳои байналмилалие, ки хусусияти минтақавиро доро мебошанд;

3) Шартномаҳои байналмилалие, ки хусусияти локалӣ доранд (аз ҷумлаи он шартномаҳое, ки ба як дарёи байналмилалӣ ва ё як низоми обӣ бахшида шудаанд) [2, с. 18-19].

Таснифоти зикргаридада ба иқрори С.Д. Махкамбоев ва А.М. Мирзоев хусусияти шартиро доро мебошанд, зеро амалия шартномаҳои байнлмилалиро медонанд, ки дар онҳо ҳам масоили истифодаи обҳои фаромарзӣ бо мақсади киштигардӣ ва ғайрикиштигардӣ, масоили ҳалли баҳсҳои байни иштирокчиёни шаартномаи бавуҷудомада ва ғайра баррасӣ гаштааст. Бо чунин дарк таснифоти шартномаҳои байналмилалӣ дар бахши танзими обҳои фаромарзӣ то имрӯз асоснокнамоии илмии комилро муваффақ нагаштаанд. Вале новобаста аз чунин вазъ, раванди ташаккули шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими обҳои фаромарзӣ вобаста ба омилҳои гуногун, аз ҷумла предмет, доираи амал, ҳайати иштироккунандагон, мақсад ва ғайра ба вуқуъ омадааст, ки онҳо фарогири муносибати байни субъектҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар ду самт истифодабарӣ ба танзими ҳуқуқии обҳои фаромарзӣ ифода меёбанд. Истифодаи обҳои фаромарзӣ бо мақсадҳои киштигардӣ ва ғайрикиштигардӣ ҷудо мешавад, ки вобаста ба он танзими ҳуқуқӣ дар сатҳи универсалӣ, минтақавӣ ва дуҷониба ба роҳ монда мешавад.

Шартномаҳои байналмилалӣ оид ба истифодаи обҳои фаромарзӣ бо мақсадҳои киштигардӣ дар сатҳи универсалӣ, минтақавӣ ва дуҷониба аз инҳо иборат мебошанд:

- Конвенсия ва Статути Барселона оид ба реҷаи роҳҳои обии киштигардии аҳамияти байналмилалидошта аз 20 апрели соли 1921;

- Конвенсия оид ба реҷаи киштигардӣ дар дарёи Дунай аз 18 августи соли 1948;

- Конвенсия оид ба киштигардӣ дар дарёи Рейн 17 октябри соли 1868;

- Конвенсия оид ба киштигардӣ ва ҳамкориҳои иқтисодӣ байни давлатҳои ҳавзаи дарёи Нигер аз соли 1963 ва ғайра.

Шартномаҳои байналмилалӣ дар бахши истифодаи обҳои фаромарзӣ бо мақсадҳои киштигардӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дер боз арзи вуҷуд кардаанд.

Ба ин мисол мешавад, шартномаи Феррарӣ аз 8 июни соли 1177 оид ба озодии киштигардӣ. Тибқи муқаррароти ин Шартнома «Консулҳои Феррарӣ дар ҳузури намояндагони шаҳрҳои Милан, Болоня, Мадена, Ровенка ва Мантуа савганд ёд мекарданд, ки дарёи Поро барои ҳамагон озод гузоранд, яъне озодии киштигардӣ таъмин карда мешавад» [2, с. 53].

Воқеан, истифодаи обҳои фаромарзи бо мақсадҳои киштигардӣ аз рушди робитаҳои иқтисоди хориҷии давлат, тиҷорат, анҷоми амалиётҳои ҳарбӣ ва ғайра вобаста буданд.

Дар таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ шартномаи Сулҳи Вестфал аз соли 1648 марҳилаи навро дар бахши истифодаи обҳои фаромарзӣ оид ба мақсадҳои киштигардӣ муҳайё сохт, ки аз нав барқароршавии тиҷоратро байни кишварҳои Аврупо ва руёнидани пардохтҳои зиёдро аз киштиҳои обии хориҷӣ назар ба киштиҳои обии миллӣ ба роҳ монд. Ҳамин тариқ, марҳила ба марҳила принсипи озодии киштигардӣ дар низоми принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии обӣ ташаккул ёфт. Умуман, дар қарни XVII принсипи озодии киштигардӣ дар шартномаи Рейсвик аз 20 апрели соли 1698 дар дарёи Рейн ва Шартномаи байни Империяи Австрия ва Туркия аз солҳои 1669 ва 1718 оид ба дарёи Дунай таҷассум ёфтааст, ки гувоҳ аз истифодаи обҳои фаромарзӣ бо мақсадҳои киштигардӣ дар таърихи инсоният мебошад. Дар қарни XIX ба озодии киштигардӣ дар шартномаҳои байналмилалии сатҳи минтақавӣ, аз ҷумла Шартномаҳои Париж аз 30 майи соли 1814 ва 30 марти соли 1856 дар дарёҳои Рейн ва Дунай таваҷҷуҳ шудааст.

Хулоса, озодии киштигардӣ барои тамоми кишварҳои Аврупо дар дарёҳои байналмилалӣ дар охири асри XIX фароҳам оварда шуд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ аз истифодаи обҳои фаромарзӣ бо мақсадҳои киштигардӣ маҳдуд нагашта, бо мақсадҳои ғайрикиштигардӣ, аз қабили моҳидорӣ, обёри заминҳои таъиноти кишоварзӣ, таъмини аҳолӣ бо оби нушиданӣ, истеҳсоли нерӯи барқ, идоракунию муҳофизати обҳои байналмилалӣ ва ғайра васеъ истифода менамуданд. Қарни XX ба ташаккул ва рушди низоми ҳуқуқи байналмилалии муосир такони бузургро ворид сохт, ки ҳама самтҳои ҳаёти ҷомеаи башарӣ тақозои раванди созанда гашт, яъне сулҳ ва амнияти байналмилалӣ дар ҳолате дар сайёра хукмфармо мегардад, ки масоили ҷузъӣ ҳал гарданду ба кулл табдил наёбанд. Чунин раванде, ки байни кишварҳо баҳс ва низоъро ба вуҷуд овард, дар қарни XX оқилона истифода накардани обҳои фаромарзӣ бо мақсадҳои киштигардӣ ва ғайрикиштигардӣ, инчунин танзими ҳуқуқӣ наёфтани онҳо мебошад. Бо чунин назардошт, баъди Ҷанги якуми ҷаҳон дар Шартномаи Сулҳи Версал меъёри махсус оид ба озодии киштигардӣ дар дарёҳои Элба, Одер, Неман, Дунай, Рейн ва Мозел муқаррар шуда буд.

Бо сарпарастии Лигаи Миллатҳо дар конференсияи байналмилалии Барселона 20 апрели соли 1921 Конвенсия оид ба реҷаи роҳҳои обии киштигардии аҳамияти байналмилалидошта ва Статут оид ба реҷаи роҳҳои обии киштигардии аҳамияти байналмилалидошта қабул карда шуд, ки ин ҳуҷҷатҳо дар хеш озодии киштигардидро дар дарёҳои байналмилалӣ, ки таҳти парчами дигар кишварҳои иштирокчӣ шино менамоянд, пешниҳод кардааст. Конвенсия ва Статутро намояндагони беш аз 40 кишвар аз минтақаҳои Аврупо, Амрико ва Осиё имзо карданд.

Конвенсия оид ба реҷаи киштигарди дар дарёи Дунай аз 18 августи соли 1948 муқарраркунандаи реҷаи ҳуқуқии дарёи Дунай аст. Конвенсия аз ҷониби ИҶШС, Булғория, Венгрия, Руминия, Украина, Чехословакия ва Югославия ба имзо расида буд. Айни ҳол иштирокчиёни Конвенсияи мазкур Австрия, Булғория, Венгрия, Олмон, Молдова, Русия, Руминия, Словакия, Украина, Хорватия, Сербия ва Черногория мебошанд. Муқаррароти асосии Конвенсия, ин муайян кардани мақоми Дунай ҳамчун дарёи байналмилалӣ мебошад, ки дар моддаи 1 зикр шудааст, ки: «киштигардӣ дар дарёи Дунай ҳатман бояд озод ва дастрас барои шаҳрвандон ва киштиҳои тиҷоратӣ бошад, таъмини баробарии киштиҳои тиҷоратии кишварҳо дар бандар ва пардохтҳо ба роҳ монда шавад».

Конвенсия принсипи озодии киштигардиро дар дарёи Дунай ба мазмуни васеъ пешбинӣ кардааст, ки моҳияташ дар он ифода мегадад, ки дар дарёи Дунай киштиҳои ҳамаи кишварҳо, новобаста аз он, ки кишвари наздисоҳилӣ мебошанд ё на, бе маҳдудият ҳуқуқи шино кардан доранд. Кишварҳои назди соҳили дарёи Дунай уҳдадор гардиданд, ки ба киштиҳои дигар кишварҳо, ки дар дарёи Дунай шино

менамояд, ҳеҷ гуна монеа ё хатарро эҷод накунанд ва дар ҳолате ки чунин монеаҳо дар роҳҳои киштигардии давлати наздисоҳилии Дунай ба вуҷуд меоянду давлат дар бартараф кардани онҳо имкон надорад, онгоҳ барои кӯмак дар ин бахш ба Комиссияи Дунай муроҷиат менамояд.

Конвенсия баробарии соҳибихтиёрии давлатҳои наздисоҳилӣ, масоили озодии киштигардӣ дар дарёи Дунай барои киштиҳои обии тамоми давлатҳо, ҳуқуқи даромадан ба бандарҳо, иҷро кардани амалиёти боркунӣ ва борфарорӣ, савор намудан ва фаровардани мусофирон, сода гардонида шудани гузаронидани борҳои транзитӣ ва манъ будани гирифтани боҷ барои транзит ва ғайраро кафолат додааст.

Сохтори Конвенсия аз муқаддима, 5 боб, 47 модда ва ду замима иборат аст. Конвенсия тибқи талаботи моддаи 46 хеш аз 11 майи соли 1949 амал менамояд. Бо мақсади идоракунии киштигардӣ дар дарёи Дунай, Комиссияи Дунай таъсис дода шудааст, ки ҳамчун механизми таъмини назорати иҷроиши муқаррароти он фаъолият менамояд.

Шартномаи байналмилалӣ дар бахши истифодабарии обҳои фаромарзӣ бо мақсадҳои киштигардӣ ин Конвенсия оид ба киштигардӣ дар дарёи Рейн аз 17 октябри соли 1868 мебошад. Конвенсия реҷаи киштигардии гуногунро барои кишварҳои соҳилӣ ва ғайрисоҳилӣ муқаррар карда буд. Дар соли 1919 Шартномаи Версал чунин тафовутро бартараф сохт ва ба ҳайати Комиссияи марказии киштигардӣ оид ба Рейн намояндагони Британияи Кабир, Италия ва Белгия шомил гаштанд. Дар доираи ин Комиссия 14 декабри соли 1922 Конвенсия оид ба реҷаи додани патенти киштигардӣ дар дарёи Рейн қабул шуд, ки то имрӯз амал менамояд. Ин санад чунин тартиботро ворид сохт, ки додани патент ба салоҳдиди ҳар яке аз кишварҳои аъзои Комиссия мансуб аст. Аъзоёни Комиссияи марказӣ оид ба киштигардӣ дар дарёи Рейн 27 ноябри соли 2002 Протоколи иловагии №7-ро ба Конвенсияи Менгейм қабул карданд, ки тибқи он ҳуҷҷати зарурӣ барои шино кардан дар дарёи Рейн акнун на танҳо кишварҳои назди соҳилии дарёи Рейн, балки дигар кишварҳое, ки иштирокчии Конвенсия оид ба киштигардӣ дар дарёи Рейн, пеш аз ҳама аъзоёни Иттиҳоди Аврупо мебошанд. Конвенсияи Менгеймро аз 17 октябри соли 1868 Фаронса, Бовария, Герсогияи азими Баден ва Гессен, Пруссия ва Нидерландия қабул карда буданд. Баҳри дуруст татбиқ кардани муқаррароти Конвенсия Комиссияи марказӣ оид ба киштигардӣ дар дарёи Рейн фаъолият менамояд, ки асосан назоратро ба киштигардӣ ва дар коркарди меъёрҳои техникӣ-ҳуқуқӣ анҷом медиҳад. Инчунин, баррасии ҳама гуна шикоятҳо, ки аз Конвенсия бармеоянд, иҷроиши қоидаҳое, ки давлатҳои назди соҳил муштарак муқаррар намудаанд ва тадбирҳо бо розигии умум қабул гашта, муҳокимаи пешниҳодҳои давлатҳои наздисоҳил оид ба рушди киштигардӣ дар дарёи Рейн, аз ҷумла масоили мукаммалу тағйирот ворид намудан ба Конвенсия ва ғайра ба салоҳияти Комиссияи марказӣ оид ба киштигардӣ дар дарёи Рейн шомил буд. Реҷаи киштигардӣ дар дарёи Нигер тибқи Конвенсия оид ба киштигардӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои ҳавзаи дарёи Нигер аз 26 октябри соли 1963 ва Қоидаҳои умумии киштигардӣ дар дар дарёи Нигер аз 22 феврали соли 1974 муайян ва танзим карда мешуд. Дар резишгоҳи Ла-Плата шароити киштигардӣ тибқи Шартномаи байни Аргентина ва Уругвай оид ба Рио-де Ла-Плата ва сарҳади баҳрии он аз 19 ноябри соли 1973 муайян карда мешуд. Асоси ҳуқуқии реҷаи киштигардӣ дар Амазонка Шартнома оид ба ҳамкорӣ дар ҳавзаи дарёи Амазонка аз 3 июни соли 1978 баромад мекард. Асоси ҳуқуқии киштигардӣ дар дарёи Меконг Конвенсия оид ба реҷаи киштигардии баҳрӣ ва обӣ дар дарёи Меконг аз 28 декабри соли 1954 ва Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва рушди устувори ҳавзаи дарёи Меконг аз соли 1995 муаррифӣ мешавад. Дар қитъаи Аврупо кулҳои байналмилалии Констанс ва Женева мавҷуд мебошанд, ки истифодаи обҳои онҳо бо мақсади киштигардӣ пешбинӣ шудааст. Вазъи ҳуқуқии кули Констанср бо Конвенсия дар бораи киштигардӣ тавассути кули Констанс аз 1 июни соли 1973, ки кишварҳои Австрия, Олмон ва Швейтсария ба имзо расондаанд, танзим карда мешавад.

Конвенсия фазои озод ва кушодро барои киштигардӣ на танҳо ба кишварҳои наздисоҳил ва ғайр, балки барои шахсон низ пешниҳод кардааст ва доираи татбиқи ҳуқуқии ҳар як давлати наздисоҳилро дар бахши ҳифзи ҳуқуқӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ нисбати дилхоҳ киштӣ дар ин минтақа қарордошта муайян намудааст. Мақоми ҳуқуқии кули байналмилалии Женева дар асоси Конвенсия оид ба муқаррар кардани сарҳад тавассути кули Женева аз 25 феврали соли 1953 - делимитатсияро байни Фаронса ва Швейтсария муайян кардааст ва масоили киштигардӣ дар асоси Созишномаи франко-швейтсариягӣ аз 7 декабри соли 1976 ба роҳ монда шудааст. Шартномаи байналмилалии зикргардида ба масоили амнияти киштигардӣ, ҳифзи оби кул аз ифлосшавӣ, унификатсияи қоидаҳои киштигардӣ, дастрасии киштиҳои як кишвар дар қаламрави дигар кишварро ба танзим даровардааст.

Ҳамин тариқ, шартномаҳои байналмилалӣ дар бахши истифодаи обҳои фаромарзӣ оид ба мақсадҳои киштигардӣ, асосан ба таъмини принсипи озоди киштигардӣ, унификатсияи қоидаҳои киштигардӣ, мақоми ҳуқуқии кишварҳои наздисоҳилро оид ба дарёи байналмилалие, ки аз қаламрави он мегузорад, озодию дастрасии киштигардиро барои шахсон, давлатҳои наздисоҳилу ғайрисоҳил, киштиҳои тиҷоратӣ ва ғайра, муҳайё намудааст.

Шартномаҳои байналмилалӣ оид ба истифодаи обҳои фаромарзӣ бо мақсадҳои ғайрикиштигардӣ дар сатҳи универсалӣ, минтақавӣ ва дуҷониба иборат аз инҳо мебошанд:

- Конвенсия оид ба ҳифз ва истифодабарии маҷроҳои обҳои фаромарзӣ ва кӯлҳои байналмилалӣ аз 17 марти соли 1992;
- Конвенсия оид ба ҳуқуқи навъҳои ғайрикиштигардии истифодабарии маҷроҳои обҳои байналмилалӣ аз 21 майи соли 1997;
- Созишнома оид ба принсипҳои асосии ҳамкорӣ дар соҳаи истифодабарии оқилона ва ҳифзи иншоотҳои обии фаромарзии давлатҳо-аъзои ИДМ аз 11 сентябри соли 1998;
- Конвенсия оид ба обҳои фаромарзӣ байни Мексика ва ШМА аз соли 1889;
- Созишнома оид ба обҳои фаромарзӣ байни ШМА ва Канада аз соли 1909;
- Конвенсия оид ба танзими рушди гидроэнергетика дар дарёи Дуэро байни Испания ва Португалия аз соли 1927;
- Созишнома оид ба резишгоҳи дарё байни Афғонистон ва Эрон аз соли 1950;
- Созишнома оид ба истифодаи обҳои дарёи Ярмук байни Сурия ва Урдун аз соли 1953;
- Созишнома оид ба лоиҳа дар дарёи Коси байни Ҳиндустон ва Непал аз соли 1954;
- Созишнома оид ба истифодаи комили обҳои дарёи Нил байни Миср ва Судон аз соли 1959;
- Созишнома оид ба дарёи Ҳинд байни Ҳиндустон ва Покистон аз соли 1960;
- Созишнома оид ба ҳамкории Аргентина, Боливия, Бразилия, Парагвай ва Уругвай дар ҳавзаи дарёи Ла-Плата аз соли 1969;
- Конвенсия оид ба ҳамкории Мавритания, Гвинея, Сенегал, Мали оид ба ҳавзи дарёи Сенгал аз соли 1963;
- Созишнома оид ба ҳамкорӣ ва идоракунии муштарак, истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои обии ҳавзаи баҳри Арал аз 18 феврали соли 1992 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Узбекистон;
- Созишнома оид ба истифодабарии захираҳои обӣ-энергетикии ҳавзаи Сирдарё аз 17 марти соли 1998;
- Созишнома «Оид ба амалҳои муштарак дар бахши ҳалли масоили ҳавзаи баҳри Арал, беҳтар кардани вазъи экологӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии он» аз 26 марти соли 1993 ва ғайра.

Конвенсия оид ба ҳифз ва истифодабарии маҷроҳои обҳои фаромарзӣ ва кулҳои байналмилалӣ аз 17 марти соли 1992 бо ташаббуси Комиссияи иқтисодии аврупоии Созмони Милали Муттаҳид таҳия ва қабул шуда, аз 6 октябри соли 1996 мавриди амал қарор гирифтааст. Конвенсия доираи амалаш универсалӣ мебошад ва

асоси ҳуқуқии ҳамкориҳои кишварҳо дар бахши ҳифз ва истифодаи оқилонаи обҳои фаромарзӣ муҳайё кардааст ва таваҷҷуҳи асосӣ дар муқаррар кардани қоидаҳои умумӣ дар бахши масоили экологӣ, на ба идоракунии захираҳои обӣ анҷом дода шудааст. Конвенсия дар 56 кишвар амал менамояд, ки онҳо шомил ба минтақаҳои Аврупо ва ИДМ мебошанд. Ба Конвенсияи зикргардида соли 1999 дар шаҳри Лондон Протокол оид ба масоили об ва саломатӣ қабул гардид, ки он ба пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва кам кардани хатари паҳншавии бемориҳои марбут ба об нигаронида шудааст. Ҳадафи асосии он мусоидат кардан дар тамоми сатҳ ва ҳифзи саломатӣ ва беҳдошти ҳаёти инсон бо роҳи мукаммалгардони идораи фаъолияти хоҷагидории об бо ҳифзи низоми экологии обӣ мебошад [2, с. 22].

Моҳияти Конвенсияи соли 1992 дар рушди ҳамкориҳои кишварҳо дар чунин бахшҳо муқаррар кардааст:

- тадбирҳо дар бахши пешгирӣ, назорат ва кам кардани амал ва сарчашмаҳои ифлоснамоии обҳои фаромарзӣ;
- амалӣ кардани ҳама гуна тадбирҳо набояд ба ифлосшавии дигар бахшҳои муҳити зист мусоидат намоянд;
- тарафҳо бояд принсипи эҳтиёткорӣ, «пардохти ифлоснамоӣ» ва рушди устуворро таъмин намоянд.

Конвенсия оид ба ҳуқуқи навъҳои ғайрикиштигардии истифодабарии маҷроҳои обҳои байналмилалӣ аз 21 майи соли 1997 дар шакли Қатъномаи №51/229 Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудааст, ки аз 7 қисм, 37 модда иборат аст. Конвенсияи мазкурро Комиссияи ҳуқуқи байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид тули 30 сол таҳия намуд, ки дар кодификатсия ва рушди прогрессивии ҳуқуқи байналмилалӣ дар бахши истифодаи обҳои фаромарзӣ нақши калидиро дорост.

Конвенсияи соли 1997 дар худ меъёрҳои моддӣ ва мурофиавиро муқаррар кардааст, ки давлатҳои иштирокчиро уҳдадор намудааст, то робитаи тарафайнро оид ба истифодаи обҳои фаромарзӣ ба роҳ монанд. Принсипи оқилона ва одилона истифода кардани обҳои байналмилалӣ муқаррароти асосии Конвенсия мебошад.

Конвенсия асосан ҳалли проблемаҳоеро, ки бо норасоӣ ва сифати об алоқаманд мебошанд, дар ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба муайян кардааст. Дар Конвенсия мавзуи мазкури мушаххас ҳал намудани он пешбинӣ шудааст ва ҳама гуна баҳс ва низоъро механизм ва тарзи ба танзим даровардани онҳо пешбинӣ шудааст. Чунончи, дар моддаи 33 он гуфта мешавад, барои ба танзим даровардани ҳамагуна баҳс бо хоҳиши тарафи ширкаткунандаи баҳс далел ҳатман муқаррар карда мешавад ва кишварҳои иштирокчии Конвенсия уҳдадор мегарданд, ки баҳсро дар Суди байналмилалӣ ё мақомоти арбитражӣ тибқи расмиёте, ки дар замимаи Конвенсия пешбинӣ шудааст, баррасӣ намоянд. Конвенсия роҳҳои беҳтар кардани ҳамкориро дар бахши баланд бардоштани сифати об ва сарватҳои обиро бо дарназардошти хусусиятҳои гидрологии дарё, динамикаи рушди иқтисодиёти кишварҳои ҳавзаи дарё ва талаботи экологӣ бо воситаҳои табии сарватҳои обӣ муайян ва танзим менамояд.

Конвенсия (қисми III) дар худ як қатор расмиётро дар бахши манъи ҳамагуна намудҳои фаъолияти давлат, ки оқибати вазнини ногуворро барои дигар кишвар дар вақти истифодаи маҷроҳои обҳои байналмилалӣ ба бор меоварад, пешбинӣ кардааст. Конвенсия дар маҷмӯъ ба ҷомеаи байналмилалӣ фаҳмише, ки тибқи он давлат салоҳияти номаҳдудро дар ширкату истифодаи маҷроҳаи обҳои байналмилалӣ, ки дар қаламрави он ҷойгир аст, дорад, истисно сохтааст. Дар Конвенсия истилоҳи «маҷроҳои оби байналмилалӣ» ба «дарёи байналмилалӣ» ҳаммаъно истифода шудааст. Вале новобаста аз чунин вазъ, бо он навъе, ки мазмуни маҷроҳои обҳои байналмилалӣ дар Конвенсия пешбинӣ шудааст, мазмуни васеъро ифода месозад. Конвенсия оид ба ҳуқуки навъҳои ғайрикиштигардии истифодабарии маҷроҳои обҳои байналмилалӣ аз 21 майи соли 1997 вобаста ба доираи амал санади ҳуқуқи байналмилалии универсалӣ мебошад, ки дар он принсипҳои «одилона ва оқилона

истифодаи маҷроҳои обии байналмилалӣ», «уҳдадории норасонидани зарари ногувор», «ҳамкории ҳатмӣ», «уҳдадории мубодилаи иттилооти дорои хусусияти гидрологӣ, матеорологӣ, гидрогеологӣ ва экологӣ оид ба маҷроҳои обҳои байналмилалӣ» байни кишварҳои аъзо мустаҳкам намудааст ва таваҷҷуҳи асосиро таъмин ва дастгирии сифати об, аз ҷумла оби ошомиданӣ ва обҳои истеҳсоли озуқаворӣ барои ҳаёти инсон ногузирро пешбинӣ кардааст.

Созшнома оид ба принсипҳои асосии ҳамкорӣ дар соҳаи истифодабарии оқилона ва ҳифзи иншоотҳои обии фаромарзии давлатҳои аъзони ИДМ аз 11 сентябри соли 1998 вобаста ба доираи амали шартномаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар сатҳи минтақавӣ мебошад, ки ба мавзуи ҳифзи экологии обҳои фаромарзӣ таваҷҷуҳ карда шудааст ва 6 июни соли 2002 барои кишварҳои Беларус, Тоҷикистон ва Русия дорои қувваи амал аст, ки сохтораш аз муқаддима ва 18 модда иборат мебошад.

Созишнома бо дарназардошти талаботи қоидаҳои Хелсинки оид ба истифодаи обҳои дарёҳои байналмилалӣ аз 20 августи соли 1986 ва Конвенсия оид ба ҳифз ва истифодабарии моҷроҳои обҳои фаромарзӣ ва кулҳои байналмилалӣ аз 17 марти соли 1992 таҳия ва қабул карда шудааст, ки дар он (моддаи 1) мафҳумҳои «иншоотии обҳои фаромарзӣ», «ҳимояи иншоотҳои обӣ», «ифлоснамоии иншоотҳои обӣ» пешниҳод шудааст. Инчунин Созишнома муайянкунандаи принсипҳои асосии ҳамкорӣ байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бахши ифтифодаи оқилона ва ҳифзи иншоотхои обии фаромарзӣ мебошад.

Конвенсия оид ба обҳои фаромарзӣ байни Мексика ва ШМА аз соли 1889 ба феҳристи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ нахуст дар бахши танзими ҳууқии дарёҳои байналмилалӣ, дар радифи Конвенсия оид ба киштигардӣ дар дарёи Рейн (соли 1868), Конвенсия оид ба обҳои сарҳадӣ байни ШМА ва Канада аз 11 январи соли 1905 шомил аст. Конвенсия оид ба обҳои фаромарзии байни Мексика ва ШМА (соли 1889) ва Созишнома оид ба обҳои сарҳади байни ШМА ва Канада (11 январи соли 1905) ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалии дуҷониба шомил буда, бо мақсади таъмини идоракунии муштараки обҳои фаромарзӣ дар бахши назорат оид ба обхезӣ, коркарди неруи барқ, таъмини аҳолӣ ва хоҷагии халқ бо об равона карда шудааст. Конвенсияҳои зикргардида дар сатҳи дуҷониба бо реҷаи ҳуқуқии обҳои фаромарзӣ дахл кардаанд. Доираи ҳамкории ШМА бо Мексика ва Канада дар доираи Конвенсияҳои номбаршуда дар бахши истифодаи обҳои фаромарзӣ маҳдуд нагардид. Чунончи, бо бастани шартномаҳо байни ШМА ва Канада оид ба истифодаи оби кули Вудс соли 1925, истифодаи оби кули Рейн соли 1938, истифодаи дарёи Ниагара соли 1950, истифодаи сарватҳои обии дарёи Калумбия аз соли 1961 ва ғайра идома дорад.

Ҳамкориҳои ШМА ва Мексика дар бахши истифодаи обҳои фаромарзӣ аз Конвенсияи соли 1889 оғоз гардида, бо бастани Конвенсия байни ШМА ва Мексика аз соли 1906 оид ба истифодаи сарватҳои обии дарёи Рио-Гранде, Шартнома байни ШМА ва Мексика аз соли 1944 оид ба истифодаи сарватҳои обии дарёҳои Рио-Гранде, Колорадо ва Тихуана ва ғайра идома доранд.

Дар минтақаҳои Амрико, Африко, Аврупо ва Осиё шартномаҳои байналмилалӣ дар бахши истифодаи обҳои фаромарзӣ бо мақсадҳои ғайрикиштигардӣ, аз ҷумла дар бахши истеҳсоли неруи барқ, оби ошомиданӣ, моҳидорӣ, эҳтиёҷоти аҳолӣ ва хоҷагии халқ, обёрикунонӣ, нигоҳдошти иншоотҳои обӣ, ҳифзи экологӣ ва ғайра дар сатҳи минтақа ва дуҷониба бо номҳои «конвенсия», «шартнома», «созишнома» ва ғайра ба имзо расониданд.

Дар доираи кишварҳои Осиёи Марказӣ масоили истифодаи обҳои фаромарзӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва баҳснок баъд аз пош хурдани ИҶШС ҳисоб мешавад.

Дарёҳои асосии захиравии Осиёи Марказӣ – Амударё ва Сирдарё ҳисоб мешавад, ки байни кишварҳои Осиёи Марказӣ – Тоҷикистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Узбекистон ва Туркманистон соли 1992 Созишнома оид ба самтҳои гуногуни истифодаи муштараки обҳо ва сарватҳои обӣ – энергетикии дарёҳои Амударё ва Сирдарё ба имзо расонида шуда

буд. Вале мавзуи калидӣ, ин механизми иқтисодии робита ва таъмини устувори манфиатнокии тарафайни муносибатҳои обӣ-энергетикӣ байни кишварҳои минтақа матраҳ нагашта буд. Бо чунин назардошт муносибатҳо дар бахши масоили об раванди мусбиро дар минтақа касб накард. Созишнома «Оид ба ҳамкорӣ дар бахши идоракунии истифода ва ҳифзи сарватҳои обии сарчашмаҳои байнидавлатӣ» соли 1992 дар шаҳри Алмаато ба имзо расонида шуд, ки он ба таъсиси падидаи (институти) минтақавии идоракунии иншоотҳои обҳои фаромарзӣ асос гузошт. Ин созишнома барои рушди муносибатҳои шартномавӣ дар бахши истифодаи обҳои фаромарзии кишварҳои Осиёи Марказӣ замина гузошт, новобаста аз он, ки дар ин Созишнома норасоиҳо, аз қабили мавҷуд набудани муҳлати амали шартнома, механизми амалӣ гардонидани он, асосҳои иқтисодии созишнома, хусусияти декларативӣ доштани он, танзим нагаштани муносибатҳои обӣ – энергетикӣ, ки барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳамияти аввалиндараҷа мебошанд, баррасӣ нагашта буданд.

Шартномаи байналмилалӣ дар бахши муносибатҳои обӣ – энергетикии кишварҳои ҳавзаи дарёи Сирдарё, ин Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Узбекистон оид ба истифодабарии сарватҳои обӣ – энергетикии ҳавзаи дарёи Сирдарё аз 17 марти соли 1998 мебошад, ки дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон дар сатҳи сарвазирони тарафҳо ба имзо расонида шуда буд, ки давлати Тоҷикистон моҳи июни соли 1999 ба ин Созишнома ҳамроҳ шуд. Созишномаи соли 1998 хусусияти заминавӣ дошта буд, ки ҳарсол бастани созишномаҳои мушаххасро оид ба истифодаи сарватҳои обӣ – энергетикӣ, аз ҷумла дар сатҳи дуҷониба пешбинӣ месохт. Чунин вазъ ба минбаъда шароит фароҳам овард, ки гуфтушуниди бисёртарафаро дар сатҳи кишварҳои Осиёи Марказӣ халалдор созад ва онро дар сатҳи сетарафа бе дарназардошти манфиатҳои умум оварда расонад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ имрӯз дар марҳилаи нав қарор доранд, ки вобаста ба вазъи ҷомеаи хеш ва байналмилалӣ дарк намоянд, ки истифодаи обҳои фаромарзӣ бояд ба манфиати кишварҳои болооби дарёи Амударё ва Сирдарё (Тоҷикистону Қирғизистон) ва поёноб (Қазоқистон, Узбекистон ва Туркманистон) роҳандозӣ карда шавад ва набояд он дар сатҳи баҳсу низоъ расонда шавад, зеро чунин раванд ба рушди устувор ва амнияти кишвару минтақа хатар эҷод месозад.

Хулоса, шартномаҳои байналмилалӣ оид ба истифодабарии обҳои фаромарзӣ аз нигоҳи объект ба намуди шартномаҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои махсус шомил мебошанд. Асоси ҳуқуқии танзими шартномаҳои байналмилалӣ оид ба истифодаи обҳои фаромарзӣ Конвенсияи Вена «Дар бораи ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ» аз 23 майи соли 1969 баромад менамояд. Шартномаҳои байналмилалӣ дар бахши истифодаи обҳои фаромарзӣ вобаста ба чунин унсурҳо таснифот мешаванд:

1) Вобаста ба доираи амал – универсалӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ (дар доираи ду кишвар);

2) Вобаста ба доираи иштирокчиён – бисёртарафа ва дутарафа;

3) Вобаста бо мақсад – киштигардӣ ва ғайрикиштигардӣ;

4) Вобаста ба танзими ҳуқуқӣ – умумӣ, бахшҳои ҷудогона (дар мавзуъҳои гуногун) ва мушаххас (ба ин ё он дарё мушаххас).

Шартномаҳои байналмилалӣ оид ба истифодаи обҳои фаромарзӣ асосан байни давлатҳо ба имзо расонида мешавад, ки он ифодакунандаи дар марҳилаи ташаккул қарор доштани ин навъи шартномаҳои байналмилалӣ мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Махкамбоев С.Д. Международно-правовое регулирование сотрудничества государств по использованию трансграничных водных ресурсов в регионе Центральной Азии. -Душанбе: Ирфон, 2012. С. 113.

2. Мирзоев А.М. Ҳуқуқи байналмилалии обӣ: Воситаи таълимӣ. - Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2016. С. 16-18.

3. Казанского П. Договорные реки. Очерки истории и теории международного речного права. Т.II. Казань: Типография Губернского управления, 1895. С. 14-23.

**Аннотатсия**

**Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими ҳуқуқии истифодабарии обҳои фаромарзӣ**

Дар мақола нақши шартномаҳои байналмилалии универсалӣ, минтақавӣ ва дутарафа дар танзими ҳуқуқии истифодабарии обҳои фаромарзӣ баррасӣ шуда, хусусиятҳо ва мақоми онҳо дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии обӣ нишон дода шудааст.

**Аннотация**

**Роль международных договоров в правовом регулировании использования трансграничных вод**

В статье анализируется роль международных универсальных, региональных и двусторонних договоров в правовом регулировании использования трансграничных вод, указывается характер и их место в системе источников международного водного права.

**Annotation**

**The role of International treaties in the legal regulation of using of the transboundary waters**

The article analyzes the role of International universal, regional and bilateral agreements in the legal regulation of using of the transboundary waters, the character and their place in the system of sources of international water law.



**Маҳмадшоев Фарҳод Абдураҳмонович,**
*сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ.*



**Олифтаев Имомдод Ғуломэсуфович,**
*сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# МЕХАНИЗМҲОИ ТАФТИШОТИ ДУҶОНИБА РОҶЕЪ БА ВАЙРОНКУНИИ МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛЛАЛИИ ИНСОНДӮСТӢ

***Калидвожаҳо:*** *механизмҳои байналмилалӣ; механизмҳои тафтишоти дуҷониба; меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалии инсондӯстӣ; комиссияи байналмилалӣ оид ба муайян намудани далелҳо.*

***Ключевые слова:*** *международные механизмы; механизмы двустороннего расследования; стандарты международного права прав человека; Международная комиссия по определению факта.*

***Keywords:*** *traditional mechanisms; mechanism of rendering agency; standardization of international standards; The international commission definition of the fact.*

Дар муносибатҳои байналмилалӣ ҳокимияти ягона ва ҳукмфармо, ки ба он тамоми ҳукумату давлатҳо тобеъ бошанд, вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, ҳокимияти умумие мавҷуд намебошад, ки тавонад ба пуррагӣ назорати риояи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, бахусус меъёрҳои ҳуқуқи байналмиллалии инсондӯстиро амалӣ намуда, дар ҳолати зарурӣ иҷроиши маҷбурии онро таъмин намояд ва ё дар ҳолати вайрон кардани уҳдадориҳои байналмилалӣ аз ҷониби давлатҳо таҳринҳо (санксияҳо) таъин намояд. Бинобар ҳамин давлатҳо дастаҷамъона дар раванди ҳуқуқэҷодкунии байналмилалӣ, бадшавии муносибатҳои байнидавлатӣ, пайдоиши мушкилоти башарӣ, ки ба сарнавишти қурбониёни ҷанг дар тамоми ҷаҳон таъсир мерасонад, механизмҳои байналмилалиро таъсис медиҳанд.

Механизмҳои байналмилалии тафтишотӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ, дар маҷмӯъ чораҳои иҷрои меъёр ва принсипҳои мутобиқшудаи ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ (минбаъд-ҲБИ)-ро ташкил менамоянд, ки ба риояи санадҳои ҳуқуқии ҲБИ асос ёфта, давлатҳои аъзо зери таъсири ҷиддии он қарор мегиранд.

Таҳлили Конвенсияҳои Женева аз 12 августи соли 1949 ва Протоколҳои иловагӣ ба онҳо, дигар шартномаҳои бахши ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ нишон медиҳанд, ки механизмҳои байналмилалии таъмини иҷрои меъёрҳои ҲБИ чӣ дар мавриди осоишта ва чӣ дар мавриди ҷанги мусаллаҳона татбиқ мегарданд.

Механизмҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар навбати худ, ба якчанд гурӯҳо ҷудо мешаванд. Аз ҷумла, механизмҳои ҲБИ, ки ба зергурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

- тафтиши дуҷониба роҷеъ ба ҳуқуқвайронкуниҳои меъёрҳои ҲБИ;

- комиссияи байналмилалӣ оид ба муайян намудани далелҳо;

- чораҳое, ки давлатҳо ба таври муштарак ва ё инфиродӣ барои иҷрои меъёрҳои ҲБИ қабул мекунанд;

- трибуналҳои байналмиллалии ad hoc (якбораамалкунанда) ва Суди ҷиноии байналмилалии доимоамалкунанда.

Зарур аст, ки иҷроиши механизмҳои ҲБИ-ро дар сатҳи байналмилалӣ ва нақши онҳоро дар иҷроиши меъёрҳои ҲБИ дида бароем.

Программой GIZ и проектом ЕС совместно с Правительством КР была инициирована широкомасштабная обучающая программа для государственных и муниципальных служащих по реализации и применению нового Закона. По результатам проведения обучения с мая 2016 года по сегодняшнее время совместно с Академией государственного управления при Президенте КР проведено более 60 обучающих тренингов для более 1200 государственных и муниципальных служащих, которые ознакомились с основами административной деятельности и административных процедур. В том числе около 40 тренингов были проведены для министерств и ведомств КР в Бишкеке, и более 20 тренингов проведены в регионах. Рабочей группой по данному компоненту проекта был подготовлен совместно с Аппаратом Правительства КР, Академией государственного управления при Президенте КР, Государственным агентством по делам местного самоуправления, а также представителями донорских организаций, «План-график обучения государственных и муниципальных служащих Кыргызской Республики по реализации и применению Закона Кыргызской Республики «Об основах административной деятельности и административных процедурах». Международными экспертами и членами рабочей группы были разработаны обучающие материалы, в частности, руководство по применению Закона и тренинговый модуль по обучению государственных и муниципальных служащих.

Министерством юстиции КР совместно с экспертами рабочей группы, в целях повышения осведомленности населения о Законе был разработан План мероприятий по разъяснению норм Закона Кыргызской Республики «Об основах административной деятельности и административных процедурах» в рамках правовой пропаганды.В данном направлении экспертами рабочей группы был разработан флаер с разъяснением норм закона. При поддержке Проекта ЕС было отпечатано 4000 экземпляров, которые были переданы Министерству юстиции КР для их распространения среди населения посредствам территориальных подразделений министерства. Также экспертами рабочей группы был подготовлен сценарий видеоролика и аудиоролика по разъяснению норм закона. Видеоролик был презентован журналистам на пресс-конференции по Закону КР «Об основах административной деятельности и административных процедурах» и транслировался национальными телерадиокомпаниями на своих каналах.

Несмотря на проведенную огромную и широкомасштабную работу по имплементации Закона, к сожалению, Закон не в полной мере заработал и не все государственные органы используют его в своей работе. Это показал

выборочный анализ административных актов некоторых административных органов, произведенный программой GIZ. Анализ проводился по одному лишь критерию, установленного Законом – обязательное наличие в административном акте положения о сроках и порядке его обжалования. За 1 почти год действия Закона ни один административный акт (из 100 актов) от 5-6 выбранных государственных органов не содержал такого положения. Ситуация лишь изменилась лишь с мая 2017 года, один государственный орган (Министерство юстиции) привел в соответствие с Законом все свои административные акты.

Суды и судебная практика более активно использует Закон в своей работе и в основном широкое применение получили нормы об обязательном досудебном обжаловании. В первые месяцы после введения в действие Закона был большой процент оставления без рассмотрения и возращения исков граждан, которые не соблюдали обязательную досудебную процедуру обжалования. Это число постепенно уменьшилось и на сегодня очень мало граждан и организаций обращаются в суда, минуя досудебное обжалование. Тем не менее, растет качество судебных решений по отмене административных актов по другим критериям и требованиям Закона.

В целом можно констатировать, что имплементационные мероприятия, предпринятые Правительством Кыргызстана и поддержанные программой GIZ, получили эффект, хотя не в полной мере, но имеется тенденция к дальнейшему росту. Особая надежда возлагается на судебную практику, ведь именно через судебный контроль возможно эффективно реализовать на практике положения Закона об адм.процедурах, хотя бы в долгосрочной перспективе.



**Носиров Дилшод Қурбоналиевич,**
*муовини сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба сохтори давлатӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# КОРРУПСИЯ: ХАВФҲО ВА ОМИЛҲОИ БАВУҶУДОВАРАНДАИ ОН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *коррупсия, хавф, муқовимат, бартараф намудани коррупсия, омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, қонунгузорӣ.*

***Ключевые слова:*** *коррупция, угроза, противодействие, противодействие коррупции, причины приводящие к коррупции, законодательство.*

***Keywords:*** *corruption, threat, counteraction, anti-corruption, causes of corruption, legislation.*

Коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад [1, мод.1].

Коррупсия яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир ба ҳисоб рафта, он садди роҳи рушду инкишофи давлатҳо мегардад. Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳониро зарур омад, ки алайҳи ин зуҳуроти номатлуб чораҳои мушаххаси қонунӣ андешанд. Барои пешгирӣ аз ҳама ҷинояту ҷинояткорӣ ва мубориза ба коррупсия аз 31 октябри соли 2003 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия қабул шуда, санаи 9 декабри соли 2003 дар конфронси сиёсӣ зиёда аз 100 давлати дунё ба Конвенсияи мазкур имзои худро гузоштанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар қатори дигар давлатҳо аз 25 сентябри соли 2006 ба Конвенсияи мазкур имзо гузошта, он ба низоми ҳуқуқии кишвар ворид карда шуд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри ба танзим даровардани муносибатҳои мазкур аз 10 декабри соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, моддаи 314) қабул гардида, баъдан қонуни мазкур бо ҳамин ном дар таҳрири нав аз 25 июли соли 2005, №100 қабул карда шуд, ки дебочаи он ҳадафи онро чунин муқаррар менамояд, ки Қонуни мазкур ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, поктинатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардида, асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро муқаррар карда, навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия

алоқаманд ва чораҳои ҷавобгариро барои онҳо муайян менамояд [1, дебоча].

Санади дигари батанзимдароварандаи муносибатҳои зиддикоррупсионӣ, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012, №925, мебошад, ки қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади дар онҳо ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани ин омилҳо ва дар маҷмӯъ низоми пешгирии коррупсияро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа танзим менамояд [2, дебоча].

Бояд қайд кард ки бо мақсади мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, бартараф намудани такроркунии функсия ва ваколатҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, таъмини шаффофият ва такмили фаъолияти назоратӣ ҳанӯз 10 январи соли 2007 мақомоти махсуси алайҳи коррупсия муборизабаранда – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун мақоми мхсусгардонидшуда таъсис дода шуда, қонун дар бораи мақомоти мазкур аз 20 марти соли 2008, №374 «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ қабул карда шуд.

Ҳамчунин, бахри банақшагирии фаъолияти давлат дар самти муқовимат ба коррупсия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 бори аввал барномаи зиддикоррупсионии давлатии “Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012” ба тасвиб расида, баъди ба охир расидани муҳлати амали он, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, тахти №1504 “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” қабул гардид.

Пеш аз он ки дар бораи хавфҳои коррупсионӣ тасаввурот пайдо намоем, сараввал дар бораи маънои хавф ва омилҳои хавф бояд маълумот дошта бошем.

**Хавф** – эҳтимолияти он, ки ҳолати муайян метавонад ҷой дошта бошад ё амали муайян ба вуқӯъ пайвандад, ки вобаста ба омилҳои хавф метавонад гуногун бошад. Дар фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти ташкилоти давлатӣ, мақомти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, субъектони хоҷагидоре, ки на кам аз нисфи самояи оинномавии онҳоро ҳиссаи давлат ташкил медиҳад, ичунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои байналмилалии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда, ки мавриди таҳлил қарор дода мешаванд, мумкин аст ягон ҳолате ҷой дошта бошад ё шояд амале дар минбаъда ба вуҷуд ояд, ки натиҷаи он ба коррупсия оварда расонад. Мавҷудияти хавф танҳо дар асоси ҷамъоварии маълумот оид ба фаъолияти ин ва ё он мақомоту ташкилот, ки дар боло зикр карда шуданд, муайян карда мешавад. Хавфҳои бевосита ҷойдошта ва ё дар минбаъда эҳтимолан падидоянда вобаста ба омилҳои бавуҷудоварандаи онҳо метавонанд гуногун бошанд [3, с. 5].

**Омилҳои хавф** – шароит ё ҳолати ҷузъӣ, ки ба дараҷаи хавф таъсир расонда, ба пайдошавии падидаи муайян ё зуҳури ягон амал ё имконияти гирифтани ягон бартарият ба ҳар шакл мусоидат менамояд. Яъне, омил ин сабаб ва асосҳои ҷузъие мебошад, ки ба пайдоиш ва инкишофу бартарӣ доштани хавф дар ҳар шакле, ки набошад, мусоидат мекунад. Масалан, мавҷудияти ягон меъёр дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида ва ё ба барномаҳои давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия мухолифат дорад, омиле ба шумор равад, ки ба пайдоиш ва инкишофу бартарӣ гирифтани хавфи коррупсия мусоидат кунад. Бинобар мавҷудияти ин омил дар фаъолият хавфи пайдоиши

коррупсия эҳтимол дорад ва метавонад, ки дар оқибат амали муайяни коррупсионӣ ба вуқуъ пайвандад [3, с. 5].

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсияро муқаррар намудааст, ки меъёр дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба барномаҳо ва ё стратегияҳои давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия мухолифат дошта, барои зуҳуроти коррупсия, аз ҷумла бархурди манфиатҳо, вайрон намудани одоби касбӣ ва риоя накардани принсипи шаффофият шароит фароҳам оварда, ба мақомоти давлатии ҳуқуқтатбиққунанда ва шахсони мансабдори онҳо берун аз қоидаҳои умумӣ ваколатҳои беасоси фармонфармоӣ ва ихтиёрдорӣ дода, имконияти татбиқи беасоси истисноҳо аз қоидаҳои умумии муқарраршуда, ҳамчунин хавфи пайдоиши ҳолатҳоеро ба вуҷуд меорад, ки заминаи пешниҳод намудани талаботи номуайян, иҷрояш мушкил ва монеаҳои сохтаро барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ эҷод мекунад [2, мод. 5].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» як қатор омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсияро, ки ба ҳуқуқтатбиққунанда ваколатҳои беасос васеи фармонфармоӣ, ихтиёрдорӣ ё имконияти татбиқи беасоси истисноҳо аз қоидаҳои умумиро муқаррар менамоянд, пешбинӣ намудааст, ба монанди:

- васеъ будани доираи ваколатҳои додашуда яъне, мавҷуд набудан ё номуайянии муҳлатҳо, шартҳо ё асосҳои қабули қарор, такрор шудани ваколатҳо дар байни мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо);

- муайян кардани салоҳият аз рӯи қоидаи «ҳуқуқ доштан» яъне, пешбинӣ намудани имконияти бо салоҳдиди мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) содир намудани амалҳо нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- интихобан тағйир додани доираи ҳуқуқҳо, яъне, имконияти бо салоҳдиди мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) беасос муқаррар намудани истисноҳо аз қоидаҳои умумӣ барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- озодии аз ҳад зиёди меъёрэҷодкунии санадҳои зерқонунӣ яъне, мавҷудияти меъёрҳои ҳаволакунанда ва умумӣ, ки заминаи аз худ кардани салоҳияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро (шахсони мансабдори онҳоро) ба вуҷуд меорад;

- қабули санади меъёрии ҳуқуқии берун аз доираи салоҳият яъне, аз доираи салоҳияти худ баромадани мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) дар мавриди қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- ихтилофҳои меъёрӣ яъне, пурра ё қисман мухолиф будани санади меъёрии ҳуқуқӣ ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ барои озодона интихоб намудани санаде, ки дар ҳолати мушаххас бояд татбиқ карда шавад, имконият ба вуҷуд меорад;

- мукаммалгардонии норасоиҳо дар қонунгузорӣ тавассути санадҳои зерқонунӣ бидуни ба таври қонунгузорӣ ваколатдор шудан, яъне, муқаррар намудани қоидаҳои умумиҳатмии рафтор дар санади зерқонунӣ дар мавриди набудани санади қонунгузорӣ;

- мавҷуд набудан ё нопуррагии расмиёти маъмурӣ яъне, мавҷуд набудани тартиби амалисозии ҳаракатҳои муайян ё ҷузъиёти онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо);

- даст кашидан аз расмиёти баргузории озмунҳо (музоядаҳо) яъне, муайян намудани тартиби маъмурии пешниҳоди ҳуқуқҳо ва (ё) неъматҳои моддию ғайримоддӣ;

- мавҷудияти талаботи барзиёд нисбат ба шахсе, ки ҳуқуқҳои худро амалӣ мекунад яъне, муқаррар намудани талаботи

номуайян, иҷрояшон мушкил ва заҳматталаб барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- меъёрҳои имконияти сӯъистифода намудани ҳуқуқ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахсони мансабдори онҳо бавуҷудоваранда яъне, мавҷуд набудани тартиботи аниқи амалисозии ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- номуайянии ҳуқуқию лингвистӣ (забонӣ) яъне, истифодаи гуруҳи истилоҳҳои беасоси хусусияти муайянкунидошта ва ибораҳои бисёрмаънӣ, ки бе тафсири мафҳумҳои мушаххас қобили қабул ва истифодабарӣ нестанд [2, мод. 5].

Инчунин, қонунгузорӣ пешбинӣ менамояд, ки дар мавридҳои мавҷуд будани асосҳои кофӣ, номгӯи омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, мумкин аст бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо, тағйир дода шавад.

Бояд қайд кард, ки барои ба вуҷуд наомадани хавфҳои коррупсионӣ ва омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ҳангоми қабул намудан ё гузаронидани экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаҳои онҳо, бояд ба масъалаҳои зерин диққати махсус зоҳир кард:

- бо кадом мақсад санади мазкур таҳия шудааст ва ё дар ҷараёни таҳия қарор дорад ва кадом омилҳо барои таҳияи санади мазкур таъсир расонидаанд;

- муайян намудани доираи ашхосе, ки санад барои онҳо ирсол гардидааст;

- дар қоидаҳои танзими муносибатҳои иҷтимоӣ чӣ тағйирот ба амал меоянд;

- ба кадом қонунҳо ва санадҳои зерқонунии меъёрӣ зарурати ислоҳот ба миён меояд ва бекоршавии амали кадоме аз санадҳо зарур аст;

- оё холигии танзими ҳуқуқӣ дар доираи дахлдор (ё баръакс, муносибатҳои иҷтимоӣ аз ҳад зиёд танзим гардидаанд) мавҷуданд;

- оё асосҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ (меъёрҳои байналмилалӣ) ва танзими ҳуқукии мавҷуда дар иртибот бо муносибатҳои иҷтимоии бавуҷудояндаи доираи танзимшаванда риоя гардидаанд [5].

Бо дарназардошти меъёрҳои дар боло овардашуда, бояд гуфт, ки ба роҳ мондани пешгирии коррупсия, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати бартараф кардани омилҳои бавуҷудоварандаи он ягона роҳ, ин муқовимати дастаҷамъона мебошад.

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 22 декабри соли 2016 ироа гардид, қайд намуданд, ки «Фаромӯш набояд кард, ки мубориза ба муқобили коррупсия фақат вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин мубориза тамоми аҳли ҷомеа, ҳар як шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд бетараф набошад» [4].

Аз ин хотир, тавре дар боло зикр гардид, барои ташаккул ва рушди иқтисоди миллӣ, инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум, зарур аст, ки ҳама мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва тамоми ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бартарафсозӣ ва решакан намудани коррупсия дар Тоҷикистон муборизаи ҷиддиро ба роҳ монанд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005, №100 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; с. 2011, №12, мод. 837; с. 2014, №3, мод. 148; Қонунҳои ҶТ аз 24.02.2017 с., №1385; аз 24.02.2017 с., №1386; аз 30.05.2017 с., №1440).

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 28 декабри соли 2012, №925 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №12, қ. 1, мод. 1019; ҚҶТ аз 24.02.2017 с., №1393).

3. Дастури методӣ оид ба гузаронидани таҳлили хавфҳои коррупсионӣ. Душанбе – 2018. – С. 39.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016, шаҳри Душанбе. [Манбаи электронӣ] http://president.tj/node/16771 (Санаи муроҷиат 15.05.2018)

5. Примаков Д.Я., Сайфиддинов А.А. Методология оид ба гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ. Бюрои (Дафтари) САҲА дар Тоҷикистон. Душанбе, 2014.

**Аннотатсия**

**Коррупсия: хавфҳо ва омилҳои бавуҷудоварандаи он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола хавфҳо ва омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва нишон дода шудааст. Барои ба вуҷуд наомадани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар қонунгузорӣ, тавсияҳо ҳангоми қабули лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пешбинӣ гардидаанд. Роҳҳои муқовимат ба коррупсия ва решакан кардани он ба таври дахлдор дарҷ гардидааст.

**Аннотация**

**Коррупция: угрозы и причины приводящие к ней по законодательству Республики Таджикистан**

В данной статье проведен анализ действующих аспектов коррупции по законодательству Республики Таджикистан. Для предотвращения коррупционных факторов в законодательстве предусмотрены рекомендации в период разработки и принятия нормативных правовых актов, а также пути противодействия и полного искоренения коррупции.

**Annotation**

**Corruption: threats and causes leading to it under the legislation of the Republic of Tajikistan**

This article analyzes the currents of corruption under the legislation of the Republic of Tajikistan. To prevent corruption, the legislation provides for the development and adoption of normative legal acts as well as ways of counteraction and full eradication of corruption.



**Ҳамидзод Манучеҳр Бобоҷон,**
*мутахассиси пешбари шуъбаи иттилооти ҳуқуқӣ ва мураттабсозии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# БАЪЗЕ АЗ ҶАНБАҲОИ ҲУҚУҚ ВА ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия; ҳуқуқ; қонун; ҳуқуқи инсон; озодӣ; Истиқлолият; давлат; адолат; кодекс; Маҷлиси Олӣ; Ҳукумат; ҷумҳурии президентӣ; авф.*

***Ключевые слова:*** *Конституция; право; закон; права человека; свобода; Независимость; государство; справедливость; кодекс; Маджлиси Оли; Правительство; президентская республика; амнистия.*

***Keywords:*** *Constitution; right; law; human rights; freedom; Independence; state; justice; code; Majlisi Oli; Government; presidential republic; amnesty.*

Дар ҳама давру замон ва дар ҳар давлате, ки қонун ва риояи ҳуқуқи инсону шаҳрванд ҳукмрон бошад, пешрафту тараққиёт ва умри безаволи давлату миллат кафолат дода шудааст. Аз ин ҷост, ки баъд аз соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои ҳуқуқӣ ва қонунгузории мамлакат як қатор дигаргуниҳои назаррас ва барои аҳли ҷомеа бисёр муҳиму зарурӣ ба вуҷуд омаданд.

Боиси қайд аст, ки дар низоми мақомоти давлатӣ мавқеи хосаро мақомоти қонунгузорӣ – Маҷлиси Олӣ ё худ Парламенти Тоҷикистон ишғол менамояд. Зеро, он ба сифати яке аз шаклҳои таҷассуми соҳибихтиёрии халқ ба шумор меравад. Бо роҳи фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ халқ метавонад иродаи худро баён сохта, ба воситаи вакилони худ дар идоракунии давлатӣ иштирок дошта бошад. Дар баробари ин, мақомоти қонунгузор низ метавонад аз номи халқ баромад намояд.

Дар даврони 26 соли соҳибистиқлолии Тоҷикистон муҳимтарин дастоварди пурарзиш ва сарнавиштсози миллат дар соҳаи ҳуқуқ ва қонунгузорӣ, пеш аз ҳама 6 ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Конститутсия аслан қонуни асосии давлат фаҳмида мешавад, ки тамоми ҷанбаҳои давлатӣ, муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар, ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва падидаҳои асосии давлатдориро танзим менамояд ва ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ хислати таъсисӣ дошта, ҳамаи муносибатҳоро қонунӣ мегардонад.

Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 10 боб ва 100 модда иборат аст, дар ҳақиқат тавонист баҳри муътадил намудани вазъи сиёсии кишвар, барқарор намудани сулҳ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, адолат, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои шаҳрвандон ва ниҳоят барои сохтани давлати нави миллии тоҷикон заминаи мусоидат фароҳам гузорад. Конститутсияи мазкур Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона ба ҳамагон муаррифӣ намуд, ки он чун давлати мустақил аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон шинохта гардид.

Яке аз хусусиятҳои дигари Конститутсияи амалкунанда дар он аст, ки боби алоҳида ва калонтарини он, ки 34

моддаро дарбар мегирад, маҳз ба ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсону шаҳрванд бахшида шудааст. Дар ин боб ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳрвандон муқаррар шуда, риояи ҳатмӣ ва бечунучарои онро давлат кафолат додааст.

Тибқи қисми 2-и моддаи 12 "Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат медиҳад.[1]" Яъне, аз ин меъёр бармеояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти хусусиро низ эътироф кард ва чи тавре медонем, ин дар даврони шӯравӣ ҷиноят ҳисобида мешуд. Хушбахтона, самараи неки онро имрӯзҳо давлату миллати Тоҷикистон эҳсос намуда истодааст.

Инчунин, Конститутсияи мазкур ҳамаро дар назди қонун ва суд баробарҳуқуқ эълон дошт. Мувофиқи моддаи 17 Конститутсия ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробар-ҳуқуқанд»[1].

Дар даврони Истиқлолият, баъди қабули Конститутсия дар соли 1994 Суди конститутсионӣ низ таъсис ёфт, ки вазифаи асосии он назорат аз болои риояи дақиқи Конститутсия ва меъёрҳои он мебошад.

Дар ин давра, рӯйдоди муҳими дигар ҳангоми дар моҳи сентябри соли 1999 ба Конститутсия ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳисоб меравад. Чунки тибқи он Парлумони кишвар, яъне Маҷлиси Олӣ, ба 2 палата (Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон) ҷудо карда шуда, парлумони касбии доимоамалкунанда дар ҷумҳурӣ таъсис дода шуд.

Боиси зикр аст, ки Конститутсияи мазкур тавонист дар муддати кӯтоҳ нақши боризу басо арзандае дар арсаи давлати навбунёди тоҷикон гузорад.

Дар 26 соли даврони Истиқлолият дар заминаи Конститутсияи ҷумҳурӣ тамоми қонунгузорӣ таҷдиди назар карда шуда, дар асоси ин санади олӣ қариб ҳамаи қонунҳои ҷумҳурӣ, новобаста аз самту муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро танзимкунанда дар таҳрири нав қабул гардиданд, аз ҷумла, 17 қонунҳои конститутсионӣ, 20 санадҳои кодификатсионӣ ва зиёда аз 300 қонунҳои ҷории дигар соҳаҳову муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро танзимкунанда қабул шуда, дар фазои ҳуқуқӣ - қонунгузории кишвар як зумра муносибатҳои нави ҷамъиятиро ба танзим медароранд[6].

Дар ин давра, яке аз дигар қонунҳои бисёр ҳам муҳим Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо" аз соли 2005 бо мақсаду вазифа ва хусусиятҳояш фарққунанда аст, чунки он маҳз бо мақсади аз байн бурдани нақзи ҳуқуқи занон, баробарҳуқуқии мардону занон ва дастрасии баробар доштани мардону занон ба тамоми шароитҳо, аз ҷумла ба таҳсил, кору фаъолият дар тамоми мақомот, ба хизмати давлатӣ, масоили оилавӣ ва ғайра қабул гардида, дар ҷомеаи имрӯзаи мо барои имкониятҳои баробар фароҳам овардан ба мардону занон дар ҷанбаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ заминаҳои мусоид ба ҷо овард.

Мувофиқи моддаи 3 Қонуни мазкур "Поймол кардани ҳуқуқи мардону занон манъ аст"[2].

Бо тақозои замон ва бо мақсади рушди ҷомеа, ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ ва эҳтиром ба суннатҳои мардумӣ, бахри баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони кишвар соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шуд, ки он ба паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ замина гузошта, барои аз байн бурдани як қатор расму одатҳои ба фарҳангамон бегона боис гардид.

Рӯйдоди дигари муҳим дар қонунгузории кишвар, ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" аз соли 2011 мебошад, ки бо мақсади пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ,

умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад[4]. Мутаассифона, имрӯзҳо сатҳу сифати таълиму тарбияи баъзе аз наврасону ҷавонони мо нигароникунанда аст, бинобар ин қонуни мазкур маҳз ба хотири рафъи чунин камбудиҳо қабул гардидааст.

Яке аз дигар қонунҳои муҳиму зарурии ҷумҳурӣ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки соли 1998 дар таҳрири нав қабул гардид ва аз Кодекси ҷиноятии пештара (таҳрири 1961 сол) фарқи калон дорад. Вазифаҳои асосии ин Кодекс аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ ва муҳимтар аз ҳама, пешгирии ҷиноятҳо иборат аст.

Ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноӣ будани онро танҳо ҳамин Кодекс муайян менамояд[3].

Тибқи моддаи 9 Кодекси ҷиноятӣ "Ба шахси ҷиноят содирнамуда бояд ҷазое таъин гардад ё чунин чораи дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ раво дида шавад, ки барои ислоҳи ӯ ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав зарур ва кофӣ бошад. Ҷазо ё чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда истифода мешавад, мақсади озори ҷисмонӣ, таҳқири шаъну эътибори инсонро надорад"[3]. Яъне, хусусияти асосии Кодекси ҷиноятии мазкур дар асоси принсипи инсондӯстӣ асос ёфтани он мебошад ва бештари ҷазоҳо сабуктар пешбинӣ карда шуда, танҳо барои ислоҳи шахси ҷиноят содирнамуда равона карда шудаанд ва ягон хел мақсади таҳқиру паст задани шаъну эътибор, ё аз ҷамъият дур сохтани шахсро надоранд.

Мавриди зикр аст, ки бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл" аз 30 апрели соли 2004 татбиқ намудани ҷазои қатл дар қаламрави ҷумҳурӣ вобаста ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 104, 138, 179, 398 ва 399 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда боздошта шуд ва аз ҳамон вақт инҷониб ҷазои қатл бо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда мешавад. Ин тадбир низ аз ҷомеаи инсондӯсту адолатпарвари тоҷикон дарак медиҳад ва бояд бигӯем, ки ин мораторий ҳам маҳз дар даврони соҳибистиқлолии кишвар эълон гардидааст.

Боиси қайд аст, ки то ба имрӯз ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ якчанд маротиба тағйиру иловаҳои нав ворид гардида, ҳатто баъзе аз меъёрҳои онҳо хориҷ карда шуданд. Масалан, аз Кодекси ҷиноятӣ якчанд моддаҳо (мм 135-136) декриминализатсия шуда, баръакс боз бо мақсади таъмини амнияти давлатӣ ва бехатарии шаҳрвандон якчанд кирдорҳои дигари ба ҷамъият хавфнок дар моддаҳои алоҳида (мм $307^1$-$307^4$) криминализатсия гардиданд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ аз дигар рӯйдодҳои бисёр муҳиме, ки инсондӯстиву ҷомеаи адолатпарвар ва бахшанда будани давлати миллии моро исбот мекунад, ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" мебошад. Дар тӯли 26 соли Истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Президенти кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 18 маротиба, аз ҷумла солҳои 1994, 1996, 1997, 1998, 1999, 2001, 2002 (авфи маблағҳои шаҳрвандон), 2006, 2007, 2009, 2011, 2014 ва соли 2016 Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" қабул гардиданд, ки дар асоси онҳо ашхосе, ки ҷиноят содир намудаанд, бо мақсади тарбия ва ислоҳи онҳо дар руҳияи неки инсондӯстӣ аз ҷавобгарӣ ва ҷазои ҷиноятӣ озод карда шуданд.

Дар арафаи таҷлили 25–солагии Иди Истиқлолияти миллӣ бошад, бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат боз ҳам Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" қабул гардид, ки он гуноҳи 12 000 нафари дигарро бахшида, онҳоро аз ҷавобгарӣ ва ҷазои ҷиноятӣ озод намуд, то дар зиндагияшон боз ҳам саҳифаи тозае оғоз карда, дар канори наздикони худ бошанд.

Инчунин, дар ин давра Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки

муассисаи илмӣ-таҳқиқотӣ ва иттилоотию таҳлилӣ буда, ҳамеша қонунҳои ҷумҳуриро мавриди таҳлил ва бознигарӣ қарор медиҳад. Таъсис ёфтани Маркази миллии қонунгузориро метавон аз дастовардҳои дигаре дар соҳаи ҳуқуқ ва қонунгузории мамлакат арзёбӣ намуд. Чунки дар Маркази мазкур бо мақсади такмили қонунгузории ҷорӣ ҳангоми омода намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё додани хулоса ба онҳо, фикру ақида ва таклифу пешниҳоди шаҳрвандон низ ба назари эътибор гирифта мешаванд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар боз чандин дастовардҳои беназир, дигаргуниҳои назаррас ва ҳазорҳо пешравиҳои ҳаётан муҳимро дар самти ҳуқуқ ва қонунгузорӣ ёдовар шудан мумкин аст, ки дар рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёду демократӣ заминаҳои мусоид фароҳам гузоштанд. Бо боварӣ метавон гуфт, ки минбаъд низ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо Парлумони кишвар бо мақсади таъмини фазои аз ин ҳам беҳтари ҳуқуқӣ-қонунӣ ва баҳри рафъи дигар нуқсону камбудиҳои то ҳол ҷойдошта дар фазои ҳуқуқии мамлакат ва дигар бахшҳо ҳамеша тадбирҳои муассир андешида, давлати соҳибистиқлоли тоҷикон беш аз пеш рушд хоҳад кард.

Лозим ба таъкид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёд буда, волоияти ҳуқуқ ва қонун дар ҷои аввал меистад. Аз ин рӯ, эътироф, риоя, иҷро ва ҳифзи Конститутсия ва дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифа ва қарзи шаҳрвандии ҳар яки мост, чунки гуфтаанд: "Агар озод будан хоҳӣ, ғуломи қонун бош!".

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулшуда, бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.06.2003 ва 22.05.2016.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005, №3, мод. 129).

3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998, Манбаи электронӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadho view.php?showdetail-&sanadID-23 (санаи муроҷиат: 07.04.2018 сол).

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 616; Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., №1294).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №6, мод. 428; с. 2008, №6, мод. 448; с. 2010, №7, мод. 568; Қонунҳои ҶТ аз 30.05.2017 с., №1428; аз 28.08.2017 с., №1461).

6. Манбаи электронӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadholist.php (санаи муроҷиат: 07.04.2018).

**Аннотатсия**

**Баъзе аз ҷанбаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур баъзе аз ҷанбаҳои ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони 26 соли Истиқлолият мавриди таҳлил қарор дода шуда, нақши Конститутсия дар эъмори давлатдорӣ хеле назаррас арзёбӣ гардидааст. Инчунин, доир ба қонунҳо ва дастовардҳои ҳуқуқие, ки бахри рушди ҷомеа ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон замина гузоштаанд, ишора карда шудааст.

**Аннотация**

**Некоторые аспекты права и законодательства в период Независимости Таджикистана**

В данной статье проанализированы некоторые аспекты права и законодательства Республики Таджикистан в течение 26-летнего периода Независимости, и высоко оценивается роль Конституции в построении государственности. Также указывается на законы и юридические достижения, которые способтвовали в области развития общества и повышения уровня юридического знания граждан.

**Annotation**

**Some aspects of law and legislation in the period of Independence of Tajikistan**

This article analyzes the some aspects of law and legislation of the Republic of Tajikistan during the 26-year period of Independence, and is highly appreciated the role of the Constitution in the structure of statehood. It also indicates the laws and legal achievements, which have contributed to the development of society and the improvement of the level of legal knowledge of citizens.



**Зоҳидова Дилором Абдураҳимовна,**
*мутахассиси пешбари шуъбаи қонунгузорӣ оид ба молия, андозу гумрук ва фаъолияти бонкии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# КОНСТИТУТСИЯ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия; молия; молияи давлатӣ; қонунгузории молиявӣ.*
***Ключевые слова:*** *Конституция; финансы; государственные финансы; финансовое законодательство.*
***Keywords:*** *Constitution; finances; public finances; finance legislation.*

Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз қадамҳои аввалин дар бунёди давлатдории навин, ин 6-уми ноябри соли 1994 қабул гардидани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки дар он аксарияти мардуми Тоҷикистон бо пешниҳоди фикру мулоҳизаҳояшон иштироки фаъолона намудаанд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона буда, шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, хуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат тағйирнопазиранд. Принсип ва меъёрҳое, ки дар Конститутсия ифода ёфтаанд, заминаи инкишофи низоми ҳуқуқи кишварро муайян намуда, волоияти онро нисбат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намуд. Қабули Конститутсия чун қонуни асосӣ ва ядрои низоми ҳуқуқии кишвар зарурияти таҳияи механизми таъмини ҳуқуқии нави идоракунии ҷомеа ва интихоби воситаҳои ҳуқуқии баамалбарории онро тақозо намуд[1, с. 12].

Бояд ёдовар шуд, ки Конститутсия ҳамчун қонуни асосии (олии) давлат муайянкунандаи асосҳои ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ, низоми мақомоти давлатӣ, муносибату ҳамкориҳои байниҳамдигарии онҳо мебошад.

Инкишофу пешрафти ҷомеа, хусусан давлатҳои рушдёбанда талаб менамояд, ки низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муносибату ҳамкориҳои мутақобилаи онҳо таҳким ёбанд, идоракунии давлатӣ боз ҳам муназзаму мукаммал ва самараноку пурмаҳсул гардад, то ин ки ҷомеа босуръат пеш рафта, сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ баланд гардад, сулҳу ваҳдат ва қонунияту тартиботи ҷамъиятӣ устувор ва мустаҳкам шавад.

Қабули Конститутсия боиси тағйироти ҷиддӣ дар низоми ҳуқуқэҷодкунӣ, хусусан қонунгузорӣ гардид, ки он дар азнавсозии арзишҳои муайяни ҷамъиятӣ ва ташаккули самтҳои ҳуқуқии давлат, ба миён омадани сарчашмаҳои нави қонунгузорӣ, мазмунан дигаргун намудани муқаррароти меъёрӣ, тағйир додани сохтори қонунгузорӣ ва дар маҷмӯъ ташаккули раванди ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Бояд қайд намуд, ки баъд аз гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар баробари масъалаҳои вобаста ба сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ яке аз масъалаҳои ҳуқуқӣ танзими муносибатҳои молиявӣ буд, ки заминаи ҳуқуқии он аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешрафт ва рушди қонунгузории молияи давлатӣ ва заминаи инкишофи минбаъдаи он нақши беандоза калон дорад. Қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи молияи давлатӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи молияи давлатӣ, дигар санадҳои меъёрӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмиллалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад. Барои батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои молиявӣ меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сохти ягона доштани Тоҷикистонро муқаррар намудаанд, (мод.1, 7), шаклҳо ва мазмуни ҳуқуқи моликиятро муайян менамоянд (мод.12, 32), ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (мод.64, 69, 70), Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро (мод.73, 74, 75) дар соҳаи фаъолияти молиявӣ муқаррар менамоянд, уҳдадорию ҳуқуқи шаҳрвандро дар соҳаи андозбандӣ муқаррар кардаанд (мод.45), аҳамияти муҳим ва асосӣ доранд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои гуногуни моликиятро ҳамчун асоси иқтисодиёти Тоҷикистон эълон ва кафолати давлатро ба фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқи хама шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ пешниҳод намуда, ба рушди минбаъдаи муносибатҳои молиявӣ заминаи мусоид фароҳам овард [2, с. 192-193].

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 10.) қисми таркибии низоми ҳуқуқи ҷумҳурӣ санадҳои ҳуқуқии байналмиллалие мебошанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмиллалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмиллалӣ амал мекунанд. Муқаррароти мазкури конститутсионӣ дар сарчашмаҳои ҳуқуқи молиявӣ низ инъикос гардида, имкон медиҳад, ки санадҳои ҳуқуқии байналмиллалиро ба сарчашмаҳои ҳуқуқи молиявӣ мансуб донист.

Қайд кардан зарур аст, ки барои таҳкими сиёсати молиявӣ ва иқтисодии мамлакат дар даврони 27–соли истиқлолият як қатор қонунҳои ҳаётан муҳим, аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3], «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4], «Дар бораи хазинадорӣ» [5], «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» [6], «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» [7], «Дар бораи қарзгирии давлатӣ ва қарзе, ки аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад» [8], «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» [9], «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ» [10], «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» [11], «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» [12] Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шудаанд. Умуман, дар маҷмӯъ дар самти сиёсати молиявӣ, андоз ва гумрук дар давраи истиқлолият як қатор қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, ки дар амал татбиқ намудани онҳо истиқлолияти низоми ягонаи миллии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки қабули ҳар як қонуни нав дар пешравӣ ва фаъолияти пурсамари мақомоти қонунгузорӣ мусоидат намуда, раванди инкишофи соҳаҳои дахлдори ҷомеаро таъмин менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои иқтисодии хешро дар арсаи байналмиллалӣ дар асоси меъёрҳои ҳамшарикӣ ва ҳамкориҳои мутақобилаи судманд татбиқ менамояд. Талошҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин раванд пайваста ба густариши ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва ҷомеаи ҷаҳонӣ равона гардидааст, ки ин дар давраи истиқлолияти давлатӣ эътибори Тоҷикистонро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таври бесобиқа баланд бардошт. Чунончи, дар суханронии худ ҳангоми мулоқот бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватаниву хориҷӣ қайд намуданд: «Бароришти муваффақонаи коғазҳои қиматноки давлатии кишвар ба бозори ҷаҳонӣ дастоварди навини кишвар ва самараи фаъолияти бисёрсолаи ҳукумати мамлакат доир ба ташаккули иқтисоди бозорӣ, ислоҳоти бахши давлатӣ, инчунин фароҳам овардани шароити мусоиди молиявию қарзӣ мебошад»[13, с. 2].

Дар замони истиқлолият қонунгузории молиявӣ, дар давраи фаъоли рушди худ қарор дорад, ки бо дигар шудани муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ алоқаманд мебошад. Табиист, ки муносибатҳои нави иқтисодии дар кишвар ба вуҷудомада дар назди қонунгузории молиявӣ, вазифаҳои нав гузоштанд. Яке аз воқеаҳои муҳимтарине, ки дар давраи истиқлолият ба вуқӯъ омада, омили асосии гузаронидани ислоҳот ва рушди қонунгузории соҳаи молиявӣ гардид, ин бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муомилот баровардани пули миллӣ-сомонӣ буд. Ин иқдом ба болоравии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт таъсири мусбӣ расонида, ҷиҳати раҳоӣ аз буҳрони иқтисодӣ ва беҳдошти вазъи молиявӣ, муътадил намудани вазъи ҷамъиятиву сиёсии кишвар мусоидат намуд. Таҷриба нишон медиҳад, ки бе давлат, бе таъсири танзимнамоии он ба иқтисодиёт, инкишофи муътадили муносибатҳои бозорӣ ғайриимкон мебошад. Аз тарафи дигар, истифодаи муносибатҳои молию пулӣ дар бунёди иқтисоди бозорӣ маънои дур шудани давлат аз идоракунии иқтисодиётро надорад. Кори дигар ин аст, ки давлат бояд дар иқтисоди бозорӣ функсияи тамоман дигарро нисбат ба оне ки пештар иҷро мекард, ба ҷо орад. Давлат иқтисодиётро то дараҷае ба асосҳои худидоракунӣ гузаронида, бо ҳамин ба субъектҳои хоҷагӣ мустақилият, озодӣ ва имконияти васеи зоҳир намудани ташаббусро муҳайё менамояд [14, с. 4].

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ манбаи асосие, ки метавонад ҳадафҳои стратегӣ ва иҷтимоии кишварро таъмин намояд, ин буҷети давлатӣ мебошад. Буҷети давлатӣ воситаи муҳими ба ҳаёт татбиқ намудани сиёсати иқтисодии давлат буда, мутамарказ намудани маблағҳоеро, ки барои татбиқи самтҳои асосии рушди иқтисодию иҷтимоӣ заруранд, таъмин менамояд. Аз як тараф дар бораи аҳамиятнокии буҷет дар ҳаёти давлат гуфта истода, онро ба назар бояд гирифт, ки ҳама гуна зуҳуроти номатлубро дар иқтисодиёт ба шарофати сиёсати буҷетии оқилона ваояндадор бартараф кардан мумкин аст. Аз тарафи дигар, хатогиҳо ё ислоҳоти аз ҷиҳати иқтисодӣ беасоси буҷет сабабҳои асосии буҳрони молиявӣ, таназзули истеҳсолот, ҷараёнҳои беқурбшавии пул шуда метавонад [15, с. 91-92].

Ҳамин тавр, буҷети давлатӣ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини амният ва мудофиаи давлат, татбиқи барномаҳои умумидавлатӣ ва минтақавии хусусияти иҷтимоию иқтисодидошта равона мегардад. Маҳз тавассути буҷет давлат имконият пайдо мекунад, ки захираҳои молиявиро ба самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сафарбар намуда, азнавтақсимкунии даромади миллиро байни соҳаҳо ва минтақаҳо анҷом диҳад.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикситон ба масъалаҳои беҳтар намудани таҳия ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ аҳамияти зиёд дода мешавад. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2009, №639 «Стратегияи ислоҳоти системаи молияи давлатӣ барои солҳои 2009-2015» тасдиқ шуда буд. Ҷиҳати иҷрои Стратегияи мазкур дар ҷумҳурӣ як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд. Аз ҷумла, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми баҳодиҳии хароҷоти буҷетро аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ, идоравӣ ва вазифавӣ амалӣ намуд, ки ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ буда, барои шаффофияти хароҷоти буҷет нигаронида шудааст. Ҳамчунин, Стратегияи кам кардани қарзи хориҷӣ ва татбиқи барномаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ татбиқ карда шуд, ки ин тадбирҳо қадамҳои аввалин ҷиҳати беҳтар намудани шаффофияти таҳия ва хароҷоти буҷет буданд.

Замони истиқлолият барои сиёсати молия ва андозу буҷет давраи оғози пешравиҳо ва тадбирҳои нави ислоҳоти молиявӣ ба шумор меравад. Ин аст, ки сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз бо истифода аз стандартҳои байналмиллалӣ рушди устувори соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаро таъмин менамояд. Инчунин, дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ дар мамлакат зимнан

қонунгузории соҳаи молия ва санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ марбут ба ин соҳа ба вуҷуд оварда шуд, ки барои беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар кишвар ба таври мунтазам ислоҳоти иқтисодӣ ва дигаргунсозиҳои институтсионалию сохторӣ гузаронида мешаванд. Стратегияҳои идоракунии молияи давлатӣ, рушди бозори коғазҳои қиматнок, идоракунии қарзи давлатӣ ва барномаҳо оид ба механизми нави маблағгузории соҳавӣ (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, кишоварзӣ, нақлиёт ва алоқа) дар сиёсати молиявӣ ислоҳоти ҷиддӣ ба роҳ монда шудааст. Таҳия ва иҷрои буҷет аз рӯи гурӯҳбандии нави буҷети даромад ва хароҷот амалӣ мегардад, ки он сохтори буҷетро аз руи меъёрҳои иқтисодӣ ва вазифавӣ муайян намуда, онро ба меъёрҳои байналмиллалӣ мутобиқ гардонида истодааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили рушди қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давраи истиқлолият қонунгузории молиявӣ дар давраи фаъоли рушди худ қарор дошта, барои зиёдшавии маблағҳои буҷети давлатӣ ва дар ин асос таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар заминаи устувор гузоштанд. Талаботи иқтисодиёти кишвар ва равандҳои ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳон сол то сол боз ҳам мукаммалтар намудани қонунгузориро тақозо менамоянд. Ин бошад, моро барои дар солҳои наздик ба сатҳи баландтари рушд расонидани қонунгузории молиявӣ водор менамояд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Раҳимзода М.З. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди қонунгузорӣ. «Қонунгузорӣ», №4(16), 2014 октябр-декабр. С. 12.
2. Азизов И.М. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилот. (Маводи конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 17 марти соли 2014. С. 192-193.
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №6, мод. 436; с. 2013, №3, мод. 189, №11, мод. 784; Қонуни ҶТ аз 14.05.2016 с., №1316.
4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2002, №11, мод. 681; соли 2007, №7, мод. 686; соли 2010, №1, мод.
5. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №6, мод. 454.
6. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №3, мод. 169; с. 2014, №3, мод. 149; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1400.
7. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 521; Қонуни ҶТ аз 26.07.2014 с., № 114.
8. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 999, №12, мод. 326.
9. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 456; с. 2014, №3, мод. 151; с. 2015, №11, мод. 976; с. 2016, №11, мод. 889.
10. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №7, мод. 563; Қонуни ҶТ аз 23.07.2016 с., №1354.
11. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 1-2, мод. 20.
12. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №6, мод. 402.
13. Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо соҳибкорон ва сармоягузорони ватаниву хориҷӣ. Маҷаллаи «Боҷу хироҷ», №44, аз 19 октябри соли 2017. С. 2.
14. Раҳимзода М.З. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият: инкишоф ва проблемаҳо. «Қонунгузорӣ», №3, 2011, июл-сентябр. С. 4.
15. Абдуллоев Ф.Р., Холхуҷаев З.И. Ҳуқуқи молиявӣ (маҷмӯаи таълимӣ-методӣ). Душанбе, 2014. С. 91-92.

**Аннотатсия**

**Конститутсия ва рушди қонунгузории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола сухан оид ба Конститутсия ва рушди қонунгузории молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Муаллиф қонунгузории молиявиро дар заминаи Конститутсия таҳлил намуда, рушди онро дар даврони истиқлолият нишон додааст.

**Аннотация**

**Конституция и развитие финансового законодательства Республики Таджикистан**

В статье речь идёт о Конституции и развитии финансового законодательства Республики Таджикистан. Автор анализирует финансовое законодательство на основе Конституции и показывает его развитие в период независимости.

**Annotation**

**Constitution and development of financial legislation of the Republic of Tajikistan**

The article deals with the development of financial legislation of the Republic of Tajikistan. Author analyzes the financial legislation on the basis of Constitution and shows its development in the period of independence.

**ГУНОГУН** **РАЗНОЕ**



**Ризоева Ситора Кишваровна,**
*номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# «ИҚТИСОДИ САБЗ» - САРЧАШМАИ ПАЁМ

**Калидвожаҳо:** *иқтисоди сабз; об; экология; саноати сабз.*
**Ключевые слова:** *зелёная экономика; вода; экология; зелёная промышленность.*
**Keywords:** *green economy; water; ecology; green industry.*

Дар Паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ рӯзи 22-юми декабри соли 2017 баён намуданд, ки «Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ яке аз кишварҳои татбиққунандаи «иқтисодиёти сабз» маҳсуб ёфта, аз лиҳози истифодаи манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия дар қатори шаш мамлакати пешсафи сайёра қарор дорад, зеро 98 фоизи барқ тавассути нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад» [1, с. 5]. Се сол пеш Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 7-уми СММ, ки дар таърихи 20-28-уми сентябри соли 2015 баргузор гардид, чунин иброз дошта буд: «Тоҷикистон аз рӯйи нишондиҳандаи партовҳои гази карбонат ба фазо дар байни кишварҳое, ки камтарин ҳаҷми партови газҳоро доранд, ҷои 135-умро соҳиб аст. Ин партовҳо ба сари аҳолӣ рақамеро ташкил медиҳанд, ки аз нишондиҳандаҳои миёнаи дунё ба маротиба камтар аст. Истифодаи васеи манбаҳои таҷдидшавандаи энергия, алалхусус гидроэнергетика, ба рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва ташаккули иқтисоди сабз мусоидат менамояд.» [5, с. 20].

Дар Осиёи Марказӣ, мисли дигар минтақаҳои ҷаҳонӣ, манбаи асосӣ ва зиёди истеҳсоли қувваи барқ ба стансияҳои гармдиҳии барқӣ (70%) рост меояд, ки ҳамасола миллионҳо тонна гази карбонатро ба муҳити атроф паҳн менамояд. Минтақаи мазкур дорои имкониятҳои бузурги манбаҳои обӣ мебошад ва дар шароити имрӯза танҳо 10%-и он истифода мешавад. Захираҳои барқи обии Ҷумҳурии Тоҷикистон солона зиёда аз 527 млрд. кВт. соатро ташкил медиҳад, ки талаботи ҳозираи кулли мамлакатҳои Осиёи Марказиро се маротиба зиёд қонеъ мегардонад.

Далелҳои дар боло овардашуда ва андешаю гуфтаҳои Президенти ҶТ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои асосии пайдоиш ва зарурияти васеи омӯзиш ва тадқиқи ҳамаҷонибаи «иқтисоди сабз»-ро пеш мегузорад. Муаммоҳои «иқтисоди сабз» ва омилҳои муайянкунандаи он дар илмҳои ҷомеашиносӣ баҳсҳои доманадор ва тулониро ба вуҷуд овардааст. Пайдоиши вожаҳои гуногун доир ба «иқтисоди сабз» далели равшани гуфтаҳои боло мебошанд.

Стратегияи рушди иқтисоди ҷаҳонӣ бо дарназардошти сармоягузорӣ дар бораи ҳифзи муҳити зист, ки дар конфронси байналмилалие, ки оид ба рушди босуботи иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист солҳои 1992 дар Бразилия ва 2002 дар маркази Африкаи Ҷанубӣ баргузор гардид, барои муаммои «иқтисоди сабз» асос гузоштааст. Сабаби чунин мавқеъ пайдо кардани муаммои «иқтисоди сабз» ин алоқамандии он бо ҳалли масъалаҳои зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ

ва фарҳангӣ мебошад. Бинобар ин бояд муайян карда шавад, ки оё дар мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои таъмини «иқтисоди сабз» вуҷуд доранд ё не. Тасдиқи ин андешаҳо нишондодҳо ва гуфтаҳою баромадҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар дохил ва берун аз кишвар гувоҳӣ медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омилҳо мавҷуданд ва танҳо тарзу усул ва роҳҳои ба ин мақсад расидан бояд дар шакли мушаххас дар Консепсияи миллии «иқтисоди сабз» ва Стратегияи амалигардонии он кор карда баромада, тасдиқ шуда, қувваи қонунӣ дошта бошад. Чунки раванди «иқтисоди сабз» дар натиҷаи таҳаввулоти хоҷагии ҷаҳонӣ дар асри XX-ум пеш омад, ки он ба инкишофи бузурги иқтисодии мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ алоқаманд мебошад. Ин тамоюли тараққиёт баширишавии ҳаёти хоҷагии ҷаҳониро пеш овард, ки он табодули тағйироти куллии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии асри XX ва аввали асри XXI мебошанд. Барои инъикоси кулли ин дигаргуниҳо, навовариҳо, муаммоҳо ва равандҳо мафҳумҳои «иқтисоди сабз», «муҳити зист ё экология», «саноати сабз» пеш омада, қабул шудаанд. Ин раванди фаъолият ба он оварда расонд, ки дар ҷараёни зиндагӣ ва хоҷагии ҷаҳонӣ муаммоҳое пеш омаданд, ки ба ин хоҷагӣ таъсири мусбӣ ё манфӣ мерасониданд ва солҳои 70-80-ум асри гузашта баррасии илмии онҳо оғоз гардид. Агар то ин муддат мушкили асосии башарият, ин аз байн бурдани ҷанги ҳастаӣ бошад, пас ҳоло дар радифи аввал олимон ва мутахассисон проблемаи экологӣ, «иқтисоди сабз», дигар гурӯҳи олимон проблемаи демографӣ, инчунин проблемаи қашоқӣ ва қафомондагӣ ва ғайраро мегузоранд.

Дар замони муосир ҷомеаи ҷаҳонӣ моҳияти «иқтисоди сабз»-ро ҳаргуна мефаҳманд. Яке онро соҳаи нави иқтисод меҳисобад, ки табиати кишварро беҳтар мегардонад. Дигарон бошанд, онро инъикоси технологияи нав, ҳамчун экосистема барои беҳтар намудан ва нафъ овардан ба вазъи табиат арзиш медиҳанд. Сеюмин бошад, онро гузариш ба марҳалаи нави тараққиёт, ки мақсадаш пеш овардани маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза аст, мефаҳманд [5, с. 48; 3].

Ҳамаи ин нишондодҳо оид ба муайян намудани фаҳмиши аҳамияти вожаи «иқтисоди сабз» бо ҳам наздик мебошанд. Иқтисодиёт барои нигоҳдорӣ, беҳбудии аъзоёни ҷомеа аз ҳисоби самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ, инчунин таъмини такрорнамоӣ ва расонидани маҳсулотҳо ба истфодабарандагонашон ва ба занҷири истеҳсолӣ равонашуда мебошад. Дар навбати аввал «иқтисоди сабз» барои истифодаи самараноки он захираҳое, ки дар шароити муосир ба нестӣ расидаанд (нафт, газ) ва самаранок истифода бурдани захираҳои алтернативии барқароршаванда (обӣ, офтобӣ, шамолӣ), нақлиёти бо қувваи барқ ҳаракаткунанда, сӯзишвории биологӣ ва монанди онҳо нигаронида шудааст. Ҳоло дар Тоҷикистон миқдори рӯзҳои офтобӣ дар давоми сол аз 260 то 300 рӯз мебошад. Васеъ истифода бурдани нерӯи Офтоб мувофиқи мақсади «иқтисоди сабз» мебошад. Шароити табиии Тоҷикистон барои истифодаи захираҳои «иқтисоди сабз», аз қабили гидроэнергетика, нерӯи Офтоб ва шамол хело мувофиқ мебошад. Раванди истифодаи энергияи барқароршаванда бо технологияи наву дастрас дар ҷаҳон бо суръати баланд афзоиш меёбад. Аз рӯи истеҳсоли батареяҳои офтобӣ Чин дар ҷаҳон пешсаф мебошад. Германия бошад, агар соли 2011 ба воситаи сарчашмаҳои барқароршаванда 20% барқ истеҳсол намуда бошад, нақша дорад, ки то соли 2050 онро ба 80% расонад [5, с. 37] Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста ба чорабиниҳое, ки оид ба сарфакорона истифода бурдани барқ, истифодаи технология ва таҷҳизотҳои каммасрафи барқӣ ҷорӣ шудаанд, аз рӯи самаранокии энергия дар ММД аз мамлакатҳои зиёди ҷаҳон нишондиҳандаи паст дорад. Дар ҳалли проблемаи энергетикӣ, аввалан баланд бардоштани самаранокии энергия ва сарфаи энергияро ба ҳисоб гирифтан лозим аст ва ин бо зудӣ эҳсос карда мешавад. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намудааст, ки «Дар баробари ин, истеъмолкунандагон ва тамоми сокинонро зарур аст, ки барои кам кардани талафоти нерӯи барқ ва истифодаи

сарфакоронаи он, аз ҷумла тавассути истифодаи васеи технологияҳои каммасраф кӯшиш намоянд. Дар ин сурат мо метавонем дар се соли оянда ба истиқлолияти энергетикӣ ноил гардем» [1, с. 6].

Инкишоф ва рушдиояндаи иқтисоди ҷаҳон аз энергияи барқароршаванда вобастагии зич дорад. Чунки энергия омили муҳими таъмин намудани рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», ҳифзи муҳити зист, пешгирии офатҳои табиии вобаста ба тағйирёбии иқлим ва коҳиши партовҳои гази карбонат мебошад. Аз рӯйи ҳисоби олимон 2%-и ММД-и ҷаҳон кифоя аст, ки «сабзгардонӣ»-и 10 сектори рушддиҳандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, кам кардани партови газҳои гармхонавӣ ва самаранок истифода намудани захираҳо ба амал бароварда шавад. Барномаи СММ оид ба муҳити зист дар моҳи марти соли 2009 маърӯзаи «Раванди нави глобалии сабз»-ро тайёр намуда, дар он зарурияти сармоягузориро вобаста ба пешгирии муаммоҳои экологии ҷаҳонӣ пешниҳод намуд. Дар барнома қайд шудааст, ки сармоягузориҳо дар ҳаҷми 1% аз ММД-и ҷаҳонӣ 750 млрд. долларро ташкил медиҳанд, ки дар ду соли оянда метавонад ба ташкил ва рушди инфрасохтори «иқтисоди сабз» дар сатҳи ҷаҳонӣ заминаи мустаҳкам гузорад [5, с. 19; 4].

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намудааст, ки: «Дар баробари бунёди иншооти нави тавлиди нерӯи барқи обӣ имрӯз зарурати таҷдиди нерӯгоҳҳои амалкунанда пеш омадааст, ки сармоягузории зиёдро тақозо менамояд» [1, с. 5]. Яъне, барои гузариш ба «иқтисоди сабз» Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки давраи тулонии бунёд, дигаргунсозӣ, таҷдиди неругоҳҳои пештар сохта шуда ва навро сармоягузорӣ намояд. Ин имконияти амалӣ гардонидани «иқтисоди сабз» на танҳо дар кишвар, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он мешавад. Барои ба ин ҳадаф расидан таҷдиди нерӯгоҳҳои обии «Норак», «Сарбанд», «Қайроқум» ва бунёди нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» зарур мебошад. Дар ин нерӯгоҳҳо амалан аз нисф зиёди фондҳои асосии онҳо аз нуқтаи назари ҷисмонӣ фарсуда шудаанд. Барои пешгирӣ ва бартараф намудани вазъияти баамаломадаи фарсудашавии ҷисмонӣ зарурияти сармоягузориҳои нисбатан калон барои ҷумҳурӣ пеш омада, амалӣ намудани онҳо иқтидори энергетикии кишварро баланд мебардорад. Тавре ки дар Паём омадааст: «Илова бар ин, ҳоло барои навсозии системаи энергетикии кишвар ва бунёди инфрасохтори зарурии содироти он татбиқи 7 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 8,1 миллиард сомонӣ идома дошта, дар маҷмӯъ, барои рушди соҳа беш аз 21 миллиард сомонӣ (яъне 2 миллиарду 400 миллион доллари америкоӣ) равона гардидааст» [1, с. 5]. Муҳтавои Паём ин аст, ки барои халалдор нагардидани муҳити зист дар минтақаи Осиёи Марказию Ҷанубӣ сохтмони хатти минтақавии интиқоли барқии аз ҷиҳати экологӣ тозаи CASA-1000 ба масофаи 252 километр ва ба маблағи 2,2 миллиард сомонӣ оғоз гардидааст, ки он шабакаҳои барқии Тоҷикистону Қирғизистонро бо дигар кишварҳои минтақа Афғонистон ва Покистон пайваст намуда, ба имкониятҳои васеи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ин давлатҳо оид ба содироти энергияи аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат мекунад [5, с. 98].

Президенти Ҷумҳурии Узбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар сафари давлатии худ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 9-10 марти соли 2018 дар суханронии худ қайд намуд, ки соли оянда дар мамлакаташон то 32% истифодаи қувваи барқи муқаррарӣ ба қувваи барқи обӣ «сабз» мегузаранд. Инчунин, шартнома бобати мубодилаи байниҳамдигарии нерӯи барқ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон ба имзо расида буд, ки мувофиқи ин шартнома шоми 2-юми апрел хатти интиқоли барқ аз зеристгоҳи Регар (Тоҷикистон) ба зеристгоҳи Гулча (Узбекистон) зери шиддат монда шуд ва бо ҳамин интиқоли барқ аз Тоҷикистон ба Узбекистон оғоз ёфт.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зиёда аз 15 сол аст, ки ибтикороти вобаста ба обро роҳандозӣ менамояд. Зарурият ва аҳамияти ин муаммо боз хусусиятҳои

умумибашрӣ касб мекунад. Ин аст ки 21 декабри соли 2016 Қатъномаи СММ якдилона қабул гардид. Пешниҳоди Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» эълон шуд, ки он аз 22 марти соли 2018 шурӯъ шуда, дар рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои об - 22 марти соли 2028 ба анҷом мерасад. Ин аст ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳалли муаммоҳои умумиҷаҳонии об, иқтисоди «сабз», ҳифзи муҳти атроф.

Бо нишондод ва андешаи мутахассисон, тараққиёти «иқтисоди сабз» имконияти мамлакатҳои зиёдеро аз бухронҳои экологӣ эмин нигоҳ медорад, чунки мамлакатҳои зиёди инкишофашон баъди саноатӣ ба чунин буҳрон рӯ ба рӯ шудаанд.

Ин тамоилҳоро ҷамъбаст намуда, бояд қайд намуд, ки тамоюли ҷаҳонишавии «иқтисоди сабз», ин афзоиши самараноки истифода ва тараққиёти васеи энергияи барқароршаванда (обӣ, офтобӣ, шамолӣ) дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, нақлиёти аз лиҳози экологи бехатар, таъмини талаботи одамон бо маҳсулоти бехатар ва сифатноки истеъмолӣ, об, сохтмонҳои нави саноатӣ ва зерсохтори иттилоотӣ мебошад. Имрӯз 40% инноватсияи ҷаҳонӣ ба «иқтисоди сабз» рост меояд, 50% ба нигоҳдории энергия ва самаранокии он равона шудааст [2].

Хулоса, як банди Паёми имсола ба «иқтисоди сабз» рушду нумӯи омили асосии инкишофи ҷомеа, бунёд ва таҷдиди нерӯгоҳои барқии обӣ, истеҳсоли энергияи аз ҷиҳати экологӣ «сабз», сохтмони даҳҳо корхонаҳои хурду бузург, бунёди ҳазорҳо ҷойҳои кории «сабз», истеҳсоли маҳсулотҳои «сабз» ва дар ин асос баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақа, паст шудани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар бахшида шудааст.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017, Минбари халқ, 27 декабри соли 2017, № 52. С. 5-6.
2. Анисимов С.П. «Зеленая экономика» и электроэнергетика. / Национальные проекты.-2013.-№6. С. 4-13.
3. «Зеленая» экономика [Манбаи электронӣ] // http://minpriroda.by/ (санаи муроҷиат: 10.04.2018).
4. Обзор «зеленой» экономики ЮНЕП, 2011 [Манбаи электронӣ] http://www.unep.org (санаи муроҷиат: 10.04.2018).
5. Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҷанбаҳои институтсионалии ташкили «иқтисодиёти сабз» дар ҶТ», Душанбе-2017. С. 19-20.



**Аннотатсия**

**«Иқтисоди сабз» - сарчашмаи Паём**

Дар мақола шартҳои пайдоиш ва рушди «иқтисоди сабз» баррасӣ карда мешавад. Муҳимият ва мазмуни «иқтисоди сабз» дар сатҳи байналмилалӣ ва бахусус миллӣ, кушода дода мешавад.

**Аннотация**

**«Зелёная экономика» - источник Послания**

В статье рассматриваются условия возникновения и развития «зелёной экономики». Раскрываются актуальность и значение «зелёной экономики» в международном плане и в частности, на национальном уровне.

**Annotation**

**«Green economy» - the source of the Message**

This article examines the conditions of formation and development of the «green economy». The meaning and actuality of the concept of «green economy» are considered both in international and especially, in national levels.



**Давлатов Азаматҷон Неъматуллоевич,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.*
***E-mail:*** *oriyon2017@list.ru*

# ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ ҲАМЧУН НИЗОМИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Вожаҳои калидӣ:*** *таҳсилоти фосилавӣ; шабакаҳои иттилоотию иртиботӣ; таҳсилоти салоҳиятнок; ҳуқуқҳои конститутсионӣ.*

***Ключевые слова****: дистанционное образование; информационные и коммуникационные сети; грамотное образование; конституционные права.*

***Keywords:*** *distance education; information and communication networks; competent education; constitutional rights.*

Низоми муосири таълим, ки хоси даврони истиқлолият мебошад, барои баланд бардоштани сифати таълим ва бедор кардани завқу ҳаваси хонандагон ба донишомӯзӣ мусоидат менамояд. Дар чунин шароит таҳсилоти фосилавӣ метавонад кумак расонад, зеро низоми таҳсилоти мазкур дар ҷаҳони муосир дар ҳоли рушд қарор дорад.

Дар ҳамин баробар рушди низоми таҳсилот яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Таҳсилоти фосилавӣ бошад, ҳамчун рукни қобили таваҷҷуҳи нақшаи стратегии ислоҳоти соҳаи маориф ва пешрафти он дониста мешавад.

Ҳанӯз аз миёнаҳои солҳои 70-уми асри гузашта дар бисёре аз мамлакатҳои Аврупо муассисаҳои таълимии шакли нав ба миён омаданд, ки онҳо донишгоҳҳои «кушода», «фосилавӣ» ё ин ки коллеҷҳои «электронӣ» ном гирифтаанд. Ба монанди, Донишгоҳи Кушоди Британия (The Open University), ки ҳануз аз солҳои 1969 фаъолияти худро оғоз намудааст. Донишгоҳ барои он «кушода» ном гирифтааст, ки имконияти гирифтани таҳсилот барои ҳама дастрас, арзон ва босуръат буда, барои хонанда лозим нест, ки доимо дар машғулиятҳои аудиторӣ иштирок намояд, балки танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ ҳузур дошта бошад.

Ба сифати донишгоҳҳои машҳури ҷаҳон, ки бо барномаҳои таҳсилоти фосилавӣ рӯи кор омадаанд, Донишгоҳи миллӣ-таҳсилоти фосилавии Испания (соли 1972), Донишгоҳи Кушоди Хаген дар Олмон (соли 1974), Донишгоҳи миллӣ-технологии ИМА (соли 1984) ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд [1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккулёбии шакли муосири таҳсилот, яъне таҳсилоти фосилавӣ, бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013 пешбинӣ мегардад [2]. Қабули қонунҳои мазкур яке аз қадамҳои аввалин дар инкишофи низоми таҳсилоти фосилавӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Инчунин, Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/35 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», мавҷуд аст, ки тадриҷан ба ташаккули таҳсилоти фосилавӣ таъсир мерасонад.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» [3] «таълими фосилавӣ- яке аз шаклҳои ба даст овардани касб, ки шахс берун аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, тавассути воситаҳои электронӣ ва телекоммуникатсионӣ таҳсилоти олии касбиро соҳиб мегардад», фаҳмида мешавад. Аз меъёри овардашуда бармеояд, ки таҳсилоти фосилавӣ барои гирифтани таҳсилоти олии касбӣ равона шудааст. Аммо дар асл бо дарназардошти таҷрибаи аксари кишварҳои муттарақӣ таҳсилоти фосилавӣ инчунин барои гирифтани таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ низ имкониятҳои васеъ дорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таҳсилоти фосилавиро ҳамчун тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгор ва таълимгирандагон имконпазир мегардонад, пешбинӣ менамояд.

Аз омӯзиш ва таҳлили адабиёти ҳуқуқии ватанию хориҷӣ бармеояд, ки олимон Муҳсинов М.А., Раҳимов Н.Т., Ҳазратқулова А.В., Хуторский А.В., Абрамовский А.Л., Поздняков В.А. ва дигарон вобаста ба мафҳуми “таҳсилоти фосилавӣ” фикрҳои гуногун доранд. Барои мисол олими намоёни рус А.В. Хуторский таҳти мафҳуми мазкур таҳсилотеро мефаҳмад, ки дар он новобаста аз масофа, тарафҳо ҷараёни таълимро ба воситаи хизматрасонии телекомуникатсионӣ соҳиб мегарданд [4].

М.А. Муҳсинов менависад, ки: «таҳсилоти фосилавӣ-чунин шакли омӯзишро ифода мекунад, ки дар он омӯзгор барномаи таълимиеро кор карда мебарояд, ки асосан ба омӯзиши мустақилонаи донишҷӯ такя мекунад. Чунин воситаи омӯзиш бар он асос ёфтааст, ки хонандагон асосан аз омӯзгорон ҷудо ва дар фазои дур аз ҳам қарор дошта, дар як вақт донишҷӯ ва муаллим имкони ба амал баровардани гуфтугӯи байниҳамдигарро тавассути воситаҳои телекамуникатсионӣ соҳибанд»[5].

Аз мафҳумҳои зикрнамуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки онҳо пурра мазмун ва моҳияти мафҳуми таҳсилоти фосилавиро дарбар намегиранд.

Бархе аз олимон, бо дарназардошти мақоми хосаи телекоммуникатсия дар ташкили таҳсилоти фосилавӣ онро ҳамчун “таҳсилоти телекомуникатсионӣ” ном мебаранд, ки баҳсбарангез аст [10, с. 34]. Ба назари мо, дар робита ба тафсири истилоҳии ин мафҳум «таҳсилоти фосилавӣ»-ро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамин тавр, “таҳсилоти фосилавӣ” ҳамчун «таҳсилоти фосилавӣ - тарзи амалигардонии раванди таълим бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию иртиботӣ, ки таълимро дар масофа бе иштироки бевоситаи шахсии омӯзгору таълимгирандагон ва ҳайати таълимию ёрирасон роҳандозӣ мешавад», фаҳмидан мумкин аст.

Аҳамияти таҳсилоти фосилавӣ дар низоми муосири таълим дар он аст, ки имконият дорад нисбати тамоми аҳолии минтақаҳое, ки дар онҳо шароит барои тайёрии касбӣ ва гирифтани маълумоти олии босифат мавҷуд набуда, донишгоҳҳо фаъолият надоранд ва ё муаллимон барои омодагии фанҳои ҷудогона намерасанд, ба таҳсил фаро гирифта шаванд[6].

Афзалиятҳои зинаи муосири низоми таҳсилоти фосилавӣ имконият медиҳад, ки барои:

- донишҷӯ новобаста аз мавқеи ҳудуди ё мавқеи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҷинс, миллат ва мансубияти динӣ;

- сарфа намудани вақт (донишҷӯ вақти худро мустақилона ба нақша мегирад, барои таҳсил ё дигар корҳо);

- кам кардани сарфаҳои зиёдатӣ (донишҷӯ чун ҳарвақта ҳар рӯз аз воситаҳои нақлиёт истифода намебарад ё дигар сарфаҳои иловагӣ);

- ташкили ҷараёни омӯзише, ки ба рушди қобилиятҳои фардии ҳар як донишҷӯ нигаронида шудааст ва ташаккули қобилиятҳои фардии онҳоро таъминкунанда;

- омӯзиши технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
- ба даст овардани малакаи омӯзиши мустақилонаи илму дониш;
- дастрасии васеъ ба маводи таълимӣ-методии электронӣ;
- мутобиқшавии ҷавонон ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ ва ҳаёти ҷомеа;
- таҳсилоти озод ва таъминкунандаи донишу иттилоот ба табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ, шароит фароҳам оварда шавад.

Таҳсилоти фосилавӣ ба донишҷӯ, мутахассиси соҳаи ҳарбӣ, муҳоҷирон, маъюбон, бекорон, занони ҳомила, маҳбусон дар тамоми навоҳии мамлакат ва хориҷ аз он ва дигар шаҳрвандон барои татбиқи амалии ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар шахс ба таҳсилот ва иттилоот имкони баробар медиҳад. Маҳз, ҳамин низом метавонад талаботи ҷомеаро ба эътибор гирифта, татбиқи амалии ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар як шаҳрвандро қатъӣ ва ба таври воқеӣ бо маълумот таъмин намояд.

Бо дарназардошти рушди илму маориф ва низоми таҳсилот дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ 30-юми августи соли 2017 ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, иброз доштаанд, ки: "Дар шароити имрӯза раванди таълиму тадрисро бе истифодаи васеи воситаҳои техникӣ ва технологияҳои муосир тасаввур кардан ғайриимкон аст. Имрӯзҳо вақти он расидааст, ки ба усули анъанавии таҳсили ғоибона хотима бахшида, таҳсилоти фосилавӣ ба роҳ монда шавад. Дар баробари ин, самаранок ба роҳ мондани таҳсилоти салоҳиятнок ва давра ба давра ҷорӣ намудани он дар ҳамаи зинаҳои таълим талаби замон мебошад."[7].

Таҳсилоти фосилавӣ зинаи нави рушди таҳсили ғоибона ва ҳам рӯзонаи таҳсил буда, дар он истифодаи технологияҳои иттилоотӣ таъмин шудааст. Ҳарчанд таҳсили фосилавӣ бо таҳсили ғоибона дар алоқамандӣ қарор дошта бошанд ҳам, аммо аз рӯи баъзе хусусиятҳояшон онҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Албатта, шаклҳои гуногуни таҳсил мебошанд, аммо онҳоро бисёриҳо аз якдигар фарқ намекунанд. Таҳсили фосилавиро чунин тавсиф додан мумкин аст, ки он доимо дар ҳолати интерактивӣ қарор дорад, бинобар ин зарур аст ки онро ҳамчун шакли нави таълим таҳлил намуд. Фарқияти он аз намуди ғоибонаи таҳсил дар он аст, ки қисми муҳими маводи таълимӣ на соҳибихтиёрона, балки дар муносибати пайваста бо омӯзгор (машварат бо воситаи почтаи электронӣ, skype, семинарҳо дар режими online ва offline) аз худ карда мешавад.

Таълими фосилавӣ ба монанди таълими рӯзона аз рӯи таркиб ва сохтори худ бо ҳамдигар дар алоқамандӣ қарор доранд, аммо фарқияташ дар расонидани маводи таълимӣ ва ҳамкории мутақобилаи донишҷӯён бо омӯзгор мебошад[8].

Ташкили раванди таълим дар шароити низоми таҳсилоти фосилавӣ ба истифодаи усулҳои муосири омода кардани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбӣ ва ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии меҳнат ҷавобгӯ будани онҳо мусоидат менамояд.

Илова бар ин таҳсилоти фосилавӣ ба мантиқи рушди низоми маориф ва ҷомеа ба таври мақсаднок мувофиқат мекунад.

Дар заминаи ҳамаи афзалиятҳои овардашуда, чунин мешуморем, ки низоми таҳсилоти фосилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур ва тақозои замон аст. Низоми мазкури муосири таълим метавонад барои коҳиши мушкилоти иҷтимоӣ, нобаробарӣ дар соҳаи омӯзиш мусоидат намояд. Зеро, таҳсилоти фосилавӣ усули беҳтаринест, ки барои мутобиқ намудани шароити иҷтимоикунонии касбӣ, гирифтани маълумоти босифат аз ҷониби намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Бо дарназардошти сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва принсипи баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар гирифтани таҳсилоти босифат пешниҳод мегардад, ки агар маҳбусоне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ адои ҷазо менамоянд, ба таҳсилоти фосилавӣ фаро гирифта шаванд,

ба мақсад мувофиқ мешуд. Зеро, қишри мазкур қишри осебпазири ҷомеа буда, барои баргардонидани онҳо ба ҳаёти муътадил, таъмини худмашғулияти онҳо доштани таҳсилот метавонад яке аз асосҳои таҳриккунандаи таъмини қонуният ва пешгирӣ аз ҷиноятҳои номатлуби такроршаванда гардад.

Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои муҳим дар самти навсозии низоми маориф татбиқ намудани технологияҳои муосир дар низоми таҳсилоти фосилавӣ ва тағйирдиҳии шакл ва методи ҷараёни таълим дар муассисаҳо мебошад. Ҳамаи ин дар навбати худ талаб мекунад, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста ба соҳа такмил дода шаванд.

Омӯзиш ва таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки барои пурра ва ҳаматарафа танзим намудани низоми таҳсилоти фосилавӣ дар соҳаи маориф бояд дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» меъёрҳои алоҳида оид ба танзими ҳуқуқии таҳсилоти фосилавӣ ворид карда шаванд.

Ҳамзамон, вақти он расидааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи танзими ҳуқуқии таҳсилоти фосилавӣ таваҷҷуҳ дода шуда, санади махсуси қонунгузорие қабул намудан лозим аст, ки ифодагари ҷараёнҳои муосири умумиҷаҳонии таҳсил бошад. Дар ин робита, таҳсилоти фосилавӣ бояд шарҳу тавзеҳи пурраи илмии ҳуқуқии худро пайдо намояд. Бинобар ин мувофиқи мақсад аст, ки оид ба танзими ҳуқуқии таҳсилоти фосилавӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти фосилавӣ» қабул карда шавад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Хусяинов Т.М. История развития и распространения дистанционного образования // Педагогика и просвещение. – 2014. – № 4. С. 30-41.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009, № 531 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки аз 22 июли соли 2013, №1004.
3. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/35 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
4. Хуторской А.В. Научно-практические предпосылки дистанционной педагогики // Открытое образование. – 2001. – № 2. С. 30-35.
5. Муҳсинов М.А. // Таҳсилоти фосилавӣ ва самаранокии он дар раванди омӯзиш. // Номаи донишгоҳ // №2 (51) 2017.
6. Раҳимов Н.Т. Дистанционное образование в Худжанде / Н.Т. Раҳимов // Образование: стратегия перемен / Материалы научно-практической конференции ТТУ-Душанбе, 2000. С. 85-86.
7. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ 30-юми августи соли 2017.
8. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2017, №7/35 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
9. Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145.
10. Журавлева О.Б. Дистанционное обучение: концепция, содержание, управление, // О.Б. Журавлева, Б.И. Крук. - Новосибирск: Изд-во Сиб.гос.ун-та телеком. и информатики, 2001.-128 с.
11. Федеральный Закон от 29 декабря 2012 г. №273-ФЗ «Об образовании в Российской Федерации» // Российская газета от 31 декабря 2012 г. №303.
12. Иванченко Д.А. Системный анализ дистанционного обучения : монография. – М.: Союз, 2005. – 192 с.

13.Малитиков Е.М. Актуальные проблемы развития дистанционного образования в Российской Федерации и странах СНГ / Е.М. Малитиков, М.П. Карпенко, В.П. Колмогоров // Право и образование. – 2000. – № 1 (2). С. 42-54.

14.Андреев А.А. Введение в дистанционное обучение: учебно-методическое пособие. – М.: ВУ, 1997.

15.Ахаян А.А. Виртуальный педагогический вуз. Теория становления. – СПб.: Корифей, 2001. 170 с.

16.Зайченко Т.П. Основы дистанционного обучения: теоретико-практический базис: учебное пособие. – СПб.: Изд-во РГПУ им. А.И. Герцена, 2004. 167 с.

17.Зайченко Т.П. Инвариантная организационно-дидактическая система дистанционного обучения : монография. – СПб.: Астерион, 2004. 188 с.

**Аннотатсия**

**Таҳсилоти фосилавӣ ҳамчун низоми муосири таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур оид ба мафҳуми “таҳсилоти фосилавӣ” ва самаранокии он дар низоми муосири таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки таҳсилоти фосилавӣ ба донишҷӯ, мутахассиси соҳаи ҳарбӣ, муҳоҷирон, маъюбон, бекорон, занони ҳомила, маҳбусон дар тамоми навоҳии мамлакат ва хориҷ аз он ва дигар шаҳрвандон барои татбиқи амалии ҳуқуқҳои конститутсионии ҳар шахс ба иттилоот имкони баробар медиҳад.

**Аннотация**

**Дистанционное образование как современная система образования в Республике Таджикистан**

Статья посвящена концепции дистанционного образования и ее эффективности в современной системе образования в Республике Таджикистан. Автор отмечает, что дистанционное обучение позволяет студентам, военным специалистам, мигрантам, инвалидам, безработным, беременным женщинам, заключенным во всей стране и за рубежом и другим гражданам применять конституционные права каждого человека на информацию.

**Annotation**

**Distance education as a modern system of education in the Republic of Tajikistan**

This article is about the concept of distance education and its effectiveness in the modern education system of the Republic of Tajikistan. The author note that distance education allows students, military specialists, migrants, people with disabilities, unemployed, pregnant women, prisoners in the entire country and abroad, and other citizens to apply the constitutional rights of each individual to the information.



**Нуров Ҳофиз Пирмаҳмадович,**
*сармутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии ММҚ*



**Ромиз Ҷабборӣ,**
*мутахассиси пешбари шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии ММҚ*



**Ёров Абдулваҳҳоб Абдулвоҳидович,**
*мутахассиси шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии ММҚ*



**Анушервони Исрофил,**
*сармутахассиси шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии ММҚ*

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ҲУҚУҚИИ ҚОНУНГУЗОРИИ СОҲАИ НАФАҚАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҚОНУНГУЗОРИИ НАФАҚАИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ

Яке аз омилҳои муҳими инкишофи ҷомеа рушди босуботи қонунгузории соҳаи нафақа ба ҳисоб меравад. Маҳз аз ҳамин хотир давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи мазкур ва рушди пайвастаи он таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, онро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати худ қарор додааст. Аз ин рӯ, сиёсати имрӯзаи давлат, ки нисбати соҳаи қонунгузории нафақа нигаронида шудааст, унсури асосии онро такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Бо мақсади танзими муносибатҳои соҳаи мазкур қабул намудани қонунҳои нав, ворид намудани тағйиру

иловаҳо ба қонунгузории соҳа зарур буда, бе гузаронидани ислоҳоти қонунгузории соҳа рушди муносибатҳои минбаъда мушкил ва ғайриимкон мегардад. Зеро, имрӯз дар баробари гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ва бавуҷудоии шаклҳои гуногуни моликият, тағйир ёфтани муносибат ба он моро водор менамояд, ки нисбати он боз ҳам ҷиддитар муносибат намоем.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки бо дастгирии пайвастаи давлату ҳукумат, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи нафақа корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки бо мурури замон ва пешрафти ҳайёти ҷомеа дар соҳаи мазкур қонунҳои нав қабул карда гардиданд, муносибатҳои нав ба вуҷуд омаданд, ки онҳо танзими худро талаб менамоянд. Вале, ҳанӯз ҳам дар қонунгузории соҳаи мазкур ҳолатҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки такмили онҳо фаъолияти пурсамар ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки тибқи банди 25 Нақшаи кории худ барои соли 2018 таҳлили қонунгузории соҳаи нафақаро дар қиёс бо қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ ба анҷом расонад. Бо ин мақсад кормандони шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоӣ ҷиҳати иҷрои банди 25 Нақшаи кории Марказ таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории соҳаи нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо қонунгузории соҳаи нафақаи давлатҳои Беларус, Қирғизистон, Қазоқистон, Россия ва Ӯзбекистон мавриди таҳлил қарор доданд.

Методологияи ҳуқуқӣ, ба монанди методҳои умумиилмӣ, дар таркиби худ воситаҳои сершумори дониш ва усулҳои таҳқиқоти илмӣ дорад. Аз ҳама усулҳои паҳншудае, ки дар таҳлили муқоисавӣ истифода мешаванд, инҳо усулҳои таҳлилӣ-ҳуқуқӣ, сохторӣ-функсионалӣ, низомӣ-сохторӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Дар таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ усулҳои дар боло зикргардидаро истифода бурда, сохтори баъзе аз қонунгузориҳои нафақаи амалкунандаи давлатҳои ИДМ-ро таҳқиқ менамоем ва ҳамчунин каме дар бахше аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истода мегузарем. Бояд қайд намуд, ки ҳатто як таҳлили муқоисавии оддии қонунгузории соҳаи нафақа дар давлатҳои ИДМ қабулшуда нишон медиҳад, ки онҳо байни худ шабоҳатҳои умумӣ доранд. Боиси шубҳа нест, ки бо дастовардҳои аён ва хеле муваффақ бисёр масъалаҳо дар фаъолияти қонунгузории давлатҳои ИДМ ҳалли худро ёфтаанд. Бинобар ин, таҷрибаҳои ҳамаҷонибаи қонунгузории давлатҳои ИДМ дар фаъолияти қонунэҷодкунии ҳам давлати мо ва ҳам дигар давлатҳои собиқшӯравӣ, аз он ҷумла, Беларус, Қирғизистон, Қазоқистон, Россия, ва Ӯзбекистон метавонад моҳият ва сифати қонунгузории нафақаи давлати моро мукаммал гардонад.

**Вазъи воқеӣ**

Моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистонро ҳамчун давлатӣ иҷтимоӣ муайян намуда, ба ҳар як шаҳрванд шароити хуби зиндагӣ ва инкишофи озодонаро таъмин менаоядд. Таъминоти нафақа яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб ёфта, аз муқарраротй моддаи 39 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад ва мақсади асосии он таъмини кафолати иҷтимоии шаҳрвандон дар пиронсолӣ, маъюбӣ, маҳрум шудан аз саробон ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [1]. Муҳимияти низоми таъминоти нафақа дар он арзёбӣ мегардад, ки он ба ҳар як шаҳрванд, аз ҷумла ба шаҳрвандоне, ки нафақагир мебошанд ва инчунин ба шаҳрвандоне, ки дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор дошта, кору фаъолият доранд ва барои пайдо намудани ҳуқуқ ба нафақа бояд меҳнат намоянд, дахл дорад.

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ намудани таъминоти нафақаи шаҳрвандон то 1 январи соли 1994 дар асоси қонунгузории собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ идома ёфт. Баъди ба эътидол омадани вазъи сиёсии мамлакат ва таъсис ёфтани шохаҳои асосии ҳокимияти давлатӣ, Ҳукумати Тоҷикистон вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳуриро ба инобат гирифта, барои ташаккули низоми

таъминоти нафақа ва фароҳам овардани заминаҳои қонунгузории соҳа тадбирҳои зарурӣ андешид ва 25 июни соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” қабул гардид, ки аз 1 январи соли 1994 мавриди амал қарор гирифт. Тибқи талаботи қонуни мазкур, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул шуданд, ки дар маҷмӯъ низоми таъминоти нафақаро фароҳам оварданд. Марҳила ба марҳила барои мукаммалсозии низоми қонунгузории соҳа ва мутобиқ намудани он ба талаботи замон ва имкониятҳои иқтисодии мамлакат чанд маротиба ба қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид шуд. Аммо ҷараёни гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозоргонӣ ва тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҷомеа, аз ҷумла рушд ёфтани бахши хусусӣ, нишон дод, ки низоми таъминоти нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо принсипи ҳамраъйӣ асос ёфтааст, аз талаботи замони муосир қафо монда истодааст ва ба ислоҳоти куллӣ ниёз дорад.

Пеш аз он ки ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории соҳаи нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории соҳаи нафақаи давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил машғул шавем, сараввал мо бояд қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намоем.

Айни замон дар соҳаи нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 қонуни мукаммал, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи мазкур қабул гардидааст, мавриди амал қарор дорад. Аз ҷумла:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ»;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ»;
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»;
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа»;
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ»;
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»;
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ».

Ҳамин тавр, 19 марти соли 2013, таҳти №955 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ” қабул гардид, ки аз 4 боб ва 18 модда иборат мебошад. Тавре ки дар дебочаи он зикр гардидааст, Қонуни мазкур асосҳои танзими давлатии суғуртаи ҳатмии нафақавиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ба танзим медарорад, инчунин вазъи ҳуқуқии субъектҳои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ, заминаҳои пайдоиш ва тартиби татбиқи ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо ва ҷавобгарии субъектҳои суғуртаи ҳатмии нафақавиро муайян мекунад [2].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ, ки 26 декабри соли 2011, таҳти №790 қабул гардид, дорои 5 боб ва 28 модда мебошад. Қонуни мазкур ба таъмини асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии суғуртаи ҳатмии нафақави касбии кормандоне равона шудааст, ки шароити меҳнаташон махсус мебошад ва бо намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ машғуланд [3].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» 12 январи соли 2010, №595 қабул гардид ва он аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор гирифт, ки аз 7 боб 62 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии танзими давлатии суғуртаи ҳатмии нафақавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, шахсони воқеию ҳуқуқӣ, тартиби таъин ва пардохти нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ, инчунин манбаъҳои маблағгузории онҳоро муайян мекунад [4].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» 28-уми декабри соли 2005, таҳти №149 қабул карда шудааст, ки дорои 9 боб ва 35 модда мебошад. Қонуни мазкур муносибатҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии марбут ба таъсис, фаъолият, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии фондҳои ғайридавлатии нафақаро дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намуда, татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро барои таъминоти ихтиёрии иловагӣ бо нафақа таъмин менамояд. Амали Қонуни мазкур ба муносибатҳое, ки ҳангоми анҷом додани таъминоти нафақаи давлатӣ ба миён меоянд, татбиқ намегардад. Қонуни мазкур барои маҳдуд сохтани ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суғуртаи ихтиёрии нафақа ва суғуртаи иҷтимоӣ истифода бурда намешавад [5].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ», ки аз 1 декабри соли 1994, таҳти №1106 қабул гардида, аз 6 боб ва 66 модда иборат мебошад, амал мекунад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии таъмин ва пардохти нафақаи хизматчиёни ҳарбиро танзим менамояд.

Инчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июни соли 1993, таҳти №796 қабул гардидааст, дорои 12 фасл ва 120 модда иборат аст. Қонуни мазкур мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоми шаҳрвандоне, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, ҳуқуқи таъминоти моддиро тавассути додани нафақаҳои меҳнатию иҷтимоии дар ҳамин Қонун пешбинишуда кафолат медиҳад [6].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» 3 июли соли 2012, таҳти № 860 қабул гардидааст, ки аз 4 боб ва 17 модда иборат аст. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои ташкили баҳисобгирии инфиродии маълумотро оид ба шахсони дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон суғурташуда муқаррар менамояд [7].

**Ҷумҳурии Беларус**

Дар Ҷумҳурии Беларус дар соҳаи таъмини нафақа ҳамагӣ 3 қонун қабул карда шудааст, ки муносибатҳои таъмини нафақавиро ба танзим медароранд. Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи таъмини нафақа», 17 апрели соли 1992, таҳти № 1596-XII қабул шудааст, ки аз 11 фасл ва 94 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии таъмини нафақаи шаҳрвандонро дар Ҷумҳурии Беларус муайян менамояд ва иштироки мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба таъмини нафақа муқаррар менамояд. Қонуни дигаре, ки дар Ҷумҳурии Беларус ҳуқуқи нафақаи суғуртавии касбии шаҳрвандонро таъмин менамояд, ин Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи нафақаи суғуртавии касбӣ» мебошад, ки 5 январи соли 2008, таҳти №322-З қабул карда шудааст, ки аз 5 боб ва 23 модда иборат аст. Қонуни мазкур ба таъмини асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилотии нафақаи ҳатмии суғуртавии давлатии кормандоне, ки дар шароитҳои махсуси меҳнатӣ ва намудҳои алоҳидаи фаъолияти касбӣ, шуғл мекунанд, равона карда шудааст. Ҳамчунин, дар Ҷумҳурии Беларус барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ қонуни алоҳида, яъне, Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати сардорон ва қатории мақомоти корҳои дохилӣ, Кумитаи тафтишотии Ҷумҳурии Беларус, Кумитаи давлатии экспертизаи Ҷумҳурии Беларус, мақомот ва зерсохторҳо оид ба ҳолати фавқулода ва мақомоти тафтишотии молиявӣ» амал мекунад, ки 17 декабри соли 1992, таҳти №*2050-XII қабул карда шудааст ва аз 6 фасл ва 61 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур шароит, меъёр ва тартиби танъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Беларус, қушуни нақлиётӣ, қушуни дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Беларус, мақомоти амнияти давлатӣ, мақомоти хизмати сарҳадӣ, дигар ташкилотҳои ҳарбӣ, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Беларус ташкил карда шудаанд, шахсони ҳайати сардорӣ ва қатории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ,* Кумитаи тафтишотии Ҷумҳурии Беларус, Кумитаи давлатии экспертизаи Ҷумҳурии Беларус, мақомот ва зерсохторҳо оид ба ҳолати фавқулода ва мақомоти тафтишотии молиявӣ ва ҳамчунин аъзои оилаи онҳоро муайян менамояд.

Дар қонуни мазкур шароитҳо ва меъёрҳои пешбинишудаи таъмини нафақа

ҳамчунин ба хизматчиёни Қувваҳои мусаллаҳи қушунҳои дохилӣ, сарҳадӣ ва роҳи оҳан, Кумитаи амнияти давлатӣ ва дигар ташкилоти ҳарбӣ, шахсони *ҳайати сардорӣ ва қатории собиқ Иттиҳоди ҶШС мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, иштирокчиёни давлатии Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва аъзои оилаи онҳо, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Беларус иқомат мекунанд, паҳн мегардад [11].*

Дар натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда муайян гардид, ки дар қонунгузории нафақаи Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Тоҷикистон тафриқаҳои зиёд вуҷуд надоранд, аммо дар қонунҳои Ҷумҳурии Беларус дар соҳаи нафақа якчанд меъёрҳое мавҷуд ҳастанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда нашудаанд. Дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи таъмини нафақа» вобаста ба таъмини нафақаи иштирокдорони рафъи оқибатҳои фалокати корхонаи барқии атомии Чернобил ва аъзои оилаи онҳо ҳамчунин таъмини нафақаи дигар иштирокдорони фалокатҳои радиатсиониро муайян намудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар моддаи 15 танҳо барои иштирокдорони фалокати Чернобил пешбинӣ шудааст, вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба дигар иштирокдорони фалокатҳои радиатсионӣ ягон меъёре пешбинӣ карда нашудааст. Дар моддаи 18 қонуни номбаршудаи Ҷумҳурии Беларус бошад, меъёре барои нафақаи модарони хизматчиёни ҳарбӣ бахшида шудааст, аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, чунин меъёр дар моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ" муайян карда шудааст. Барои гурӯҳи алоҳидаи шахсон, яъне варзишгарон ва ҳунармандон дар Ҷумҳурии Беларус моддаҳои 49, $49^2$ бахшида шудааст. Хуб мешуд, ки чунин меъёрҳо низ дар қонунгузории таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шаванд. Инчунин, дар Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи таъмини нафақа» якчанд меъёрҳоро воҳӯрдан мумкин аст, ки пешбинӣ намудани онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиат хоҳат буд. Ба монанди:

- моддаи 65. Ҳисобкунии нафақа ҳангоми гузаронидан аз як намуд ба намуди дигар;
- моддаи 76. Масъулияти корфармо барои саривақт ва пурра ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо ва саҳеҳияти маълумотҳои дар онҳо ҷойдошта;
- моддаи 88. Пардохти нафақаи шахсони дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ қарордошта;
- моддаи 93. Уҳдадории хабардиҳии раёсатҳои (шуъбаҳои) ноҳиявӣ (шаҳрӣ) оид ба шуғли меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ дар бораи тағйирёбии шартҳое, ки ба пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо таъсир мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Беларус Қонун «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайъати сардорон ва қатории мақомоти корҳои дохилӣ, Кумитаи тафтишотии Ҷумҳурии Беларус, Кумитаи давлатии экспертизаи Ҷумҳурии Беларус, мақомот ва зерсохторҳо оид ба ҳолати фавқулода ва мақомоти тафтишотии молиявӣ» амал мекунад, вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, танҳо таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ пешбинӣ карда шудааст ва оид ба таъмини нафақаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ягон қонуни махсус амал намекунад. Чи тавре дар боло қайд намудем, қонуни номбаршудаи Беларус шароит, меъёр ва тартиби таъмини нафақаи хизматчиёнӣ ҳарбӣ ва кормандони мақомоти номбурдаро таъмин менамояд. Дар Қонуни зикргардидаи Беларус на танҳо нафақа барои хизматчиёни ҳарбии дохилии онҳо, балки барои хизматчиёни ҳарбии дигар давлатҳо ва аъзои оилаи онҳо бахшида шудааст (моддаи 5 Қонуни зикргардида). Ҳамчунин, дар қонуни мазкури Ҷумҳурии Беларус якчанд меъёрҳое мавҷуд ҳастанд, ки дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда нашудаанд. Ба монанди:

- моддаи 13. Масъалаҳое, ки ба баррасии Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Беларус тааллуқ доранд;
- моддаи 55. Огоҳ намудани мақомотҳои нафақавӣ дар бораи тағйирёбии

шартҳое, ки ба пардохт намудани нафақа таъсир мерасонанд;

- моддаи 56. Пардохти нафақаи шахсони дар ҷойҳои маҳрум аз озодӣ қарордошта;

- моддаи 60. Бозҳисобкунии нафақаҳои пештар таъиншуда вобаста ба амал кардани Қонуни мазкур;

- моддаи 61. Бозҳисобкунии нафақа вобаст ба тағйирёбии маблағи кифоявӣ (музди меҳнат).

Вобаста ба таҳлили муқоисавии моддаи 1-и Қонун "Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ" дар ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Беларус чунин иброз бояд дошт, ки номи моддаи 1 дар давлатҳои Тоҷикистон ва Беларус мафҳумҳои асосӣ мебошад. Таҳлили муқоисавии моддаи 1-и Қонун "Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ" Ҷумҳуриҳои Тоҷикистону Беларус нишон дод, ки ҳардуи онҳо аз камбудӣ холӣ нестанд. Гарчанде мафҳумҳои асосӣ дар ҳарду қонунҳои ин ҷумҳуриҳо дар як модда чамъ оварда шудаанд, аммо он низ пурра намебошад. Инчунин, мафҳумҳои асосӣ дар дигар қонунҳои соҳаи нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як модда ҷамъ оварда нашудаанд, ки мушкилиро ҳангоми омӯзиши онҳо ба вуҷуд меорад. Аз ин лиҳоз пешниҳод карда мешавад, ки мафҳумҳои асосӣ дар ҳамаи қонунҳои соҳаи нафақа пешбинӣ карда шаванд.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки ҳангоми таҳлили муқоисавӣ бояд ба он таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ин масъалаи принсипҳои қонунгузории меҳнат мебошад. Чунки принсипҳо пеш аз ҳама, ин кафолатҳои конститутсионӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар соҳаи таъмини нафақа мебошанд. Вобаста ба ин илми ҳуқуқ принсипҳои таъмини нафақаро ба якчанд гурӯҳҳо тақсим менамоянд: принсипҳои умумӣ (принсипҳои конститутсионӣ), принсипҳои байнисоҳавӣ ва принсипҳои соҳавӣ (принсипхои махсус). Дар қонунгузории таъмини нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи принсипҳо ягон меъёр бахшида нашуда, қонун асосҳои оғозшавии худро муайян накардааст. Аз ин лиҳоз, беҳтар мешавад, ки тамоми қонунҳои соҳавии нафақа дар як қонуни мукаммал ҷамъ оварда шуда, бо принсипҳои асосӣ оғоз ёбанд. Ҳамзамон, дар натиҷаи таҳлили муқоисавии гузаронидашудаи Қонуни "Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ" давлатҳои номбаршуда меъёрҳое пешбинӣ гардидаанд, ки дар қонуни мазкури Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр нагардидаанд. Ба монанди:

- моддаи 4. Суғуртакун;

- моддаи 6. Баҳодиҳии шароити меҳнат дар ҷойҳои корӣ;

- моддаи 8. Бақайдгирии маълумотҳо оид ба шахсони суғурташуда ва нафақаҳои амонатӣ;

- моддаи 10. Ҳисобкунии даромад аз ҷобаҷокунии суғуртаи нафақавии касбӣ;

- моддаи 11. Ҳуқуқ ба нафақаи касбии пеш аз муҳлат;

- моддаи 12. Ҳуқуқи интихоби нафақа;

- моддаи 13. Ҳисобкунии собиқаи касбӣ;

- моддаи 14. Ҳисобкунии нафақаи касбии пеш аз муҳлат;

- моддаи 15. Таъини нафақаи касбии пеш аз муҳлат;

- моддаи 16. Пардохти нафақаи касбии пеш аз муҳлат;

- моддаи 17. Нафақаи иловагии касбӣ;

- моддаи 20. Уҳдадории Фонд оид ба амали намудани суғуртаи нафақавии касбӣ.

**Ҷумҳурии Қирғизистон**

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон дар соҳаи нафақа 6 қонуни мукаммал амал мекунанд. Аз ҷумла:

Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи нафақаи давлатии суғуртаи иҷтимоӣ» 21 июли 1997, таҳти №57 қабул карда шудааст, ки аз 6 боб ва 36 модда иборат аст. Қонуни мазкур принсипҳои суғуртаи ҳатмии нафақаи давлатии суғуртаи иҷтимоии шаҳрвандонро муқаррар мекунад ва кафолати шахсони суғурташударо таъмин мекунад.

Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи пасандозҳои нафақавии фондҳо дар Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 11 декабри соли 2013, таҳти №216 мавриди амал қарор дошта,

аз 9 боб ва 38 модда иборат мебошад. Муносибатҳое, ки ҳангоми ташкили фондҳои нафақа, амалигардонии фаъолияти худ ва барҳамдиҳии онҳо ба миён омадаанд, бо ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Қирғизистон танзим карда мешаванд.

Инчунин, Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» 7 майи соли 1993, таҳти №1194-XII қабул гардидааст, ки дорои 8 боб ва 38 модда мебошад. Қонуни мазкур дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон, ки шароит, қоидаҳо ва тартиби таъмини нафақаи хизматчиёни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Қирғизистон, Хадамоти амнияти миллии Қирғизистон, сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон, нерӯҳои дохилӣ ва дигар воҳидҳои ҳарбӣ, прокурорҳо ва муфаттишони прокуратураи ҷумҳурӣ, мақомоти корҳои дохилӣ, хадамоти оташнишонии давлатӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати маводи нашъаоварва оилаҳои онҳоро танзим менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи коэффитсиентҳоиислоҳӣ ба музди меҳнат барои ҳисоб кардани нафақа» аз 26 июни соли 2001, таҳти №58 қабул гардидааст, ки аз 7 моддаи иборат аст. Қонуни мазкур ба афзоиши нафақаи меҳнатӣ вобаста ба афзоиши музди миёнаи меҳнат дар Ҷумҳурии Қирғизистон нигаронида шудааст.

Ҳамзамон, Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи сармоягузории воситаҳо барои маблағгузории пасандозҳо дар қисми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» 4 июли соли 2011, таҳти №78 қабул карда шудааст, ки аз 7 боб ва 25 модда иборат мебошад. Санади мазкур асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳоро оид ба ташаккул ва сармоягузории маблағҳои нафақа суғуртаи давлатии иҷтимоӣ муқаррар менамояд.

Қонуни Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи таъмини саривақтии музди меҳнат, нафақа, ёрдампулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ», ки аз 26 июни соли 1996, таҳти №23 мавриди амал қарор дорад, дорои 12 модда мебошад. Қонуни мазкур механизми таъмини ҳуқуқи шаҳрвандонро барои пурра гирифтани пардохтҳои иҷтимоӣ ва масъулияти ҷазоро барои вайрон кардани шартҳои пардохти музди меҳнат, нафақа, ёрдампулӣ, идрокпулӣ аз тарафи тамоми корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон ва Конвенсияи Созмони байналмилалии меҳнат муайян менамояд [9].

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқӣ муайян гардид, ки баъзе аз меъёрҳои танзимкунандаи қонунгузории нафақаи давлатҳои номбурда дар қонунгузории соҳаи нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар намерасанд ё ин ки баръакс.

**Ҷумҳурии Қазоқистон**

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон дар соҳаи таъмини нафақа ҳамагӣ 1 қонун қабул карда шудааст, ки муносибатҳои таъмини нафақавиро ба танзим медарорад. Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи таъмини нафақа дар Ҷумҳурии Қазоқистон», 21 июни соли 2013, таҳти № 105-V қабул шудааст, ки аз 10 боб ва 74 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии таъмини нафақаи шаҳрвандонро дар Ҷумҳурии Қазоқистон муайян намуда, иштироки мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ба таъмини нафақа муқаррар менамояд [10].

Вобаста ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии соҳаи таъмини нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ниброз дошт, ки таъмини нафақа бо 7 қонун ба танзим дароварда шудааст, вале дар Ҷумҳурии Қазоқистон бошад, танҳо бо 1 Қонуни мукаммал муносибатҳои мазкур ба танзим дароварда мешавад. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон сохтори Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи таъмини нафақа дар Ҷумҳурии Қазоқистон» аз бобҳо ва моддаҳо иборат мебошад, аммо дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, баъзе Қонунҳо аз фасл, модда ва баъзеи онҳо аз бобҳо, моддаҳо иборат мебошанд. Боби якуми Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи таъмини нафақа дар Ҷумҳурии Қазоқистон» ба муқаррароти умумӣ

бахшида шудааст, ки масъалаҳои ҳуқуқи шаҳрвандон ба таъмини нафақа, кафолати муҳофизати нафақаҳои захиравӣ ва салоҳиятҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи нафақа бахшида шудааст, ки чунин меъёрҳо дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пешбинӣ шудаанд, аммо дар Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон бошад, тамоми мафҳумҳои асосӣ вобаста ба соҳаи нафақа ва дигар масъалаҳое, ки ба ин соҳа дахл доранд, ҷамъ оварда шудаанд. Яке аз ҷиҳатҳои манфиатноки ҷамъ овардани меъёрҳо дар соҳаи нафақа, ин бартараф намудани мухолифатҳо, норасоиҳо ва холигиҳо мебошад. Масалан, дар қонуни номбаршудаи Қазоқистон бобҳои он бо чунин тарз номгузорӣ карда шудаанд:

- боби 2. Тартиби амалӣ намудани таъмини нафақа;
- боби 3. Пардохти ҳаққӣ нафақа;
- боби 4. Пардохтҳои нафақа аз фонди ягонаи захиравии нафақа ва (ё) фонди захиравии ихтиёрии нафақавӣ;
- боби 5. Вазъи ҳуқуқии фонди ягонаи захиравии нафақа;
- боби 6. Вазъи ҳуқуқии фонди захиравии ихтиёрии нафақавӣ.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон танҳо як намуди нафақа пешбинӣ шудааст, ки аз рӯи синну сол муайян карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ба ду намуд - суғуртавӣ ва давлатӣ, ҷудо карда шудааст, ки новобаста аз намуд он аз рӯи синну сол, маъюбӣ ва маҳрум шудан аз саробон дода мешавад. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон барои таъин намудани нафақа собиқаи меҳнатӣ ҳисоб карда мешавад, аммо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, аз санаи 1 январи соли 2017 собиқаи суғуртавӣ ҳисоб карда мешавад. Барои таъин намудани нафақа ба шаҳрвандони Қазоқистон лозим аст, ки дафтарчаи меҳнатии худро барои гирифтани нафақа пешниҳод намояд, ки ин намуди низоми нафақавӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандон» монанд мебошад. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон пардохти ҳатмии нафақавии касбӣ дар моддаи 24 қонуни номбаршуда танзими худро ёфтааст, вале дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, барои ба танзим даровардани ин гуна таъини нафақа Қонуни алоҳида амал мекунад, яъне Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ». Қонунгузории Ҷумҳурии Қазоқистон дар моддаи 27 меъёреро пешбинӣ намудааст, ки тибқи он шахсони воқеӣ метавонанд, ба таври ихтиёрӣ пардохтҳои нафақавӣ намоянд. Пардохтҳои ихтиёрии нафақавӣ дар фонди нафақавии захиравӣ ва (ё) фонди захиравии ихтиёрии нафақавӣ аз ҷониби амонатгузорон, яъне шахсони воқеӣ ба фоидаи худ аз ҳисоби даромадҳои худ ҳангоми бастани шартнома оид ба таъмини нафақа аз ҳисоби пардохтҳои ихтиёрии нафақавӣ бо нафақа таъмин карда мешаванд. Амонатгузорони ихтиёрии нафақавӣ метавонанд шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бошанд. Тартиби таъмини чунин намуди нафақа тибқи шартномаи тарафайн ҳаллу фасл карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар соҳаи нафақа чунин намуди таъмини нафақа пешбинӣ нашудааст. Хуб мешуд, агар пардохтҳои ихтиёрии нафақавӣ низ дар қонунгузории нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шаванд, зеро он ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки ба таври ихтиёрӣ ё ин ки бо бастани шартнома аз ҳисоби худ дар оянда ба худ нафақа ба таври дилхоҳ таъмин намоянд.

Бобҳои 5 ва 6 Қонуни зикргардидаи Ҷумҳурии Қазоқистон ба вазъи ҳуқуқии фондҳои нафақавӣ бахшида шудааст. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон фондҳои нафақавӣ ба ду намуд - фонди ягонаи захиравии нафақа ва фонди захиравии ихтиёрии нафақавӣ ҷудо мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти фонди нафақаи давлатӣ ё фонди ягонаи захиравии нафақа меъёрҳо оид ба ташкили фаъолияти фонди ягонаи захиравии нафақа, тартиби идоракунии нафақа аз ҷониби онҳо, эъломияи сармоягузории онҳо, тартиб ва шартҳои бастани шартномаи нафақавӣ ва ҳуқуқу уҳдадориҳои фонд ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ягон муқаррарот ё меъёре пешбинӣ нашудааст. Аммо дар қонунгузории мо вобаста ба фаъолияти фондҳои ғайридавлатӣ қонуни алоҳида яъне, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» амал мекунад. Мо пешниҳод менамоем, ки вобаста ба вазъи фонди ягонаи захиравии

нафақа якчанд меъёре, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи таъмини нафақа дар Ҷумҳурии Қазоқистон» пешбинӣ шудаанд, дар қонунгузории мо низ қабул карда шаванд. Ба монанди:

- моддаи 34. Ташкили фаъолияти фонди ягонаи захиравии нафақа;

- моддаи 35. Тартиби идоракунии сармояҳои фонди ягонаи захиравии нафақа. Эълломияи сармоягузории фонди ягонаи захиравии нафақа;

- моддаи 36. Шӯро оид ба идоракунии сармояҳои нафақавии фонди ягонаи захиравии нафақа;

- моддаи 37. Шартномаҳо оид ба таъмини нафақа аз ҳисоби сармояҳои ҳатмии нафақавӣ, нафақаи ҳатмии касбии ҳиссагузор (гиранда) аз фонди ягонаи захиравии нафақа;

- моддаи 38. Нигоҳдорӣ ва баҳисобгирии сармояҳои нафақавии фонди ягонаи захиравии нафақа;

- моддаи 39. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳиссагузорон, шахсони воқеие, ки сармояҳои ҳатмии нафақавиро супоридаанд, нафақаи ҳатмии касбиро гузаронидаанд ва агентҳо;

- моддаи 40. Шартнома оид ба таъмини нафақа аз ҳисоби сармояи ихтиёрии нафақавии ҳиссагузор (гиранда) аз фонди ягонаи захиравии нафақа.

Ҳамчунин, вобаста ба фаъолияти фонди ягонаи захиравии нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон меъёр пешбинӣ карда нашудааст. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории нафақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо вобаста ба фаъолияти чунин фондҳо пешбинӣ карда шаванд, ки тартиби амалкунии фаъолияти фонди ягонаи захиравии нафақаро муайян месозад. Ба монанди:

- моддаи 50. Сармояҳои нафақавии фонди ягонаи захиравии нафақа…;

- моддаи 51. Баҳисобгирӣ ва ҳисобот дар фонди ягонаи захиравии нафақа…;

- моддаи 52. Низоми идоракунии таваккалҳо ва назорати дохилӣ;

- моддаи 53. Мукофотҳои комиссионии фонди ягонаи захиравии нафақа ва фонди ихтиёрии нафақавӣ

- моддаи 54. Аудити фонди ягонаи захиравии нафақа…;

- моддаи 55. Талаботҳое, ки нисбат ба кормандони роҳбарикунандаи фонди ягонаи захиравии нафақа пешниҳод карда мешаванд;

- моддаи 56. Манъи реклама, ки ба ҳақиқат мутобиқат намекунад;

- моддаи 57. Сирри захираҳои нафақавӣ;

- моддаи 58. Татбиқи чораҳои маҳдудкунии таъсир ва иҷозатдиҳии мақомти ваколатдор.

**Федератсияи Россия**

Дар Федератсияи Россия дар соҳаи нафақа 10 қонуни мукаммал амал мекунанд. Аз ҷумла:

Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи нафақаҳои меҳнатӣ дар Федератсияи Россия», аз 17 декабри соли 2001, таҳти №173 қабул шудааст, ки аз 7 боб 32 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур мутобиқи Конститутсияи Федератсияи Россия ва Қонуни федералӣ "Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ дар Федератсияи Россия" асосҳои таъсис ва тартиби татбиқи ҳуқуқи шаҳрвандони Федератсияи Русияро ба нафақаи меҳнатӣ муқаррар менамояд.

Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи таъмини давлатии нафақа дар Федератсияи Россия», аз 15 декабри соли 2001, таҳти №166 амал мекунад ва аз 6 боб ва 28 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур мутобиқи Конститутсияи Федератсияи Россия, асосҳои пайдоиши ҳуқуқ ба нафақа барои таъмини нафақаи давлатӣ ва тартиби таъини онро муқаррар мекунад.

Қонуни дигари Федератсияи Россия «Дар бораи фондҳои ғайридавлатии нафақа» мебошад, ки 7 майи соли 1999, таҳти №75 қабул шудааст, аз 11 боб ва 38 модда иборат буда, муносибатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиеро, ки ҳангоми ташкили маблағҳои ғайринақдӣ дар соҳаи давлатӣ, фаъолияти онҳо дар таъмини нафақаи ғайрирасмӣ, аз ҷумла суғуртаи барвақти нафақа, суғуртаи ҳатмии нафақа, азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии ин фондҳо ба миён меоянд, муқаррар мекунад ва принсипҳои асосӣ

назорати давлатии фаъолияти онҳоро танзим менамояд.

Ҳамчунин, Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ дар Федератсияи Россия», ки 15 декабри соли 2001, таҳти №167 қабул шудааст, аз 34 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур заминаи ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва молиявиро барои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ дар Федератсияи Россия муқаррар менамояд.

Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи сармоягузории воситаҳо барои маблағгузории пасандозҳои нафақавӣ дар Федератсияи Россия», ки аз 24 июли соли 2002, таҳти №111 қабул шудааст, дорои 14 боб ва 43 модда мебошад. Мавзӯи танзими Қонуни мазкур муносибати марбут ба ташаккул ва сармоягузориҳои пасандозҳои нафақавӣ барои маблағгузории пардохти нафақа мебошад.

Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ» 28 декабри соли 2013, таҳти №400 қабул гардидааст, ки аз 7 боб ва 36 модда иборат аст. Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва тартиби амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандонро ба нафақаи суғуртавӣ муқаррар намудааст.

Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи кафолатҳои ҳуқуқии шахсони суғурташуда дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақаи Федератсияи Россия дар рафти ташаккул ва сармоягузириҳои пасандозҳои нафақавӣ ва анҷом додани пардохтҳо аз ҳисоби пасандозҳои нафақавиро муқаррар мекунад» аз 28 декабри соли соли 2013, таҳти №422 амал мекунад, аз 5 боб ва 23 модда иборат аст. Мақсади Қонуни мазкур аз таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони суғурташуда дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақаи Федератсияи Россия (минбаъд - суғурташаванда) ҳангоми ташкил ва маблағгузории маблағҳои пасандозҳои нафақавӣ, ташкил ва татбиқи пардохтҳо аз пасандозҳои нафақавӣ мебошад.

Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи пасандозҳои нафақавӣ» 28 декабри соли 2013, таҳти №424 қабул гардидааст, ки аз 18 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур мувофиқи Конститутсияи Федератсияи Россия ва Қонуни Федералии № 167-ФЗ аз 15 декабри соли 2001 «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақа дар Федератсияи Россия» асосҳои гирифтан ва тартиби истифодаи ҳуқуқи ашхоси суғурташуда ба нафақаи маблағгузориро муқаррар менамояд.

Инчунин, Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи пардохтҳои иловагии суғурта ба пасандози нафақавӣ ва дастгирии давлатӣ барои ташаккул додани пасандозҳои нафақавӣ», ки аз 30 апрели соли 2008, таҳти №56 қабул карда шудааст аз 17 модда иборат аст. Қонуни зикргардида тартиби ихтиёрии ҳуқуқии суғуртаи ҳатмии нафақаро бо мақсади пардохти ҳаққи суғуртаи иловагии суғурташуда ба фонди нафақавӣ, муқаррар ва шартҳои пардохти иловагии суғуртавӣ ба нафақаҳои пулӣ, пардохтҳои корфармоён ва расонидани кӯмаки давлатӣ барои ташаккул додани пасандозҳои нафақаро муайян мекунад.

Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи тартиби маблағгузорӣ аз ҳисоби пасандозҳои нафақавӣ» аз 30 ноябри соли 2011, №360 амал мекунад, ки аз 20 модда иборат мебошад. Қонуни номбурда муносибатҳои марбут ба тартиби маблағгузорӣ аз маблағҳои пасандозҳои нафақавиро танзим менамояд [8].

Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи таъмини нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ, хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ, Хадамоти давлатии оташнишонӣ, мақомоти назорати воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, муассиса ва мақомоти иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, сарбозони гвардияи миллии Федератсияи Россия ва оилаҳои онҳо» 12 феврали соли 1993, № N 4468-1 қабул карда шудааст, ки дорои 65 модда мебошад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии таъмин ва пардохти нафақаи хизматчиёни ҳарбиро танзим менамояд.

### Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соҳаи таъмини нафақа ҳамагӣ 2 қонун амал мекунанд, ки таъмини нафақаи шаҳрвандонро ба танзим медароранд. Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таъмини давлатии нафақаи шаҳрвандон» 3 сентябри соли 1993, таҳти №938-XII қабул шудааст, ки аз 9 боб ва 67 модда иборат

мебошад. Қонуни мазкур тартиби амалӣ намудани ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистонро ба таъмини иҷтимоӣ дар пиронсолӣ, дар ҳолати қисман ё пурра гум кардани қобилияти корӣ, маҳрум шудан аз саробон муайян менамояд ва низоми ягонаи давлатии нафақа, тартиби таъини онҳо, ҳисобкунӣ, аз нав баҳисобгирӣ ва пардохти онҳоро муқаррар менамояд.

Ҳамчунин, Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таъмини нафақаи захиравии шаҳрвандон», 2 декабри соли 2004, таҳти №702-II қабул карда шудааст, ки аз 4 боб ва 27 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳо дар соҳаи таъмини нафақаи захиравии шаҳрвандон қабул карда шудааст [12].

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон синни ба нафақа баромадан аз омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва табиӣ барои мардон расидан ба синни 60 солагӣ ва ҳангоми доштани на камтар аз 25 соли собиқаи корӣ ва барои занон аз 55 солагӣ ва ҳаноми доштани на камтар аз 20 соли собиқаи корӣ муайян карда шудааст. Ҳамчунин, шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳуқуқ доранд, ки ҳангоми доштани собиқаи кории нопураа, яъне 7 соли собиқаи корӣ метавонанд қисман бо пардохтҳои нафақавӣ таъмин карда шаванд, ки дар моддаи 8 Қонуни Ӯзбекистон «Дар бораи таъмини давлатии нафақаи шаҳрвандон» пешбинӣ шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин модда дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои давлатӣ ва суғуртавӣ» пешбинӣ карда шудааст. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон моддаҳоеро воҳӯрдан мумкин аст, ки дар қонунгузории таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашудаанд. Ба монанди:

- моддаи 5. …. шахсоне, ки ба ҳайати сардор ва қатории мақомоти корҳои дохилӣ, судяҳо ва кормандони мақомоти прокуратура, ки рутбаҳои мансабӣ доранд (рутбаҳои ҳарбӣ) дохил мешаванд;

- моддаи 6. Қонунгузорӣ оид ба таъмини давлатии нафақаи шаҳрвандон;

- моддаи 11. Ҳуқуқ ба нафақаи имтиёзнок бо паст намудани синни умумимуқарраршуда ба 10 сол;

- моддаи 12. Ҳуқуқ ба нафақаи имтиёзнок бо паст намудани синни умумимуқарраршуда ба 5 сол;

- моддаи 12$^{1}$. Ҳуқуқ ба нафақаи имтиёзнок бо паст намудани синни умумимуқарраршуда ба 1 сол;

- моддаи 46. Рӯзи муроҷиат ба гирифтани нафақа;

Дар муқоиса бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба масъалаи аз нав ҳисобкунии нафақа Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таъмини давлатии нафақаи шаҳрвандон» дар боби 8 ҷамъ оварда шудаанд, ки аз ду модда иборат мебошад ва бо чунин тарз номгузорӣ карда шудаанд:

- моддаи 49. Шартҳои аз нав ҳисобкунии нафақа;

- моддаи 50. Мухлатҳои аз нав ҳисобкунии нафақаи таъиншуда.

Вобаста ба дигар масъалаҳои таъин, зиёдкунӣ ва боздошти нафақа қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон аз ҷиҳати меъёрӣ ба ҳамдигар монанд мебошанд.

Дар масъалаи Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таъмини нафақаи захиравии шаҳрвандон» бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба чунин намуди таъмини нафақа қонуни алоҳидае мавҷуд нест ва масъалаҳои захира намудани нафақа дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои давлатӣ ва суғуртавӣ» ба таври умумӣ ҳаллу фасл карда шудаанд. Дар моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои давлатӣ ва суғуртавӣ» зикр шудааст, ки нафақаҳои захиравӣ як қисми таркибии нафақаҳои суғуртавӣ мебошанд. Қисми захиравии нафақа қисми нафақаи суғуртавие мебошад, ки вобаста аз ҳаҷми захираҳои инфиродии нафақавии шахси суғурташуда муқаррар гардида, аз рӯи маълумоти дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда мавҷудбуда ҳисоб карда шудааст. Аммо дар Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи таъмини нафақаи захиравии шаҳрвандон» нафақаҳои захиравӣ ба ду намуд -нафақаҳои захиравии ихтиёрӣ ва ҳатмӣ ҷудо карда шудаанд, ки шабеҳият

ба моддаҳои 34-40 Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи таъмини нафақа дар Ҷумҳурии Қазоқистон» доранд. Нафақаҳои ихтиёрии чун қоида ба таврӣ озод пардохт карда мешаванд ва нафақаҳои ҳатмии захиравӣ бошанд ба таврӣ императивӣ. Бояд қобили зикр намуд, ки таъмини нафақаи захиравӣ, ин маблағҳои пулиии иловагӣ ба нафақаи давлатӣ мебошанд, ки дар ҳисоби фардии шахсон ба ҳисоб гирифта мешаванд. Тибқи Қонуни зикрнамуда ба таъмини нафақаи захиравӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ҳамчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба таври доимӣ иқомат мекунанд, ҳуқуқ доранд. Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳангоми муроҷиат шахсон ба қайди низоми нафақаи захиравӣ гузошта мешаванд, ки аз ҷониби Бонки халқӣ амалӣ карда мешавад. Ба қайди низоми нафақаи захиравӣ гузоштан инҳо шомил мешаванд:

- кушодани ҳисоби нафақаи захиравии фардӣ;
- супоридани дафтарчаи нафақаи захиравӣ (моддаи 7 қонуни номбаршуда).

Ҳамчунин, дар қонуни мазкур масъалаҳои кушодан, дафтарча ва ташкил, истифодабарӣ ва назорати нафақаҳои захиравӣ пешбинӣ карда шудаанд, ки бо чунин тарз номгузорӣ карда шудаанд:

- моддаи 8. Кушодани ҳисоби нафақаи захиравии фардӣ;
- моддаи 9. Дафтарчаи нафақаи захиравӣ;
- моддаи 10. Ташкили маблағҳо дар ҳисобҳои нафақаи захиравии фардӣ;
- моддаи 11. Ташкили маблағҳои низоми нафақаҳои захиравӣ;
- моддаи 12. Истифодабарии маблағҳои низоми нафақаҳои захиравӣ;
- моддаи 13. Назорат аз рӯи маблағҳои воридшуда дар ҳисобҳои фардии нафақаҳои захиравӣ ва истифодабарии онҳо.

Масъалаи тартиби гирифтани пардохтҳои нафақаи захиравӣ тибқи боби 3 Қонуни зикршуда ба танзим дароварда шудаанд, ки аз 8 модда иборат мебошанд. Дар қисми муқаррароти хотимавӣ бошад, масъалаҳои ба анҷом расидани пардохтҳои нафақаҳои захиравӣ (моддаи 24 ҚҶӮ «Дар бораи таъмини нафақаи захиравии шаҳрвандон»), нигоҳдорӣ ва боздоштани пардохтҳои нафақаҳои захиравӣ (моддаи 25 Қонуни номбаршуда), ҳалли баҳсҳо (моддаи 26 Қонуни номбаршуда) ва ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур бахшида шудааст (моддаи 27) пешбинӣ гардидаанд.

Хулоса, тавре дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиш муайян гардид, якчанд хусусиятҳои қонунҳои мазкурро метавон дар қонунгузории кишвар истифода намуд. Пеш аз ҳама, таҷрибаи қонунгузории Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Беларус. Зеро, қонунгузории соҳаи нафақаи ин кишварҳо қариб тамоми муносибатҳои вобаста ба нафақаро танзим менамоянд. Бинобар ин барои боз ҳам мукаммал гардонидани қонунгузории нафақа якчанд таклифу пешниҳодҳо манзур менамоем:

1. Пеш аз ҳама, пешниҳод карда мешавад, ки муносибатҳои вобаста ба таъмини нафақа бо як қонуни мукаммал ба танзим дароварда шаванд, зеро як мавзӯи танзимнамоӣ доранд ва боз барои бартараф намудани мухолифатҳо, норасоиҳо ва холигиҳо мусоидат хоҳанд намуд.

2. Инчунин, пешниҳод карда мешавад, ки пардохтҳои ихтиёрии нафақавӣ низ дар қонунгузории нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шаванд, зеро он ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки ба таври ихтиёрӣ ҳисоби нафақавии дилхоҳро ба худ таъмин намоянд.

3. Ҳамчунин, пешниҳод карда мешавад, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти фонди давлатии нафақа вазъи ҳуқуқии он, инчунин, тартиби амаликунии фаъолияти он меъёрҳо пешбинӣ карда шаванд.

4. Барои гурӯҳи алоҳидаи шахсон, яъне варзишгарон ва ҳунармандон дар Ҷумҳурии Беларус меъёрҳои имтиёзнок пешбинӣ карда шудаанд ва хуб мешуд, ки чунин меъёрҳо низ дар қонунгузории таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шаванд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, “Нашриёти Ганҷ”, 2016.

2. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №12, мод. 854.

3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод. 198.

4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №1, мод. 19; с. 2011, №3, мод. 175; с. 2012, №8, мод. 831; №12, қ.1, мод.1003; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 с., № 1200.

5. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, № 12, мод. 661; с. 2011, № 6, мод. 448; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1162.

6. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1993, №15-16, мод.350; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №3, мод.48, Фасли XVIII; с. 1997, №9, мод.117, Фасли VI; с. 1998, №10, мод.119, Фасли V; №22, мод.318; с. 1999, №5, мод.61; №9, мод.236; №12, мод.351; с. 2002, №4, қ.1, мод.158; №11, мод.711; мод. 735; с. 2005, №7, мод.406; с. 2007, №7, мод.695; с. 2008, №10, мод.823; с. 2009, №9-10, мод.547; с. 2011, №12, мод.853; с. 2012, №4, мод.273; №7, мод.703; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 с., № 1199.

7. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №7, мод. 710.

8. [Манбаи электронӣ] //URL:http://www.consultant.ru/ (санаи муроҷиат: 01.03.2018).

9. [Манбаи электронӣ] //URL:http://base.spinform.ru/spisdoc.fwx (санаи муроҷиат: 01.03.2018).

10. [Манбаи электронӣ] //URL:https://online.zakon.kz/document (санаи муроҷиат: 01.03.2018).

11. [Манбаи электронӣ] //URL:http://pravo.by/pravovaya-informatsiya/normativnye-dokumenty/bank-dannykh-biznes-/pravovye-akty-/po-vidam/ (санаи муроҷиат: 01.03.2018).

12. [Манбаи электронӣ] //URL: http://lex.uz/ (санаи муроҷиат: 01.03.2018).

# ФАРҲАНГИ РУСӢ БА ТОҶИКИИ ИСТИЛОҲОТИ ҲУҚУҚ

# РУССКО-ТАДЖИКСКИЙ СЛОВАРЬ ЮРИДИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ

Раҳимзода Маҳмад Забир

(Раҳимов М.З.)

*(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)*

| | |
|---|---|
| **Сессия** | – иҷлосия |
| **Сестра** | – хоҳар |
| **Сестринский** | – хоҳарӣ |
| **Сесть на скамью подсудимых** | – ба курсии айбдорӣ нишастан |
| **Сжатый** | – фишурда |
| **Сигнальное огнестрельное оружие** | – силоҳи оташфишони сигналдиҳӣ |
| **Сидеть на гауптвахте** | – дар гауптвахта маҳбус будан |
| **Сила** | – нерӯ, қувва |
| **Силовые структуры** | – сохторҳои қудратӣ |
| **Силы немедленного реагирования** | – нерӯҳои (қувваҳои) аксуламали фаврӣ |
| **Силы общего назначения** | – қувваҳои таъиноти умумӣ |
| **Силы сдерживания** | – нерӯҳои муқовиматдиҳанда, қувваҳои муқовиматкунанда |
| **Сильнодействующие вещества** | – моддаҳои пуртаъсир, зӯртаъсир |
| **Сильное доказательство** | – далели қотеъ |
| **Сильный** | – пурзӯр, тавоно |
| **Символ** | – рамз |
| **Символика** | – рамзҳо |
| **Символический** | – рамзӣ |
| **Симулянт** | – ҳаннот |
| **Синдикат** | – синдикат |
| **Синдром** | – аломат |
| **Синод** | – шӯрои олии калисо |
| **Сионизм** | – сионизм |
| **Сионист** | – сионист |
| **Сирота** | – ятим, сағира |
| **Сиротство** | – ятимӣ |
| **Система** | – низом |
| **Система государственных социальных стандартов** | – низоми стандартҳои иҷтимоии давлатӣ |
| **Система гражданско-правовых отношений** | – низоми муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ |
| **Система дипломатической службы** | – низоми хизмати дипломатӣ |
| **Система доказательственного права** | – низоми далелҳои ҳуқуқ |
| **Система единого плательщика** | – низоми пардохти ягона |
| **Система исполнения уголовного наказания** | – низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ |
| **Система международного права** | – низоми ҳуқуқи байналмилалӣ |

| | |
|---|---|
| **Система наказаний** | – низоми ҷазо |
| **Система права** | – низоми ҳуқуқ |
| **Система предварительного следствия** | – низоми тафтишоти пешакӣ |
| **Система сдержек и противовесов** | – низоми худдорӣ ва муқовимат |
| **Система социального партнерства** | – низоми шарикии иҷтимоӣ |
| **Система судебной власти Республики Таджикистан** | – низоми ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Система уголовного процесса** | – низоми мурофиаи ҷиноятӣ |
| **Систематизация нормативных правовых актов** | – мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ |
| **Систематизация права** | – мураттабсозии ҳуқуқ |
| **Систематическое нарушение трудовой дисциплины** | – мунтазам вайрон кардани интизоми меҳнат |
| **Систематическое осуществление монополистической деятельности** | – мунтазам амалӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ |
| **Систематическое толкование** | – шарҳи мураттаб |
| **Ситуация** | – вазъият |
| **Сифилис** | – сифилис, сӯзок |
| **Сиюминутные потребности** | – эҳтиёҷоти ҳозира |
| **Скамья подсудимых** | – курсии айбдорон, курсии айбдоршавандаҳо |
| **Скандал** | – ҷанҷол, ғавғо |
| **Скандалист** | – ҷанҷолӣ, ҷангара |
| **Скидка** | – тахфиф |
| **Складочный капитал** | – сармояи шарикӣ |
| **Складское свидетельство** | – борномаи анбор |
| **Склока** | – хархаша |
| **Склонение к потреблению наркотических средств** | – ба истеъмоли воситаҳои нашъадор моил будан, … моил кардан |
| **Склонность** | – майл, ҳавас, рағбат |
| **Скорбь** | – сӯгворӣ |
| **Скот** | – чорво |
| **Скотокрадство** | – чорводуздӣ |
| **Скрепить документ печатью** | – ҳуҷҷатро бо муҳр тасдиқ кардан |
| **Скромно** | – хоксорона |
| **Скромность** | – боҳаёӣ, хоксорӣ, фурӯтанӣ |
| **Скромный** | – боҳаё |
| **Скрытая реклама** | – рекламаи махфӣ |
| **Скрытые коллизии** | – бархӯрди махфӣ |
| **Скрытность** | – махфият, махфӣ будан |
| **Скрытый** | – пинҳонӣ, махфӣ |
| **Скрытый налог** | – андози пинҳонӣ, андози махфӣ |
| **Скудоумие** | – камақлӣ, ноқисулақлӣ |
| **Скупка** | – харид, харидан |
| **Скупость** | – бухл, кина, зихнагӣ, мумсикӣ |
| **Скупой** | – мумсик, зихна |
| **Слабо** | – оҷизона, суст |
| **Слабость** | – оҷизӣ, сустӣ |
| **Слабоумие** | – ноқисулақлӣ |
| **Слабый** | – оҷиз, заиф |
| **След** | – из, пай |
| **Следить** | – пайгирӣ кардан |
| **Следователь** | – муфаттиш |

| | |
|---|---|
| **Следователь по военным делам** | – муфаттиш оид ба корҳои ҳарбӣ |
| **Следователь по особо важным делам** | – муфаттиш оид ба корҳои махсус муҳим |
| **Следопыт** | – изгир, изчин, пайшинос |
| **Следственная комиссия** | – комиссияи тафтишот |
| **Следственное поручение** | – супориши тафтишотӣ |
| **Следственные действия** | – амалҳои тафтишотӣ |
| **Следственные дела** | – парвандаҳои тафтишӣ |
| **Следственные органы** | – мақомотҳои тафтишӣ |
| **Следственный изолятор** | – тавқифгоҳи тафтишотӣ |
| **Следственный комитет** | – комитети тафтишотӣ |
| **Следственный материал** | – маводҳои тафтишотӣ |
| **Следственный осмотр** | – азназаргузаронии тафтишотӣ |
| **Следственный чемодан** | – ҷомадони тафтишотӣ |
| **Следственный эксперимент** | – санҷиши тафтишотӣ, эксперименти тафтишотӣ |
| **Следствие** | – тафтиш |
| **Следы взлома** | – осори шикастадарой, аломатҳои шикастадарой |
| **Следы крови** | – доғҳои хун |
| **Следы пальцев** | – изҳои ангуштон |
| **Следы побоев** | – осори зарбу лат |
| **Следы преступления** | – осори ҷиноят |
| **Слежка** | – таъқиб, поидан |
| **Слезоточивое вещество** | – моддаи ашковар |
| **Слепки следов** | – қолабҳои изҳо ( пайҳо) |
| **Слепой** | – кӯр, нобино |
| **Сличение подписей (почерков)** | – муқоисаи имзоҳо (тарзҳои навишт) |
| **Сличить копию с оригиналом** | – нусхаро бо аслаш муқоиса кардан, муқоиса кардани нусха бо асл |
| **Слияние предприятий** | – якшавии корхонаҳо |
| **Слияние юридических лиц** | – якшавии шахсҳои (шахсони) ҳуқуқӣ |
| **Словесное заявление** | – аризаи шифоҳӣ |
| **Словесное наследие** | – мероси шифоҳӣ |
| **Словесное ходатайство** | – илтимоси шифоҳӣ |
| **Сложение наказаний** | – замкунии ҷазо |
| **Сложение полномочия** | – вогузоштани салоҳият |
| **Сложная вещь** | – ашёи мураккаб |
| **Сложный** | – мураккаб, мушкил, душвор |
| **Слой** | – табақа, қабат |
| **Слуга** | – хизматгор |
| **Служанка** | – каниз, хизматгорзан |
| **Служащие** | – хизматчӣ |
| **Служба** | – хизмат |
| **Служба в системе исполнения уголовного наказания** | – хизмат дар низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ |
| **Служба занятости** | – хадамоти шуғл |
| **Служебная аттестация** | – аттестатсияи хизматӣ |
| **Служебная командировка** | – сафари хизматӣ |
| **Служебная тайна** | – сирри хизматӣ |
| **Служебное жилое помещение** | – хонаи истиқоматии хизматӣ |
| **Служебное преступление** | – ҷинояти хизматӣ |
| **Служебное произведение** | – асари хизматӣ |
| **Служебное распоряжение** | – амри хизматӣ |
| **Служебные полномочия** | – ваколатҳои хизматӣ |
| **Служебный** | – хизматӣ |
| **Служебный подлог** | – сохтакории хизматӣ |

| | |
|---|---|
| **Служитель правосудия** | – хизматгори адолат |
| **Случай** | – тасодуф, воқеа |
| **Случайно** | – тасодуфан, ногаҳон |
| **Случайный** | – тасодуфӣ, ногаҳонӣ |
| **Слушание дела** | – шунидани парванда |
| **Сманить** | – фирефтан |
| **Смежные права** | – ҳуқуқи омехта, ҳуқуқи ҳамҷавор, ҳуқуқи вобаста |
| **Смелость** | – ҷасурӣ, нотарсӣ, далерӣ |
| **Смелый** | – ҷасур, нотарс, далер |
| **Смена правительства** | – иваз шудани ҳукумат |
| **Смертная казнь** | – ҷазои қатл, ҳукми қатл |
| **Смертная казнь через повешение** | – ҷазои қатл бо роҳи овехтан |
| **Смертник** | – маҳкум ба қатл |
| **Смертность** | – миқдори фавт |
| **Смертный** | – муранда, миранда |
| **Смертоносный** | – марговар |
| **Смертоубийственный** | – кушанда, қотил |
| **Смертоубийство** | – кушокушӣ, кушиш |
| **Смерть** | – марг, фавт |
| **Смерть мозга** | – марги мағзи сар |
| **Смета** | – харҷнома |
| **Смешанная избирательная система** | – низоми интихоботии омехта |
| **Смешанный процесс** | – мурофиаи омехта |
| **Смирительная рубашка** | – куртаи дафъи ҷунун |
| **Смотр** | – муоина, азназаргузаронӣ |
| **Смыть позорное клеймо** | – доғи шармандагиро тоза кардан, шустани доғи шармандагӣ |
| **Смыть с себя позор** | – худро сафед кардан |
| **Смягчающие вину обстоятельства** | – ҳолатҳои сабуккунандаи гуноҳ |
| **Смягчающие обстоятельства** | – холатҳои сабуккунанда |
| **Смягчающие ответственность обстоятельства** | – ҳолатҳои сабуккунандаи ҷавобгарӣ |
| **Смягчение наказания** | – сабук кардани ҷазо |
| **Смягчение наказания ниже низшего предела** | – ба ҳадди камтар аз кам сабук кардани ҷазо |
| **Смягчение приговора** | – сабук кардани ҳукм |
| **Смягчение тяжести наказания** | – вазнинии ҷазоро сабук кардан, сабук кардани вазнинии ҷазо |
| **Снизить в должности** | – ба мансаби паст фуровардан |
| **Снос дома** | – вайрон кардани хона |
| **Сношение** | – ҳамкорӣ, алоқа, робита |
| **Снюхаться** | – забон як кардан |
| **Снятие допроса** | – бардоштани пурсиш |
| **Снятие запрета** | – бардоштани манъ |
| **Снятие показаний со свидетелей –** | бардоштани нишондод аз шоҳидон |
| **Снятие судимости** | – бардоштани доғи судӣ |
| **Снять допрос с подсудимого** | – бардоштани пурсиш аз судшаванда |
| **Снять кандидатуру** | – номзадиро гирифтан |
| **Соавтор** | – ҳаммуаллиф |
| **Соавторство** | – ҳаммуаллифӣ |
| **Соблазнить** | – фирефтан, фиреб додан |
| **Соблюдать дисциплину** | – интизомро риоя кардан |
| **Соблюдать закон** | – қонунро риоя кардан |

**(идома дорад)**

# ТАФСИРИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МУҲОҶИРАТ»

Зери таҳрири Узви вобастаи Академияи илмҳои ҶТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон
Раҳимзода Маҳмад Забир

*(Давомаш. Моддаҳои аввал дар шумораҳои гузашта)*

**Моддаи 9². Таҳвили маблағҳои пулӣ**

**Коргарони муҳоҷире, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатии музднок машғуланд, метавонанд маблағҳои пулии бадастоварда ва пасандозашонро ба ҳудуди давлати тарк намудаашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳвил намоянд.**

Моддаи тафсиршаванда оид ба таҳвили (интиқоли) маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатие, ки ба фаъолияти меҳнатии музднок машғуланд, бахшида шудааст. Таҳвили (интиқоли) маблағи пулӣ, ин аз ҷониби равонкунанда ба қабулкунанда ба воситаи танзимгарони низоми пардохти, таввасути бонкҳои миллӣ ва байналмилалӣ бо мақсади қабул кардани маблағҳои пулӣ ба ҳисоби қабулкунанда ё ин ки додани маблағи пулӣ бо роҳинақд мебошад. Коргарони муҳоҷири мехнатӣ гуфта он шахсонеро дар назар доранд, ки аз давалтҳои хориҷа барои машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки аз кишварҳои хориҷа ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ омадаанд, тибқи моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд. Шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатӣ мебаранд, ва барои меҳнати якхела новобаста аз шаҳрвандӣ музди баробар мегиранд. Музди меҳнати ба дастовардаашонро метавонанда ба ватани аҷдодиашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳвил (интиқол) намоянд. Тибқи моддаи 47 Конвенсияи байналмилалӣ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи коргарони муҳоҷир ва аъзоёни оилаи онҳо» коргарони муҳоҷир ҳуқуқ доранд, ки маблағҳои бадастоварда ва пасандозҳои худро, аз ҷумла маблағҳое, ки барои нигоҳ доштани оилаи онҳо заруранд, аз давлати кории кироя ба давлати аслӣ ё ҳар кадом давлати дигар таҳвил диҳанд. Чунин таҳвилҳо бояд мувофиқи тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи давлати дахлдор ва тибқи созишномаҳои байналмилалии амалкунанда ба амал бароварда шаванд. Давлатҳои дахлдор татбирҳои лозимро барои осон намудани чунин таҳвилҳо меандешанд.

**Моддаи 10. Ҳуқуқ ва вазифаҳои муҳоҷирони хориҷӣ**

**Шахсе, ки муҳоҷири хориҷӣ эътироф шудааст ва иҷозат барои истиқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро гирифтааст, аз ҳуқуқ ва озодиҳои муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебарад, инчунин барои уҳдадориҳои пешбиникардаи қонунҳо ё шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст.**

Моддаи тафсиршаванда ба ҳуқуқ ва вазифаҳои муҳоҷирони хориҷӣ бахшида шудааст.

Дар қисми 2 моддаи 16 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст, ки шаҳрвандони хориҷӣ аз ҳамаи ҳуқуқҳо ва озодиҳои муқарраргардида истифода мебаранд ва дар баробари шаҳрвандони Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд. Қонуни асосие, ки вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷиро муайян мекунад, ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки санаи 1 феврали соли 1996, №230 қабул шудааст. Мувофиқи моддаи 16 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 3 қонуни мазкур «Шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқу озодиҳо ва уҳдадориҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон баробар истифода мебаранд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст». Мувофиқи моддаи 22 Қонуни мазкур шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷуҳурии Тоҷикистон ба мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроияи ҳокимият интихоб карда, интихоб шуда ва таъин шуда, инчунин дар раъйпурсии умумихалқӣ иштирок карда наметавонанд».

Муҳлати иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раводиди (виза) додашуда муайян карда мешавад. Иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки доштани раводидро талаб намекунад, набояд аз 30 рӯзи тақвимӣ зиёд бошад. Шаҳрванди хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи меҳнатӣ бастааст ё ин ки дигар шарномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷрои кор бастааст, набояд аз 1 сол аз рӯзи омаданаш ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд бошад. Иқомати онҳо метавонанд зиёд ва кам карда шаванд, агар ҳолати тағйир ё вуҷуд доштани ҳолатҳои зарурӣ аз байн рафтааст, ки вобаста ба ӯ омадан ба Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шуда буд. Ҳамчунин шаҳрвандони хориҷӣ баъд аз гирифтани гувоҳномаи иқомат ҳуқуқи доимӣ зиндагӣ кардандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи боби 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳрвандони хориҷӣ дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳуқуқу уҳдадориҳои асосӣ доранд: фаъолияти меҳнатӣ, истироҳат, ҳифзи саломатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, додани манзили истиқоматӣ, ҳуқуқи молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, гирифтани маълумот, истифода аз дастовардҳои фарҳангӣ, иштирок дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, озодии виҷдон, муносибати оилавӣ, дахнопазирии шахс ва манзил (ғайр аз ҳуқуқи моликият), озодии аз ҷое ба ҷои дигар рафтан (тибқи қонунгузории ҶТ), андоз ва боҷ, ҳимояи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷа ва ғайраҳо.

Шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқомат мекунанд, бо хоҳиши худ наметавонанд ҷойи зисти худро иваз кунанд. Маҳдудият дар бобати аз як ҷо ба ҷои дигар рафтан ва интихоби ҷои зист вақте роҳ дода мешавад, ки агар он барои таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва маънавии аҳолӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсон зарур бошад.

Дар масъалаи шуғл бошад, шаҳрвандони хориҷӣ озодона қобилияти худро ба меҳнат ихтиёрдорӣ мекунанд ва намуди фаъолият ва касбро интихоб менамоянд. Корфармои шахсони хориҷӣ метавонанд чун шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ баромад кунанд, ки бо тартиби муқарраршуда иҷозат барои ҷалб ва истифодаи қувваи кории хориҷиро гирифтаанд. Ба сифати корфармо ҳамчунин шаҳрвандони хориҷие, ки ҳамчун соҳибкор ба қайд гирифта шудаанд, баромад менамоянд. Шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд, агар иҷозат ба меҳнатро гирифта бошанд.

Тартиби мазкур ба шаҳрвандони хориҷӣ паҳн намегардад:

1. Доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат доранд;
2. Иштирокчиёни барномаи давлатии мусоидат намудан ба кӯчидани шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.
3. Корманди намояндагиҳои дипломатӣ ва консулӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ бошанд.
4. Барои хабарнигор ваколатнома дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошанд.
5. Дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон таълим гирифта, дар вақтҳои таътил фаъолияти меҳнатӣ карда истода бошанд ва ғайраҳо.

Шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқу уҳдадориҳои зеринро надоранд:

1. Дар хизмати шаҳрвандии давлатӣ қарор дошта бошанд, ғайр аз ҳолатҳое, ки дар қонун зикр гардидааст;

2. Фармондеҳ дар киштиҳои ҳавоии авиатсияи шаҳрвандӣ бошанд;

3. Кор кардан дар иншоот ва ташкилоте, ки фаъолияташон бо таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикситон алоқаманд аст. Феҳристи ин гуна иншоотҳо ва ташкилотҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд;

4. Ҳуқуқи интихоб шудан ва интихоб карданро надоранд;

5. Ҳуқуқи моликият ба манзил;

6. Шаҳрвандони хориҷӣ ба хизмати давлатӣ даъват карда намешаванд.

**Моддаи 11. Шахсе, ки муҳоҷири хориҷӣ намебошанд**

**1. Вазъи ҳуқуқии муҳоҷири хориҷӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, дода намешаванд, агар онҳо:**

**- хизмати ҳарбиро дар қисмҳои ҳарбие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ гардидаанд, адо намоянд;**

**- дар ҳайати намояндагиҳои дипломатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ бошанд;**

**- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсили илм мекарда бошанд ё худ дар истеҳсолот ба коромӯзӣ машғул бошанд;**

**- тибқи шартномаҳои байналмилалӣ фаъолияти меҳнатиро анҷом медода бошанд;**

**- сайёҳ (турист), дар сафари хизматӣ, муҳоҷирони меҳнатии муваққатӣ (аз ҷумла варзишгарон, дастаҳои варзишгарон, ҳунарпешагон), ки ба тариқи транзит мегузаранд, тоҷирон ё амонатгузорон, сармоядорон бошанд;**

**- намояндагони воситаҳои ахбори оммавии хориҷӣ, радио ва телевизион, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон акредитатсия шудаанд, бошанд;**

**- дар иттиҳодияҳои динице, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман қайд гардидаанд, ба фаъолияти касбӣ машғул бошанд;**

**- ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расонидани кӯмаки хайрия ва башардӯстона омада бошанд;**

**- аъзои сарнишини киштиҳои баҳриву дарёӣ, нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан ва автомобилӣ бошанд.**

**2. Вазъи ҳуқуқии шахсе, ки дар қисми якуми ҳамин модда зикр шудаанд, бо қонунҳо ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.**

---

Моддаи тафсиршаванда ба шаҳрвандони хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд ва дар ҳолатҳои гуногун ба онҳо вазъи ҳуқуқии муҳоҷири хориҷӣ дода намешавад, бахшида шудааааст. Тибқи сархати 3 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» муҳоҷири хориҷӣ гуфта, шаҳрвандони хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандеро, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истиқомати муваққатӣ ё доимӣомадаанд, фаҳмида мешавад. Мувофиқи банди «г» моддаи 14 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шаҳрвандӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери мафҳуми шахси бешаҳрванд – шахсе, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон нест ва далелҳои мавҷудияти шаҳрвандии давлати дигарро надорад, мебошад. Ҳамчунин, ба мисли шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, агар ҷои истиқомати доимиашон берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар давлат бошад, дар ҳолатҳои нишондодашудаи моддаи мазкур вазъи ҳуқуқии муҳоҷирро намегирад. Бешаҳрвандӣ ҳолати ҳуқуқие мебошад, ки маҳрумияти шахсро аз шаҳрвандӣ нишон медиҳад, яъне бо ягон давлат ҳуқуқу уҳдадории тарафайн надорад.

Шаҳрвандони хориҷие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи муҳоҷирро намегиранд, онҳоро бо хусусиятҳои зерин тасниф кардан мумкин аст:

1. Вобаста ба ҳудуд (ҳудуди давлати хориҷа дар ҳудуди ҶТ):

- агар хизмати ҳарбиро дар қисмҳои ҳарбӣ анҷом дода истода бошанд;

- агар дар ҳайати намояндагони дипломатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ бошанд;

- аъзои сарнишини киштиҳои баҳриву дарёӣ, нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан ва автомобилӣ бошанд.

2. Вобаста ба муҳлат:

- дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсили илм мекарда бошанд ё худ дар истеҳсолот ба коромӯзӣ машғул бошанд;

- сайёҳ (турист), дар сафари хизматӣ, муҳоҷирони меҳнатии муваққатӣ (аз ҷумла варзишгарон, дастаҳои варзишгарон, ҳунарпешагон), ки ба тариқи транзит мегузаранд, тоҷирон ё амонатгузорон, сармоядорон бошанд.

3. Вобаста ба фаъолият:

- дар иттиҳодияҳои диние, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман қайд гардидаанд, ба фаъолияти касбӣ машғул бошанд;

- ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расонидани кумаки хайрия ва башардӯстона омада бошанд;

- тибқи шартномаҳои байналмилалӣ фаъолияти меҳнатиро анҷом медода бошанд.

Дар сархати якуми моддаи тафсиршаванда хизмати ҳарбии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардидааст. Чи тавреки мо медонем, мувофиқи қисми 2 моддаи 16 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият ва уҳдадорӣ доранд. Вале адои хизмати ҳарбӣ намудани шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо баъди пайдо намудани душаҳрвандӣ ё ин ки ҳангоми бастани шартномаи давлатии дуҷониба ба миён меояд ва чунин шахсон ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ намуданашон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлати худ аз адои хизмати ҳарбӣ озод мешаванд. Масалан, байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия шартномаи дуҷониба вуҷуд дорад, ки мувофиқи он шартнома Федератсияи Россия дар қаламрави кишвари мо метавонад пойгоҳи 201-и худро нигоҳ дорад. Яъне, ҳангоми адои хизмати ҳарбӣ хизматчиёни ҳарбии танҳо Федератсияи Россия ҷалб карда мешаванд ва онҳо ҳамчун муҳоҷир эътироф намешаванд, зеро байни кишварҳо шартнома вуҷуд дорад. Чунин шахсон дар ҷараёни адои хизмати ҳарбӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи муҳоҷирро намегиранд.

**Моддаи 12. Тартиби мурочиат ва баррасии дархости шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд дар бораи гирифтани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**1. Шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд метавонанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат кунанд, агар онҳо иҷозати дахлдори бо гувоҳномаи истиқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардашударо дошта бошанд.**

**2. Ариза оид ба додани иҷозат барои истиқомати доимӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки муваққатан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, ба мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатии маҳалли зисташон ва шахсони дар хориҷа истиқоматкунанда бошанд, ба намояндагии дипломатӣ ё муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.**

**3. Қарорро оид ба дархости шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар бораи ба онҳо додани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ қабул менамояд.**

**4. Муҳлати баррасии мавод дар бораи додани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон набояд аз як моҳ зиёд бошад.**

**5. Қарор дар бораи додани иҷозат барои истиқомати доимии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба расмият даровардан ва ба онҳо додани гувоҳномаи истиқомат асос шуда метавонад.**

**6. Қарор дар бораи рад намудани истиқомати доимии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати се рӯз аз рӯзи қабули қарор ба аризадиҳандагон ба таври хаттӣ хабар дода мешавад.**

Моддаи тафисршаванда ба тартиби муроҷиат ва баррасии дархости шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд дар бораи гирифтани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ намудааст.

Дар қисми якуми моддаи тафсиршаванда ҳуқуқи истиқомати доимии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд пешбинӣ шудааст. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бо тартиби муайян ва баъд аз гирифтани иҷозатнома метавонанд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ намоянд. Тартиби дурусти муроҷиати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд мувофиқи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Қоидаҳои иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1999, №218 тасдиқ шудааст, ба танзим дароварда мешавад. Муроҷиатҳо мафҳуми умумӣ буда, дар зери онариза, дархост, таклиф, шикояти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шифоҳӣ ба мақомоту ташкилоти дахлдор пешниҳод шудаанд, фаҳмида мешавад. Шахсон ҳангоми муроҷиат намудан ба мақомоти ваколатдор, ки тартиби онҳо бо «Қоидаҳои иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1999, №218 тасдиқ шудааст) муайян шудааст, бояд риоя кунанд. Яъне, мувофиқи қоидаи номбаршуда шахс бояд, ариза дар ду нусха дар варақае, ки шакли онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, таҳия намояд. Ҳангоми додани ариза бояд сурат, шаҳодатнома ва дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи шаҳрванди хориҷӣ, иҷозати иқомати муваққатӣ, маълумотнома аз ҷои кор ва ғайраҳоро пешниҳод намояд. Қарор аз рӯи дархостҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар бораи додани иҷозат барои истиқомати доимии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сардори Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар ҳолати набудан аз ҷониби муовинони ӯ бо тартиби муқарраргардида баъд аз мувофиқа бо Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад. Мӯҳлати баррасии маводҳо дар бораи додани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон набояд аз 1 моҳ зиёд бошад. Қарорҳои мусбӣ дар бораи додани иҷозат барои истиқомати доимии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба онҳо додани гувоҳномаи истиқомат асос шуда метавонанд.

Дар қисми якуми моддаи тафсиршаванда зикр шудааст, ки шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд метавонанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ истиқомат кунанд, агар онҳо иҷозати дахлдори бо гувоҳномаи истиқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровардашударо дошта бошанд. Яъне, пеш аз муроҷиат шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд уҳдадор мешаванд, ки дар асоси қонун на камтар аз шаш моҳ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат кунанд. Пас аз гузаштани ин мӯҳлат шахсони мазкур ҳуқуқ доранд, ки барои гирифтани иҷозатнома дар хусуси истиқомати доимӣ ба Хадамоти муҳоҷирати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ариза муроҷиат намоянд. Пас аз муроҷиат ва гузаштани тартиби муаяйн ба шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд гувоҳномаи истиқомати доимӣ дода мешавад. Яъне, баъд аз гирифтани он метавонанд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ кунанд.

Кисми дуюми моддаи тафсиршаванда ариза оид ба додани иҷозат барои истиқомати доимӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки муваққатан дар Ҷумҳурии Тоҷи-кистон қарор доранд, ба мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатии маҳалли зисташон ва шахсони дар хориҷа истиқоматкунанда бошанд, ба намояндагии дипломатӣ ё муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад, зикр намудааст. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд агар дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд,пас бо аризаи иҷозат барои гиифтани ҳуқуқи истиқомати доимӣ ба мақомоти ваколатдор, яъне Хадамоти муҳоҷирати ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат мекунанд ва дар сурати берун аз

ҳудуди Ҷумҳурии Точикистон қарор доштан ба намояндагии дипломатӣ ва консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат менамоянд.

Қисми сеюми моддаи тафсиршаванда оид ба додани дархост ва вобаста ба ӯ қабул намудуни қарор аз ҷониби мақомоти ваколатдор пешбинӣ карда шудааст. Қарор аз рӯи дархостҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар бораи додани иҷозат барои истиқомати доимии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сардори Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар ҳолати набудан аз ҷониби муовинони ӯ бо тартиби муқарраргардида баъд аз мувофиқа бо Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад. Муҳлати баррасии маводҳо дар бораи додани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон набояд аз 1 моҳ зиёд бошад. Қарорҳои мусбӣ дар бораи додани иҷозат барои истиқомати доимии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба онҳо додани гувоҳномаи истиқомат асос шуда метавонанд.

Мувофиқи қисми чоруми моддаи тафсиршаванда муҳлат вақти муайянест, ки барои анҷом додани ягон кирдор равона карда шудааст. Баррасикунии ҳар як масъала дорои муҳлатҳои муайян мебошад. Барои баррасӣ намудани масъалаи додани иҷозат барои истиқомати доимӣ як моҳ пешбинӣ карда шудааст. Дар сурати вайрон намудани муҳлати мазкур мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шудааст.

Тибқи қисми панҷуми моддаи тафсиршаванда асос, яъне факти барасмиятдарорӣ ва додани гувоҳномаи истиқоматӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори иҷозат барои истиқомати доимӣ шуда метавонад. Ҳангоми набудани қорори иҷозати истиқомати доимии онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Точикистон метавонанд аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ронда шаванд.

Дар қисми панҷуми моддаи тафсиршаванда бошад оид ба рад намудани додани иҷозат пешбинӣ карда шудааст. Қарор дар бораи рад намудани додани иҷозат ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд оид ба истиқомати доимӣ дар муҳлати се рӯз аз рӯзи қабули қарор ба таври хаттӣ хабар дода мешавад. Қарорҳои рад намудан оид ба додани иҷозат барои истиқомати доимии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аризадиҳандагон дар давоми се рӯз аз лаҳзаи қабули қарор бо гирифтани забонхат хабар дода мешавад. Бо талаби дархосткунанда сабабҳои рад кардан хаттӣ баён карда мешаванд. Вобаста ба қарори рад ҷиҳати додани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти болоӣ ва ё суд шикоят кардан мумкин аст. Қарори рад дар бораи додани иҷозат барои истиқомати доимии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 моҳ эътибор дорад. Пас аз гузаштани ин муҳлат шаҳрвандони хориҷӣ ва ё шахсони бешаҳрванд ҳуқуқ доранд, ки бо дархости такрорӣ ба Хадамоти муҳоҷирати ҷои зист муроҷиат намоянд.

Додани иҷозат барои истиқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин рад карда мешавад:

а) бо мақсади таъмини амнияти миллӣ ва ё муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ;

б) ба шахси беморе, ки сабабгори паҳн шудани бемориҳои мухталиф (эпидемия) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда метавонад;

в) ба шахсе, ки қонунгузориро дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон намудааст;

г) ба шахсе, ки нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардидааст то анҷоми истеҳсолот оид ба парванда;

д) агар шахс барои содир намудани ҷиноят дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суд бошад то анҷоми муҳлати ҷазо ва ё озод шудан аз ҷазо;

е) агар шахс дар бораи худ маълумоти бардурӯғ диҳад ва ё ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод накарда бошад.

***(идома дорад)***

# ҶАМЪБАСТИ

## амалияи судии баррасии парвандаҳои оилавӣ дар бораи эътироф намудани аъзои оила ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, ки аз тарафи судҳои шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ва нимсолаи аввали соли 2017 баррасӣ гардидаанд

Ҷиҳати иҷрои нақшаи кории Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамъбасти таҷрибаи судӣ дар бораи аз ҷониби судҳо баррасӣ кардани парвандаҳо дар бораи эътироф намудани аъзои оила ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ гузаронида шуд.

Мақсад аз гузаронидани ҷамъбастии мазкур, омӯзиши таҷрибаи судӣ вобаста ба баррасии парвандаҳои оилавӣ дар бораи эътироф намудани аъзои оила ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ дар оянда таъмин намудани беҳбудии фаъолияти судҳо ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, ҳангоми баррасию ҳалли ин намуд парвандаҳо мебошад.

Ба Суди Олӣ барои гузаронидани ҷамъбастӣ аз ҳамаи судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 1323 - адад парванда, ки дар соли 2016 ва нимсолаи аввали соли 2017 баррасӣ шудаанд, ворид гардид.

Тазаккур бояд дод, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳалли чунин гурӯҳи парвандаҳо дуруст татбиқ намудани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба манзил мусоидат мекунад.

Таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки соли 2015 Суди Олӣ чунин ҷамъбасткунии таҷрибаи судиро гузаронида, бо мақсади баратараф намудани камбудиҳои дар таҷрибаи судҳо ҷойдошта натиҷаи ҷамъбастиро ба ҳамаи судҳои ҷумҳурӣ ирсол карда будааст.

Аммо омӯзиши парвандаҳои дар соли 2016 ва нимсолаи аввали соли 2017 баррасӣ намудаи судҳо нишон дод, ки судяҳо боз ба хатогиву камбудиҳое роҳ додаанд, ки қаблан ба онҳо роҳ дода буданд.

Тибқи талаботи моддаи 135 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аризаи даъвогӣ ҳуҷҷати тасдиқкунандаи боҷи давлатӣ замима мегардад.

Агар аризаи даъвогӣ ба суд бе риояи талаботи моддаи 135 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда бошад, суд дар асоси талаботи моддаи 139 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳаракат монондани ариза таъинот қабул мекунад.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми ба суд пешниҳод кардани аризаи даъвогӣ дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ, боҷи давлатӣ ба андозаи муқаррарнамудаи қисми 2, банди 2, моддаи 4-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» 5% аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда шудааст.

Аммо, омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки на ҳама вақт талаботи ин қонун риоя карда мешавад.

Масалан, аризаи даъвогии Саёрамоҳ А. ба ҷавобгарии Шарипова Ш.С. ва Шарипов Ф.И. -ро дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ ба мурофиаи суд қабул кардааст. Аммо расиди пардохти боҷи давлатӣ дар қабати маводҳои парванда мавҷуд нест. Аз ин бармеояд, ки судя масъалаи пардохти боҷи давлатиро мадди назар кардааст.

Чунин ҳолат ҳангоми ба мурофиаи суд қабул кардани аризаи даъвогии Умарова З.Ш. ба ҷавобгарии Умаров О.Ҳ. ва Умаров Р.О. дар бораи аъзои оила эътироф намудан ва маскун кардан ба манзил (судя Низомӣ Ш.А.) дида мешавад. Даъвогар Умарова З.Ш. бе пардохти боҷи давлатӣ ба суд даъво пешниҳод намуда, аз суд хоҳиш накардааст, ки ӯ аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда шавад. Вале судя даъворо ба мурофиаи суд қабул кардааст.

Дар баъзе мавридҳо дар вақти супоридани аризаи даъвогӣ боҷи давлатӣ кам ё зиёд супорида мешаванд.

Тибқи муқаррароти қисми 2 моддаи 134 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар аризаи даъвогӣ бояд ҳолатҳое, ки даъвогар талаботи худро асоснок месозад ва далелҳое, ки ин ҳолатҳоро тасдиқ мекунанд, зикр гарданд.

Омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки судяҳо ҳангоми ҳалли масъалаи ба мурофиаи суд қабул намудани аризаҳои даъвогӣ ба шакл ва мазмуни аризаҳои даъвогй, бахусус нисбати он, ки дар аризаи даъвогӣ бояд ҳолатҳое, ки даъвогар талаботи худро асоснок месозад ва далелҳое, ки ин ҳолатҳоро тасдиқ мекунанд, нишон дода шавад, диққати зарурӣ дода намешавад.

Бояд дар назар дошт, гарчанде, ки дар моддаи 135 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи ҳуҷҷатҳои ба аризаи даъвогӣ замимакардашаванда нишон дода шуда бошад ҳам, вале вобаста ба даъво оиди аъзои оила эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истикоматӣ, бо аризаи даъвогӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи моликии ҷавобгарро ба манзил тасдиқ мекунанд, ҳуҷҷатҳое, ки дар асоси онҳо муносибати тарафҳоро муайян кардан мумукин аст, (масалан шаҳодатномаи никоҳ, шаҳодатномаи таваллуд) шароити саривақт ва қонунию асоснок баррасӣ ва ҳал кардани парвандаро таъмин карда метавонад.

Агар ҳангоми пешниҳоди даъво чунин ҳуҷҷатҳо ҳамчун далел ба аризаи даъвогӣ замима карда нашуда бошанд, судяҳо ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ тибқи талаботи қисми 2 моддаи 153 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд ба даъвогар пешниҳод намоянд, ки далелҳои иловагиро ба суд супорад.

Асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият дар моддаи 242 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Дар маҳалҳои аҳолинишини деҳот дар баробари дигар ҳуҷҷатҳо, мансубияти манзилро метавонад маълумотномаи мақомоти дахлдори ҳокимияти маҳаллӣ, ки қарори колхоз ё совхозро дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ тасдиқ намудаанд, бошанд.

Аммо дар қабати маводи баъзе парвандаҳо ҳамчун далел ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунанда, ки соҳибмулкии ҷавобгарро ба манзили истиқоматӣ тасдиқ менамоянд, вуҷуд надоранд.

Масалан, Ҳомидова (Иброҳимзода) Х. ба суд бо даъво ба ҷавобгарии Ҳомидов И., Ҳомидов О. ва Ҳомидова М. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ муроҷиат кардааст. Даъвогар ба ариза ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунандаи манзилро замима накардааст.

Ё ин ки ба суд бо даъво Давлатшоева Н.Ю. ба ҷавобгарии Туғstation Т. ва Туғншоев Г.Т. дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ муроҷиат карда, ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунандаи манзилро ба суд пешниҳод накардааст.

Тибқи талаботи моддаи 136 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси қабули аризаи даъвогӣ судя таъинот қабул мекунад, ки мутобиқи он баррасии парвандаи гражданӣ дар суди марҳилаи якум оғоз мегардад.

Омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки судяҳо ҳангоми ба мурофиаи суд қабул намудани аризаҳои даъвогӣ ва омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ ба сифати санадҳои судӣ диққати зарурӣ намедиҳанд.

Масалан, дар суд ҳангоми ба мурофиаи суд қабул кардани аризаи даъвогии Зиёқулова С.Э. ба ҷавобгарии Саидов Б. ва Саидов С.Б. дар бораи аъзои оила эътироф намудан ва маскун кардан ба манзили истиқоматӣ ҳам дар таъиноти қабул ва оғози парвандаи оилавӣ ва ҳам дар таъиноти омодасозии парванда ба муҳокимаи судй имзои судя мавҷуд намебошад.

Тибқи талабоги қисми 2 моддаи 74 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон далелҳои хаттӣ дар шакли асл ё дар шакли нусхаи ба таври дахлдор тасдиқгардида пешниҳод карда мешаванд.

Чун қоида, даъвогар ба аризаи худ ба ҷои ҳуҷҷатҳои аслй, нусхаи ба таври дахлдор тасдиқгардидаро бояд пешниҳод намояд.

Вале омӯзиши парвандаҳо нишон дод, ки дар баъзе мавридҳо судяҳо намесанҷанд, ки оё ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда ба таври дахлдор тасдиқ карда шудаанд ё не ва оё дар онҳо ҳамаи нишонаҳои зарурй дарҷ шудаанд ё не. Ғайр аз

он, дар аксар ҳолатҳо ба маводҳои парванда нусхаи (аксбардошташудаи) ҳуҷҷатҳо ҳамроҳ карда шудаанд, ки онҳо дар маҷлиси судӣ аз ҷониби раисикунандаи маҷлиси судй бо аслашон муқоиса ва тасдиқ карда нашудаанд.

Чунин ҳолат аз рӯи парвандаи оилавй бо даъвои Тошпулотова Н.А. ба ҷавобгарии Ишонқулов Н.Б., Ишонқулов Б.С. ва Ишонқулова Г., аз рӯи парвандаи оилавӣ бо даъвои Ҷалолова Г.Ҳ. ба ҷавобгарии Абозов И. ва Дадоҷонова М., аз рӯи парвандаи оилавй бо даъвои Қодирова Д. ба ҷавобгарии Юлдошев Д.Т., аз рӯи парвандаи оилавӣ бо даъвои Бо бохонова З.Р. ба ҷавобгарии Файзуллоев О.Р. ва Ғуломова М.С., аз рӯи парвандаи оилавӣ бо даъвои Тошматова Ш.А. ба ҷавобгарии Тошматов С. ва Тошматов С.С.

Мутобиқи талаботи моддаи 150 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон судя баъди қабули ариза ҷиҳати омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул мекунад ва амалеро, ки тарафҳо, шахсони дигари иштирокчии парванда бояд анҷом диҳанд, муҳлати иҷрои ин амалҳоро барои таъмини баррасии саривақтии парванда ва ҳалли дурусти он зикр менамояд.

Дар асоси муқаррароти банди 1 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12 аз 19 декабри соли 2008 «Дар бораи омодасозии парвандаҳои гражданй ба муҳокимаи судӣ» омодасозии саривақтӣ ва пурраи парванда ба муҳокимаи судӣ барои баррасӣ ва ҳалли дурусти парванда дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун аҳамияти муайян дорад.

Тибқи талаботи банди 8 қарори Пленуми Суди номбурда ҳангоми омодасозии парванда судя вазифадор аст, бо дарназардошти қисми 2 моддаи 13 ва сархати 2 қисми 1 моддаи 153 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарафҳо ва дигар шахсони иштирокчӣ, ки ба парванда ҷалб карда шудаанд, ҳуқуқу ўҳдадориҳои мурофиавиашонро ба таври муфассал фаҳмонад, инчунин муқаррароти қисми 1 моддаи 71 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи он, ки тарафе, ки ўҳдадор аст талабу норозигии худро исбот намояд, аммо далелҳои доштаро нигоҳ дошта ба суд пешниҳод намекунад, суд ҳуқуқ дорад хулосаи худро бо баёноти тарафи дигар асоснок намуда, тавзеҳ диҳад.

Омодасозии парвандаҳои оилавй ба муҳокимаи судӣ давраи мустақили мурофиаи гражданӣ ба ҳисоб рафта, мақсадаш таъмини дурусту саривақтии баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани парвандаҳо мебошад, ки гузаронидани он тибқи талаботи моддаи 150 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ҳамаи парвандаҳои оилавй ҳатмй мебошад.

Омодасозии саривақтӣ ва пурраи парванда ба муҳокимаи судӣ барои баррасӣ ва ҳалли дурусти парванда дар муҳлати муқаррарнамудаи қонун аҳамияти муайян дорад.

Судяҳои судҳои ҷумҳурӣ дар вақти гузаронидани омодасозии парвандаҳо ба муҳокимаи суд талаботи моддаҳои 150-153 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя карда, таъинотҳои судиро дуруст қабул кардаанд.

Вале дар баъзе ҳолатҳо судяҳо талаботи моддаи 153 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №12 аз 19 декабри соли 2008 «Дар бораи омодасозии парвандаҳо ба мӯҳокимаи судӣ»-ро аз мадди назар дур монда ба камбудиҳо низ роҳ додаанд.

Тавре омӯзиши парвандаҳо нишон дод, судяҳо дар баъзе ҳолатҳо талаботи моддаю Қарори дар боло зикргардидаро риоя накарда, таъинот дар бораи омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ қабул накарда, ё омодасозиро ба таври рӯякӣ гузаронида, фақат дар таъинотҳо дарҷ менамоянд, ки тарафҳо ба суҳбат даъват карда шуда, ба онҳо ҳуқуқу ухдадориҳои мурофиавишон фаҳмонда дода шавад ва дигар амалиётҳоеро, ки қарори Пленуми Суди дар боло овардашуда пешбинӣ кардаанд, сарфи назар менамоянд.

Гарчанде, ки қонунгузор муҳлати омодасозии парванда ба муҳокимаи судиро ба таври мушаххас муқарар накарда бошад ҳам, вале бояд судҳо тавре омодасозиро гузаронанд, ки тарафҳо ва шахсони иштирокчии парванда барои омода шудан ба муҳокимаи судӣ вақти кофӣ ва имконият дошта бошанд.

Аммо ҳангоми омӯзиши парвандаҳо маълум гардид, ки баъзе судяҳо аҳамият ва вазифаҳои омодасозии парвандаро ҳамчун марҳилаи зарурӣ мадди назар менамоянд.

Чунин амали «фаврӣ» ба мақсади омодасозии парванда мувофиқ намебошад.

Омӯзиш нишон дод, ки дар баъзе мавридҳо судяҳо аризаи даъвогии муқобили даъворо қабул намуда, омодасозии парванда ба муҳокимаи судиро намегузаронанд. Ҳол он ки тибқи талаботи модцаи 140 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди аризаи даъвогии муқобили даъво тибқи қоидаҳои умумии пешниҳоди аризаи даъвогӣ сурат мегирад.

Тибқи талаботи моддаи 156 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, судя парвандаро ба муҳокимаи судӣ омодашуда эътироф намуда, дар хусуси таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ таъинот қабул мекунад ва тарафҳо, дигар шахсони иштирокчии парванда оид ба вақт ва маҳалли баррасии парванда огоҳ намуда, дигар иштирокчиёни мурофиаро даъват мекунад.

Омӯзиши парвандаҳои мазкур нишон дод, ки судҳо ба шитобкорӣ роҳ дода, дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин парвандаро ба муҳокимаи судӣ таъин мекунанд. Ҳол он ки тибқи талаботи қисми 2 моддаи 115 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони иштирокчии парванда, инчунин намояндаҳо даъват бояд тарзе супурда шавад, ки онҳо барои саривақт ҳозир шудан ба суд ва омодагӣ ба парванда вақти кофӣ дошта бошанд, аммо хабарнома дар ҳар ҳолати на дертар аз се рӯз то оғози маҷлиси судӣ дастраси онҳо гардад.

Судҳо бошад дар бисёр ҳолатҳо таъинот дар хусуси таъин намудани парванда ба муҳокимаи судӣ қабул накарда парвандаро баррасӣ мекунанд ё бевосита пеш аз баррасӣ намудани парванда таъинот қабул мекунанд.

Иштироки шахс дар муҳокимаи судӣ ба шахсони иштирокчии мурофиа - тарафҳо имконият медиҳад, ки ҳимояи ҳуқуқҳояшонро ба амал бароранд, ба суд бошад, барои муайян намудани ҳолатҳои воқеии кор мусоидат мекунад.

Мутобиқи талаботи моддаи 115 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони иштирокчии парванда, инчунин шоҳидон, коршиносони судӣ, мутахассисон ва тарҷумонҳо ба суд ба воситаи мактуби супоришӣ бо огоҳонидан оид ба супоридани он, ба воситаи даъвати судӣ бо огоҳонидан оид ба супоридани он, ба воситаи телефонограмма ё телеграмма, ба воситаи алоқаи факсималӣ ё бо воситаи дигари алоқа ва дастраскунӣ, ки супоридани хабарнома ва даъвати судӣ ва супоридани онро ба шахси қабулкунанда сабт мекунад, хабардор ё даъват карда мешаванд.

Омузиши парвандаҳо нишон дод, ки дар таҷрибаи судӣ ҳолатҳои ба таври дахлдор хабардор ё даъват накардани шахсони иштирокчии парванда, ҷой доранд.

Мутобиқи моддаи 198 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад.

Аммо ҳолатҳои вайронкунии ин талаботи қонун ба назар мерасад.

Ҳалномаи судӣ бояд пурра ба талаботи моддахои 200 ва 202 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй, яъне қонунӣ ва асоснок бошад.

Тибқи тавзеҳоти банди 2 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2010, таҳти № 13 «Дар бораи ҳалномаи судӣ» ҳалнома дар он ҳолат қонунӣ мебошад, ки агар он бо риояи дақиқи меъёрҳои хуқуқи мурофиавӣ қабул карда шуда, ба меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ, ки нисбати ҳамин муносибатҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд, пурра мувофиқат кунад, ё дар ҳолатҳои зарурӣ ба татбиқи қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ асос карда шуда бошад.

Ҳалнома ҳамон вақт асоснок мебошад, ки агар ҳолатҳои парванда бо далелҳои дар маҷлиси судӣ таҳқиқгардида, ки ба талаботи қонун оиди дахлдорӣ ва ҷоизии далелҳо ҷавобгӯй мебошанд, ё ҳолатҳое, ки ба исбот эҳтиёҷ надоранд (моддаи 64 КМГ) тасдиқ шуда бошанд. Инчунин, вақте ки ҳалнома хулосаҳои мукаммали судро дар бар мегирад, ки онҳо аз ҳолатҳои воқеии парванда бармеоянд.

Тибқи муқаррароти моддаҳои 151 ва 153 КМГ ҶТ, яке аз вазифаҳои омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ - ин ҳалли масъалаҳо оид ба ҳайати шахсони иштирокчии парванда ва дигар иштирокчиёни мурофиа мебошад.

Мутобиқи талаботи сархати дуюми моддаи 121 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҳолатҳои мустасно инчунин дигар ашхос, ки бо молик муқимӣ истиқомат мекунанд ва бо ӯ хоҷагии умумиро пеш мебаранд, чун аъзои оилаи молик шинохта мешаванд. Хӯрандагони ғайри қобили меҳнат, агар бо молик муқимӣ

зиндагӣ кунанд, аъзои оилаи ӯ дониста мешаванд.

Тибқи талаботи моддаи 214 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалнома баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани он, ба истиснои ҳолатҳои иҷрои фаврӣ, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ва ҳамин Кодекс иҷро карда мешавад.

Тибқи талаботи моддаи 412 КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои ҳалнома, таъинот, қарори суд ё судя аз додани ҳуҷҷати дахлдори иҷро оғоз мешавад.

Суд ба ситонанда варақаи иҷроро баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома, таъинот ё қарор месупорад, ба истисноi ҳолатҳои иҷрои фаврӣ, ки ҳангоми он варақаи иҷро баъди баровардани санади судӣ фавран дода мешавад. Варақаи иҷро ба ситонанда супурда мешавад ё мутобиқи хоҳиши ӯ аз ҷониби суд барои иҷро бевосита ирсол мегардад.

Аз 1323 парвандаҳои мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар 86 парванда оиди варақаи иҷро навишта шуда ба ситонанда ё иҷрочии суд барои иҷроиш супорида шудан, мавҷуд аст, ки он 6% аз парвандаҳои омӯхташударо ташкил медиҳад. Дар боқимонда парвандаҳо маълумот дар бораи он, ки варақаи иҷро навишта шудааст мавҷуд намебошад.

Таҳлили парвандаҳо нишон дод, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои оилавӣ дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ аз тарафи баъзе судяҳои судҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ талабот меъёрҳои ҳуқуқҳои моддию мурофиавии граждании ба таври дахлдор риоя карда намешаванд.

Дар асоси нишондодҳои дар боло овардашуда ва бо мақсади манфиатнокии ин ҷамъбасткунии таҷрибаи судӣ,

## ПЕШНИҲОД КАРДА МЕШАВАД:

Ҷамъбасти таҷрибаи судӣ оиди баррасии парвандаҳои оилавӣ дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ дар машғулияти семинарии ҳармоҳаи судҳо дар иштироки судяҳо мавриди муҳокима қарор дода шавад.

Ба судяҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тавсия дода шавад, ки ҳангоми баррасии парвандаҳо дар бораи аъзои оилаи молик эътироф намудан ва маскун намудан ба манзили истиқоматӣ, баҳри балан бардоштани сифати ҳалномаю таъинотҳои судӣ Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №13, аз 23 июни соли 2010 «Дар бораи ҳалномаи судӣ» ва қонунҳои моддию мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гиранд.

Коллегияи судӣ оид ба
парвандаҳои оилавии Суди
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗ** **РЕЦЕНЗИЯ**



**Идизода Файзалӣ Фузайлшо**
*Директори Маркази миллии қонунгузории*
*назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент*

## Тақриз

### ба монографияи С. А. Раҷабов ва Ф. Н. Ҷабборов «Масоили актуалиии ҳуқуқи байналмилалии об». – Душанбе, 2018. – 270 с.

Дар ҷаҳони муосир дар баробари афзоиши пайвастаи аҳолии дунё, тағйирёбии иқлим, офатҳои табиӣ, норасоии об, бемориҳои сироятӣ, мунокишаҳои сиёсии марбут ба об, ба масоили актуалии рӯз табдил ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳаллу фасли масъалаҳои об дар ҷаҳон нақши Пешвои миллат- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят бузург аст. Хусусан аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудани қатъномаҳо оид ба эълони «Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, соли 2013», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», аз таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва истиқболи комили ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ташаббусҳои Сарвари Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори Даҳсолаи нав дар ҳалли масъалаҳои об ҳиссагузорӣ ва пешсафии худро нишон дод ва тарҳҳои обӣ ва гидроэнергетикии худро бо истифода аз механизмҳои пурнуфузи байналмилалӣ амалӣ гардонида, дар ҳалли масоили ҷаҳонии об нақши мондагор мегузорад.

Воқеан ҳам, имрӯз кишвари мо таҳти сарварии Пешвои башардӯсту халқпарвари миллат дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳҳои амалӣ намудани Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» -ро ҷустуҷӯ менамояд.

Яке аз чунин иқдомҳо дар ин ҷода аз тарафи олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалӣ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҷабов С.А ва ходими илмии ҳамин шуъба Ҷабборов Ф.Н. таълиф намудани монографияи пурарзише таҳти унвони «Масоили актуалии ҳуқуқи байналмилалии об» мебошад, ки дар бораи мафҳум, предмет, методҳои танзими ҳуқуқии истифодабарии обҳои фаромарзӣ, сарчашмаҳо ва субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии об, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии об, нақш ва ҷойгоҳи онҳо дар танзими истифодабарии обҳои фаромарзӣ баҳс мекунад.

Монографияи тақризшаванда ба масоили мубрами танзими истифодаи обҳои фаромарзӣ бахшида шудааст.

Тадқиқот аз пешгуфтор, муқаддима, дувоздаҳ боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар боби I сухан дар бораи истилоҳот дар ҳуқуқи байналмилалии об меравад ва мафҳумҳои дарёи байналмилалӣ, обанбор ва кӯлҳои байналмилалӣ, обҳои фаромарзӣ ва дигар мафҳумҳое, ки нисбат ба захираҳои обҳои фаромарзӣ истифода мешаванд, мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд.

Дар боби II ба сурати иҷмол таърихи дуҳазорсолаи реҷаҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии дарёҳои қитъаҳои Аврупо, Амрико, Осиё, Африқо ва минтақаи Осиёи Марказиро баррасӣ гардидааст.

Боби III ба тадқиқи мафҳум, предмет ва методи танзими ҳуқуқи байналмилалии об, ҳамчунин ба низоми ҳуқуқи байналмилалии об бахшида шудааст.

Боби IV ба сарчашмаҳои асосии ҳуқуқи байналмилалии об (шартномаҳои байналмилалӣ ва одатҳои байналмилалӣ) ва воситаҳои ёрирасон барои муайян кардани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии об (доктринаҳои баландихтисостарин мутахассисони ҳуқуқи байналмилалӣ, меъёрҳои ҳуқуқи нарм), ҳамчунин нақши ҳуқуқи дохилидавлатӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии вобаста ба об бахшида шудааст.

Дар боби V мафҳуми принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии об, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалии об, ки аз принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ бармеоянд, принсипҳои махсуси ҳуқуқи байналмилалии об ва принсипҳои байнисоҳавии ҳуқуқи байналмилалии об ва нақши онҳо дар танзими истифодабарии обҳои фаромарзӣ мавриди ғавру баррасӣ қарор гирифтааст.

Истифодаи киштигардии дарёҳои байналмилалӣ, озодии киштигардӣ ва хусусиятҳои он, ҷанбаҳои ҳуқуқии истифодаи киштигардии дарёҳои байналмилалӣ дар мисоли Аврупо дар боби VI ва асосҳои ҳуқуқии истифодаи намудҳои ғайрикиштигардии обҳои байналмилалӣ, мисли эҳтиёҷоти ошомиданӣ ва маишии аҳолӣ, истеҳсоли гидроэнергетика, обёрӣ, моҳидорӣ ва чӯбкашонӣ дар боби VII таҳлил ва баррасӣ шудаанд.

Агар боби VIII муҳофизати байналмилалӣ-ҳуқуқии захираҳои обро дарбар гирад, пас боби IX ба нақши созмонҳои байналмилалӣ дар ташкили ҳамкории давлатҳо вобаста ба об ва нақши ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ ба об бахшида шудааст.

Боби X тавсифи умумии ҳалли баҳсҳои байналмилалӣ дар соҳаи истифода ва муҳофизати захираҳои об, ҳалли баҳсҳои байналмилалӣ вобаста ба истифода ва муҳофизати об дар мисоли қарори Суди байналмилалии СММ оид ба парванда нисбати лоиҳаи Габчиково-Надмарош (Венгрия алайҳи Словакия) оид ба сохтмони иншоотҳои гидротехникӣ ва аҳамияти он барои сохтмони иншоотҳои гидротехникӣ дар Тоҷикистон, оид ба лоиҳаи Лесото-Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ роҷеъ ба баландии сарбанд ва аҳамияти он барои сохтмони сарбандҳои баланд дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар мегирад.

Дар боби XI сухан дар бораи истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳамкорӣ дар истифодабарии обҳои фаромарзӣ (таҷрибаи ИМА ва Канада оид ба танзими муштараки реҷаи истифодабарии захираҳои обии дарёи Колумбия ва таҷрибаи Бразилия ва Парагвай оид ба сохтмони муштараки нерӯгоҳҳои обии барқӣ дар обҳои фаромарзӣ), аҳамияти онҳо барои давлатҳои Осиёи Марказӣ меравад.

Таҳлили муқоисавии меъёрҳои миллӣ-ҳуқуқии истифодаи обҳои фаромарзӣ дар мисоли Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби XII таҷассуми худро ёфтааст.

Дар хотимаи монография иқдомот барои такмил додани базаи ҳуқуқии обҳои фаромарзӣ аз тариқи ҳамроҳ шудан ба Муоҳидаҳои с.1992 ва с. 1997 ва даровардани тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 145 ва 146 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар робита бо принсипҳои ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи истифодаи обҳои фаромарзӣ, дақиқтар намудани баъзе аз мафҳумҳо ва истилоҳот мисли ҳавзаи байналмилалии объекти обӣ, ноҳияи ҳавзаи байналмилалии объекти обӣ, обҳои фаромиарзӣ ва ғ. пешниҳод шудаанд.

Гуфтаҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, бо боварии том гуфта метавонем, ки монографияи доктори илмҳои

ҳуқуқ, профессор С.А. Раҷабов ва ходими илмӣ Ф.Н.Ҷабборов воқеан тадқиқоти халлоқ, аслӣ ва мустақил буда, дар сатҳи баланди назариявӣ ва методологӣ анҷом дода шудааст. Дар китоб пойдевор ва асосҳои раҳбурди нав барои омӯзиши масоили актуалии ҳуқуки байналмилалии об дар марҳилаи муосир гузошта шудааст. Истифодаи ин асар раванди таълимро дар муассисаҳои таълими олии касбӣ, ки дар зинаҳои бакалавр, магистр ва аспирант аз рӯи ихтисоси 24.01.01 - «ҳуқуқи байналмилалӣ» кадрҳои ҷавон тайёр мекунанд, хеле ғанӣ мегардонад. Пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллифони монография метавонанд дар фаъолияти қонунгузории миллӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Монографияи тақризшаванда, бешубҳа, саҳифаи нав дар назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалии об буда, саҳми арзандаи олимони ватанӣ дар ҳаллу фасли масоили мубрами вобаста ба обҳои фаромарзӣ мебошад. Асар ба забони фасеҳи давлатӣ ва дар сатҳи баланди илмӣ навишта шуда, ба ҳама талаботе, ки барои чунин намуди таълифот пешбинӣ мешаванд, ҷавобгӯ буда, барои табъу нашр тавсия карда мешавад.

## ИТТИЛООТ ИНФОРМАЦИЯ

### ХӮШХАБАР

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 31 майи соли 2018 ба Номгӯи маҷалла ва нашрияҳои такризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд.

**Роҳбарияти Марказ**

## МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗӮИ «ПЕШГИРИИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20 апрели соли 2018 дар мавзӯи «Пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мизи мудаввар баргузор намуд.

Дар кори мизи мудаввар намояндагон аз вазорату идораҳои давлатӣ, васоити ахбори омма ва муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, аз ҷумла, аз Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иштирок доштанд.

Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Идизода Файзалӣ Фузайлшо бо сухани ифтитоҳии худ ба кори мизи мудаввар ҳусни оғоз бахшида, ҳозиринро хайра мақдам гуфта, барои иштирокашон дар чорабинии мазкур изҳори сипос намуд. Мавсуф вобаста ба мақсад ва зарурати баргузории чорабинии мазкур ибрози ақида намуда, баррасӣ ва таҳлили вазъи рушди қонунгузории пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муқоиса бо давлатҳои хориҷӣ яке аз масъалаҳои муҳими имрӯза маънидод намуд.

Маърӯзачиён вобаста ба масъалаҳои муҳими рушди қонунгузории пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришҳои пурмазмун пешниҳод намуданд. Аз ҷумла:

Саидзода Лутфулло – прокурори Раёсати назорати тафтишоти пешакӣ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мавзӯи «Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила»; Ҳимматов Ҳабибулло – н.и.ҳ, дотсенти кафедраи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мавзӯи «Чанд андеша оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила»: ҷанбаҳои мусбӣ ва норасоиҳо»; Қурбонов Қудратулло - сардори Раёсати ҳифзи иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, бо мавзӯи «Татбиқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила, дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ»; Давлатов Ҳамрохон – намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маърӯзаи «Баробарии мардон ва занон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо ба воситаи санадҳои меъёри ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ» ва ғайраҳо баромад намуданд.

Дар фарҷоми кори мизи мудаввар вобаста ба мавзӯъҳои матраҳгардида аз ҷониби иштирокчиён музокираҳо сурат гирифтанд. Хусусан, дар музокира зикр карда шуд, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» принсипи нав бо мазмуни зерин илова карда шавад:

1. «-иҷозат надодан ба одату анъанаҳои мардумие, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро маҳдуд месозад ва боиси зӯроварии оилавӣ мегардад.».
2. Аз матни тоҷикии моддаи 3 Қонун калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шавад.
3. Дар сархати чоруми моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» калимаҳои

«маҳкумкунии ҷамъиятии» ба калимаҳои «муҳокимакунии ҷамъятии» иваз карда шавад, зеро калимаи «маҳкумкунӣ» ба содир намудани кирдорҳои ҷиноятӣ мансуб буда, мақсади Қонуни мазкурро ифода наменамояд.

4. Масъалаи зӯроварии собиқ ҳамсарон дар Қонуни мазкур мушаххас шавад.

5. Дар моддаи 7 Қонун оид ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сархатҳои зерин илова карда шаванд:

«-таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила;

-роҳбарӣ ва назорат ба фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила;

-дастгирии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва фаъолияти онҳо дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила.»

6. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ваколати мақомоти прокуратура муқаррар карда шавад.

«Моддаи 10¹ Ваколати мақомоти прокуратура оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила

Мақомоти прокуратура оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила ваколатҳои зеринро доранд:

- назорат ба риояи қонунҳо дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила;

- баланд бардоштани дараҷаи тахассусии кормандони мақомоти прокуратура дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии

Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.».

7. Дар ном ва қисми моддаи 13 баъд аз калимаи «тандурустӣ» калимаҳои «ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ» илова карда шаванд.

8. Ба моддаи 13 Қонун сархатҳои зерин илова карда шаванд:

«- ҳангоми мурочиат ба ҷабрдида фаҳмонидани ҳуқуқҳои иҷтимоии ӯ ва расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ба ҷабрдида;

- дар ҳамкорҳ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ андешидани тадбирҳо ҷиҳати бо ҷои кор таъмин намудани ҷабрдида ва шахси зӯроварӣ дар оиларо содирнамуда;»

8. Моддаи 14 Қонун хориҷ карда шавад.

(Бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон №12, аз 19 ноябри соли 2013 Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд).

9. Дар қонун ваколати адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад:

«Моддаи 15¹ Ваколати адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила

Адвокатҳо ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти адвокатӣ:

- оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ба тариқи шифоӣ ва хаттӣ маслиҳат диҳанд;

- ариза, шикоят, дархост ва дигар ҳуҷҷати дорои хусусияти ҳуқуқиро тартиб диҳанд;

- дар мурофиаҳои судии гражданӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ иштирок намоянд;

- дигар намуди ёрии ҳуқуқиро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ расонанд.».

10. Қисми 9 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз болои амрномаи мухофизатӣ ба суд шикоят карданро муқаррар кардааст, вале муҳлати ба суд шикоят кардан аз болои амрномаи муҳофизатӣ дар Қонуни мазкур муайян нашудааст. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки муҳлати ба суд шикоят кардан дар моддаи дахлдор муқаррар карда шавад.

11. Дар моддаҳои 11, 19 ва 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ҳамоҳангӣ вуҷуд надорад. Дар моддаи 21 асос барои амрнома танҳо «мурочиат» омадааст, аммо дар моддаи 19 ҳамчун асос дигар ҳолат ҳам мавҷуд аст.

12. Такроран додани амрнома ва ё суҳбати хусусияти инфиродӣ дошта, ва

оқибатҳои он дар Қонун муфассал танзим карда шавад.

13. Дар моддаи 93[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайвандаки «ё» ба аломати «,» иваз карда шавад ва пас аз аломати мазкур калимаи «шаҳвонӣ» илова карда шавад.

14. Дар матни забони русии Қонун калимаҳои «психическое насилие» ба калимаҳои «психологическое насилие» иваз карда шаванд.

15. Зиёд намудани марказҳои ёрирасон дар ҳудудҳои сераҳолии ҷумҳурӣ ва таъсиси додани паноҳгоҳ барои будубоши муваққатии ҷабрдида.

16. Таъсиси Феҳристи ягонаи ҷиноятҳо вобаста ба зӯроварӣ дар оила.

17. Дар Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ройгон расонидани кӯмаки тиббӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ ба ҷабрдидаи зӯроварӣ дар оила муқаррар карда шавад.

18. Ҷиҳати амалӣ гардидани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» гузаронидани чорабиниҳо доир ба баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ муайян карда шавад.

**Анушервони Исрофил,**
сармутахассиси шуъбаи қонунгузории граждані, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗӮИ «НАҚШИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ПЕШРАФТИ ДАВЛАТДОРӢ ВА ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

25 июни соли 2018 дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзӯи «Нақши Ваҳдати миллӣ дар пешрафти давлатдорӣ ва инкишофи қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид. Дар кори мизи мудаввар намояндагон аз вазорату идораҳои давлатӣ ва муассисаҳои илмию тадқиқотии кишвар иштирок доштанд.

Мизи мудаввар бо сухани ифтитоҳии директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода оғоз гардида, қайд карда шуд, ки халқи тоҷик дар давлати ҷавони худ ба ин ҳама музаффарияту муваффақиятҳо дар ҳоле ноил гардад, ки тамоми қишрҳои ҷомеа муттаҳид шуда, Ваҳдати миллиро эълон намуданд.

Ҳамзамон, доир ба дигар паҳлӯҳои актуалии Ваҳдати миллӣ ва таҳкими он дар ҷомеа, баланд бардоштани ҳисси масъулият ва ватанпарастии шаҳрвандон, инчунин дастовардҳои беназири Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани Ваҳдати миллӣ маърӯзаҳои пурмуҳтаво аз ҷониби иштирокчиёни мизи мудаввар пешниҳод гардиданд. Ҳамчунин, масъалаҳои «Ваҳдати миллӣ ва рушди мақомоти назорати конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Сиёсати сулҳофарии тоҷикон»; «Нақши Ваҳдати миллӣ дар инкишофи давлатдории навини тоҷикон»; «Таҳкими Ваҳдати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Бақои миллат дар Ваҳдати миллист» ва дигар масъалаҳои ба Ваҳдати миллӣ тоҷикон алоқамандбуда таҳлилу баррасӣ гардиданд.

Мизи мудаввар бо доир шудани музокираҳо вобаста ба мавзӯъҳои матраҳнамудаи иштирокчиён ҷамъбаст гардид.

**Манучеҳр Ҳамидзод,**
мутахассиси пешбари шуъбаи иттилооти ҳуқуқӣ ва мураттабсозии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

| ТАЛАБОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН | ТРЕБОВАНИЯ ДЛЯ АВТОРОВ |
|---|---|
| **1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН**<br>- насаб, ном ва номи падари муаллиф/ муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);<br>- номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, агар хориҷӣ бошад – қайди давлат, шаҳр (бо се забон);<br>- почтаи электронии муаллиф/муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон);<br>- акси муаллиф дар формати JPEG. | **1. СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ**<br>- фамилия, имя, отчество автора/авторов (на таджикском, русском и английском языках);<br>- полное название организации – должность, звание, ученая степень, если иностранец/иностранцы – указать страну, город (на трех языках);<br>- электронная почта автора/авторов (телефон для связи редакторов);<br>- фотография в формате JPEG. |
| **2. НОМИ МАҚОЛА**<br>Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад. | **2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ**<br>Приводится на таджикском, русском и английском языках. |
| **3. КАЛИДВОЖАҲО**<br>Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд. | **3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА**<br>Приводятся на таджикском, русском и английском языках. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точка с запятой (;) |
| **4. АННОТАТСИЯ**<br>Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад. | **4. АННОТАЦИЯ**<br>Приводится на таджикском, русском и английском языках. |
| **5. БАХШҲОИ МАВЗӮӢ**<br>Нишон додани рамзи «КУД» ё «КОА» (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ). | **5. ТЕМАТИЧЕСКИЕ РУБРИКИ**<br>Указывается код УДК или ВАК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников). |
| **6. ОРОИШИ МАТН**<br>*Доираи саҳифа*: 3 см. аз чап, 1 см. аз рост,<br>2 см. аз боло ва 2 см. аз поён.<br>*Шрифт*: Times New Roman TJ 14 кгл; Times New Roman 14 кгл (барои матни русӣ).<br>*Фосила:* 1.5.<br>*Сархат*: 1.25 см.<br>*Ориентатсия*: «книжная», бе гузоштани саҳифа, бе кӯчонидан аз сатр ба сатр, истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ: «[1]». Агар саҳифа дошта бошад: «[1, с. 12]». Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.<br>*Барномаи таҳририӣ*: бастаи Microsoft Office - Word 2003 ё Word 2007.<br>*Номи мақола*: дар маркази сатр, бе сархат, бо ҳарфҳои калон.<br>*Матн*: баробаркунӣ – «по ширине».<br>*Ҳаҷми саҳифа*: на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ). | **6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА**<br>*Поля*: 3 см. слева, 1 см. справа, 2 см. сверху и 2 см. снизу.<br>*Шрифт*: Times New Roman 14 кгл; Times New Roman TJ 14 кгл (для таджикского текста).<br>*Интервал*: 1.5.<br>*Абзацный отступ*: 1.25 см.<br>*Ориентация*: книжная, без простановки страниц, без переносов, библиографическая ссылка на источник внутри текста, обозначается цифрами внутри квадратных скобок: «[1]». Если имеется страница: «[1, с. 12]». Повтор ссылки с указанием номера прежней ссылки и новой цифрой страницы.<br>*Редактор формул*: пакет Microsoft Office - Word 2003 или Word 2007.<br>*Название статьи*: по центру, без отступа, прописными буквами.<br>*Текст*: выравнивание «по ширине».<br>*Объем страниц*: не менее 7 страниц (для научной статьи). |
| **Шакли намунавии барасмиятдарории рӯйхатҳои библиографӣ** | **Примерный формат оформления библиографических списков** |

| | |
|---|---|
| **МАҚОЛА АЗ МАҶАЛЛАҲО ВА МАҶМӮАҲО** | **СТАТЬИ ИЗ ЖУРНАЛОВ И СБОРНИКОВ** |
| Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ. 1, мод. 699.<br>Баҳриддинов С.Э. Доир ба баъзе масъалаҳои назарияи пешгирии ҷинояткорӣ // Қонунгузорӣ. 2011. №1. С. 68-72. | Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2004 г., №12, ч. 1, ст. 699.<br>Баҳриддинов С.Э. Доир ба баъзе масъалаҳои назарияи пешгирии ҷинояткорӣ // Законодательство. 2011. №1. С. 68-72 |
| **МОНОГРАФИЯҲО:** | **МОНОГРАФИИ** |
| Тарасова В.И. Политическая история Латинской Америки: учебник для вузов. – 2-е изд. – М.: Проспект, 2006. С. 305-412. | Тарасова В.И. Политическая история Латинской Америки: учебник для вузов. – 2-е изд. – М.: Проспект, 2006. С. 305-412. |
| **АВТОРЕФЕРАТҲО** | **АВТОРЕФЕРАТЫ** |
| Глухов В.А. Исследование, разработка и построение системы электронной доставки документов в библиотеке: Автореф. дисс. ... канд. техн. наук. - Новосибирск, 2000. -18 с. | Глухов В.А. Исследование, разработка и построение системы электронной доставки документов в библиотеке: Автореф. дисс. ... канд. техн. наук. - Новосибирск, 2000. -18 с. |
| **ДИССЕРТАТСИЯҲО** | **ДИССЕРТАЦИИ** |
| Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: Дисс. ... канд. полит. наук. - М., 2002. С. 54-55. | Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: Дисс. ... канд. полит. наук. - М., 2002. С. 54-55. |
| **ШАРҲҲОИ ТАҲЛИЛӢ** | **АНАЛИТИЧЕСКИЕ ОБЗОРЫ** |
| Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. - 39 с. | Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. - 39 с. |
| **МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯҲО** | **МАТЕРИАЛЫ КОНФЕРЕНЦИЙ** |
| Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. 350 с. | Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. 350 с. |
| **ҲУҶҶАТҲО АЗ ИНТЕРНЕТ** | **ИНТЕРНЕТ-ДОКУМЕНТЫ** |
| Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Манбаи электронӣ] //URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (санаи муроҷиат: 12.09.2016).<br>Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 5 марти соли 2007 [Манбаи электронӣ] //URL:http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2007/ (санаи муроҷиат: 12.10.2016). | Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Электронный ресурс] //URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (дата обращения: 12.09.2016).<br>Закон Республики Таджикистан «О физической культуре и спорте» от 5 марта 2007 года [Электронный ресурс] //URL:http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2007/ (дата обращения: 12.10.2016). |

*Масъули нашр*
**М. Ҳамидзод**

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ шуда, дар матбааи «Графика Принт» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.

Ба матбаа 15.06.2018 супорида шуд. Ба чопаш 20.06.2018 иҷозат дода шуд. Коғази офсетии №1. Андозаи 60x84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0. Адади нашр 200 нусха.

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов, 13 телефон/факс 227-63-64*

*Ответственный за выпуск*
**М. Хамидзод**

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии «Графика Принт».

Сдано в печать 15.06.2018. Разрешен к печати 20.06.2018 Бумага офсетная №1. Формат 60x84 1/8. Шрифт Times New Roman Tj. Условный печатный лист 10,0. Тираж 200 экз.

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица А.Адхамова, 13 телефон/факс 227-63-64*

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» оид ба масъалаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ мақолаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ ва таҳлилӣ нашр карда, доир ба чорабиниҳои муҳими сиёсию ҳуқуқии ҷумҳурӣ маълумот медиҳад ва бо мақсади фаҳмо гардидани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тафсирҳо таҳия намуда, аз мутахассисони варзидаи соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба саволҳои мубрами хонандагони худ посух меҷӯяд ва бо фаъолияти густурда ҷиҳати боло рафтани сатҳи дониши ҳуқуқии шаҳрвандон саҳм мегирад.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯши чакана бароварда мешавад. Беҳтарин роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи «Қонунгузорӣ» дар ҳамаи шуъбаҳои алоқа анҷом дода мешавад.

Индексы обуна: 77710
Нархи яксолаи обуна -160 сомонӣ

Реквизитҳои бонкӣ:
Ташкилоти дастраскунанда: Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Бонки масъул: Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
С / ҳ 20204972712010100002, с/м 22402972000002, МФО 350101800,
РМА 010082702.

В журнале «Законодательство» публикуются научные, научно-популярные и аналитические статьи по вопросам права и законодательства, размещается информация о важнейших политических и правовых мероприятиях страны, а также с целью разъяснения основных требований нормативных правовых актов – соответствующие комментарии к ним. Также на страницах журнала можно найти ответы высококвалифицированных специалистов в области права на вопросы читателей, которые позволят поднять уровень правовой образованности широких масс населения.

В розничную продажу журнал поступает в ограниченном количестве. Наилучшим условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.

Подписка на издание осуществляется во всех отделениях связи республики.

Подписной индекс: 77710
Цена на годовую подписку - 160 сомони

Банковские реквизиты:
Получатель: Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан
Банк получателя: Главное управление центрального казначейства Министерства финансов РТ
Р/с 20204972712010100002, к/с 22402972000002, БИК 350101800, ИНН 010082702